ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

# МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ БАҲИСОБГИРӢ, АУДИТ, ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДӢ ВА ОМОР ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ




ДУШАНБЕ - 2025

**Ҳайати таҳририя:**
Қодиров Ф.А., Фарайдунов О.Қ.,
Ҳамроев М.И., Худойбердиев Ҷ.М.

**Редакционная коллегия:**
Кодиров Ф.А., Фарайдунов О.К.,
Хамроев М.И., Худойбердиев Дж.М.

Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардидани солҳои 2025-2030, «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон шудани соли 2025 ва 34-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21-26 апрели соли 2025) – Душанбе, 2025.- 136 саҳ.

Дар маҷмӯа маърӯзаҳои илмии профессорон, омӯзгорон, докторантон, унвонҷӯён ва магистрантону донишҷӯён гирд оварда шудааст. Мақолаҳо палӯҳои гуногуни масоили илми иқтисодӣ аз қабили самтҳои молия, андоз, бонк, суғурта, фаъолияти биржавӣ ва саноатро дар бар мегирад.

Масъулияти муҳтавои илмӣ, далелҳо ва иқтибосҳо ба зиммаи худи муаллифони мақолаҳо вогузор мегардад.

Сборник материалов общеуниверситетской научно-теоретической конференции преподавателей, сотрудников, магистрантов, докторантов и студентов, посвященной объявление 2025-2030 годов «Годами развития цифровой экономики и инноваций», «Международным годом сохранения ледников» объявление года 2025 и 34-я годовщина государственной независимости Республики Таджикистан (21-26 апреля 2025 г.) –Душанбе, 2025. -136 стр.

В сборнике собраны научные доклады профессоров, преподавателей, докторантов, соискателей, магистрантов и студентов. Статьи охватывают широкие аспекты экономической науки, такие как финансы, налогообложение, банковское дело, страхование, деятельность фондового рынка и промышленность.

Ответственность за научное содержание, точность факторов и цитаты несут авторы опубликованных материалов.

**©ДДМИТ, 2025**
**©ТГФЭУ, 2025**

## ХУСУСИЯТҲОИ АУДИТИ АНДОЗБАНДӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

**Тилабов Ёрибек Эмомназарович** – декани факултети ҳисобдорӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и., дотсент Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,к. Нахимов,64/4. (+992)935987121

Дар мақола муаллиф оид ба хусусиятҳои аудити андозбандӣ дар корхонаҳо ва раванди аудити андозбандӣ дар корхонаҳои саноатӣ баррасии дурустии ҳисоботҳои молиявӣ, таҳлили андозҳои пардохтшуда, арзёбии системаи муҳосибӣ ва назорати дохилӣ, ва риояи қонунҳои андоз ва сиёсати мавҷудаи давлат зери таҳқиқ қарор додаст. Инчунин дар мақола хусусиятҳои аудити андозбандӣ, мақсад ва вазифаҳои он дида баромадааст.

**Калидвожаҳо:** аудити андозбандӣ, корхонаҳои саноатӣ, ҳисоботҳои молиявӣ, андоз, назорати дохилӣ, мутобиқат, қонунҳо.

## ОСОБЕННОСТИ НАЛОГОВОГО АУДИТА НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

**Тилабов Ёрибек Эмомназарович** – декан факультета учета и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, кандидат экономических наук, доцент г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/4. (+992)935987121

В статье автор рассматривает особенности налоговых проверок предприятий и процесс проведения налоговых проверок промышленных предприятий, включая проверку достоверности финансовой отчетности, анализ уплаченных налогов, оценку системы бухгалтерского учета и внутреннего контроля, а также соблюдение налогового законодательства и действующей государственной политики. В статье также рассматриваются особенности налоговой проверки, ее цели и задачи.

**Ключевые слова:** налоговый аудит, промышленные предприятия, финансовая отчетность, налог, внутренний контроль, соблюдение, законодательство.

## FEATURES OF TAX AUDIT AT INDUSTRIAL ENTERPRISES

**Tilabov Yoribek Emomnazarovich –** candidate of economic sciences, associate professor, dean of the faculty of accounting and statistics of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/4. (+992)935987121

In the article, the author examines the features of tax audits of enterprises and the process of conducting tax audits of industrial enterprises, including verification of the reliability of financial statements, analysis of taxes paid, assessment of the accounting system and internal control, as well as compliance with tax legislation and current state policy. The article also examines the features of a tax audit, its goals and objectives.

**Keywords:** tax audit, industrial enterprises, financial statements, tax, internal control, compliance, legislation.

Ҳолати муосири иқтисодиёти ватанӣ такмилдиҳии низоми идоракунии тиҷоратро талаб мекунад. Дар ин маврид бояд тадбирҳоеро бояд андешид, ки ба рушди назорати дохилии низоми баҳисобгирӣ ва андозбандии субъектҳои иқтисодӣ мусоидат кунанд.

Барои истифодабарандагони ҳисобот на танҳо эътимоднокии маълумоти дар эъломияи андоз ва ҳисоботи баҳисобгирии (молиявӣ) инъикосёфта муҳим аст, инчунин баҳодиҳии хавфҳои андозе, ки ба вазъи молиявии ташкилот таъсир мерасонанд, муҳим аст, аз ин рӯ, нақши аудити андозбандӣ ба таври назаррас меафзояд. Имрӯз аудити андозбандӣ ягона воситае мебошад, ки метавонад ба роҳбарият, соҳибкорон ва дигар истифодабарандагони манфиатдор дар бораи вазъи ҳисоббаробаркунии андоз бо буҷет маълумоти воқеӣ ва мӯътамад таъмин намояд, инчунин низоми андозбандии субъекти иқтисодиро муносиб гардонад [1].

Аудити андозбандӣ як ҷузъи муҳим ва ҷудонашавандаи низоми молиявӣ ва идоракунии корхонаҳо мебошад. Аудити андозбандӣ ҳамчун як механизми назоратӣ ва таҳлилӣ барои таъмин намудани дурустии ҳисоботҳои молиявии корхонаҳо ва мутобиқат бо қонунҳои андоз амал мекунад. Дар корхонаҳои саноатӣ, ки фаъолиятҳои иқтисодии пуршиддат ва мураккаб доранд, аудит ба хусусиятҳои махсуси андозбанди таваҷҷуҳ мекунад [2]. Аудити андозбандӣ ба санҷиш ва баҳогузории дурусти ҳисоботҳои молиявии корхонаҳо бо диққат ба андозҳо, миқдори пардохтҳо, ва риояи қонунҳо ва лоиҳаҳои иқтисодӣ марбут аст. Мақсади асосии аудити андозбандӣ ин аст, ки муайян созад, ки корхона андозҳои худро дуруст ва мувофиқи қонунҳои амаликунанда пардохт мекунад. Ҳар як корхона, аз ҷумла корхонаҳои саноатӣ, ба гузаронидани аудити андозбандӣ дар марҳилаҳои муайян лозим аст.

**Расми 1. Гуруҳбандии принсипҳои аудити андозбандӣ**

Таъсири аудит ба корхонаҳои саноатӣ ҳам дар беҳтар кардани системи молиявии корхонаҳо ва ҳам дар баланд бардоштани шаффофият ва эътимоди ширкат ба муштариён ва мақомоти давлатӣ мебошад. Бо риояи қонунҳо ва дурустии ҳисоботҳо, корхонаҳо метавонанд фаъолиятҳои молиявии худро боз ҳам самарабахштар ва муфидтар анҷом диҳанд.

Ҳамчун аломати асосии гуруҳбандӣ, вобаста аз таъинот принсипҳои аудити андозбандӣ интихоб карда шуда, бо истифода аз он ду гурӯҳи асосии принсипҳоро ҷудо мекунанд: тартибӣ ва мазмунӣ.

Принсипҳои тартибӣ асоси тартиби зерини гузаронидани аудити андозбандиро дар бар мегиранд:

– дарки фаъолияти субъекти тафтишшаванда;
– муайян намудани доираи аудит;
– банақшагирӣ;
– ҷамъоварии далелҳои аудиторӣ;
– муҳимият;
– интихобӣ;
– ҳуҷҷатгузорӣ;
– таҳияи ҳуҷҷати ниҳоӣ.

Чунин принсипҳо марҳилаҳои аудити андозбандиро тавсиф карда, сохтори методологияи татбиқи онро муайян мекунанд.

Бояд гуфт, ки рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ба сатҳи рушди корхонаҳои саноатӣ зич алоқаманд аст, ки саҳми соҳаҳоро дар таъмини рушди инноватсионии иқтисодӣ ба таври объективӣ инъикос мекунад. Нақши корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бузург аст, зеро шумораи ҷойҳои корӣ, саҳмҳои андоз ба буҷети минтақавӣ ва давлатӣ аз онҳо вобастагӣ дорад [4]. Дар давраи соҳибистиқлолӣ дар кишвар дар рушди саноати миллӣ тағйироти куллии сохторӣ ба амал омад. Танҳо дар панҷ соли зери таҳқиқот қароргирифта 641 корхонаҳои саноатӣ ба истифода дода шуд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии рушди корхонаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023**

| Нишондиҳанда / Солҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/2019 % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 2802 | 129,7 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои с.2022, млн. сомонӣ | 26362 | 29841 | 32467 | 39221 | 43025 | 163,2 |
| Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, ҳазор нафар | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | 100,8 |
| аз он коргарон | 72,1 | 73,2 | 67,7 | 68,3 | 71,2 | 98,8 |
| Индексҳои истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта | 110,6 | 113,2 | 108,8 | 120,8 | 109,7 | 99,1 |

**Сарчашма: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023.**

Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои с.2023, ба 43025 млн сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2019 163,2 фоиз зиёд аст. Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ дар ин солҳо 0,7 ҳаз. нафар, ё 0,8 фоиз афзудааст. Аммо шумораи коргарони соҳаи саноат 0,9 ҳаз нафар кам шуда, 98,8 фоизи соли 2019-ро ташкил дод. Индексҳои

истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта бомаром раванди болоравӣ дорад [3].

Хулоса, аудити андозбанди дар корхонаҳои саноатӣ на танҳо як раванди маҷбурӣ аст, балки як механизми муфид барои беҳтар кардани равандҳои молиявӣ ва рушди устувори корхонаҳо мебошад. Бо риояи қонунҳо ва нигоҳ доштани дурустии ҳисоботҳо, корхонаҳо метавонанд ба самараи бештар дар иқтисодиёти миллӣ расида, дар муқобила бо хатарҳои молиявӣ ва ҳуқуқӣ баромад кунанд. Дар охир, аудит дар иҷрои фаъолияти қонунии андоз ва амалиёти молиявии солим нақши муҳимро мебозад.

**Адабиёт**

1. Андреев, В. Д. Внутренний аудит: учеб. пособие / В. Д. Андреев. – М. : Финансы и статистика, 2003. – 462 с.
2. Попова, Л.В. Аудит налогообложения: учебное пособие / Л. В. Попова, Л. Н. Никулина. – М.: Дело и Сервис, 2009. – 192 с.
3. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023.
4. Шукуров Д. Р., Худоёрова У. Д. Нақши корхонаҳои саноатӣ дар рушди устувори иқтисодиёти мамлакат / Журнал Экономические науки. Ст 43-46

## МАСЪАЛАҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ТИБҚИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ (СБҲМ) ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бобомуродов Бобомурод Элмуродович** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, Нахимов 64/14 Телефон: 91-941-62-26. E-mail: Bobomurod2007-73@mail.ru

Дар мақолаи мазкур мавқеи СБҲМ дар низоми ҳисобдории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, таъмини истифодабарандагон бо иттилооти молиявии шаффоф ва боэътимод асоснок карда шудааст. Инчунин, омилҳои ба ҷараёни татбиқи СБҲМ таъсиррасон номбар карда шуда, тадбирҳои муҳим мутобиқсозӣ арзёбӣ гардидааст.

Дар мақолаи мазкур дар натиҷаи омӯзиши маводҳои илмӣ ва амалӣ, бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, давраҳои гузариш ба СБҲМ ва истифодабарии он дар ташкилотҳои ватанӣ муайян карда шуда, афзалиятҳои истифодабарии СБҲМ номбар карда шудааст

**Калидвожаҳо:** низоми ҳисобдорӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, ҳисоботи молиявӣ, СБҲМ.

## ВОПРОСЫ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА ПО МЕЖДУНАРОДНЫМ СТАНДАРТАМ ФИНАНСОВОЙ ОТЧЕТНОСТИ (МСФО) В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Бобомуродов Бобомурод Элмуродович** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент заведующей кафедрой бухгалтерского учета. Адрес: 734064, Республика Таджикистан, город Душанбе, Нахимов 64/14 Телефон: 91-941-62-26. E-mail: Bobomurod2007-73@mail.ru

В данной статье рассматривается положение МСФО в системе бухгалтерского учета Республики Таджикистан, обосновывается предоставление пользователям прозрачной и достоверной финансовой информации. Также перечислены факторы, влияющие на процесс внедрения МСФО, и дана оценка важным мерам адаптации.

В данной статье в результате изучения научно-практических материалов с учетом опыта зарубежных стран определены периоды перехода на МСФО и его использования в отечественных организациях, а также перечислены преимущества использования МСФО

**Ключевые слова:** система бухгалтерского учета, бухгалтерский учет, управленческий учет, финансовая отчетность, МСФО.

## ACCOUNTING ISSUES ACCORDING TO INTERNATIONAL FINANCIAL REPORTING STANDARDS, (IFRS) IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Bobomurodov Bobomurod Elmurodovich** -Tajik State University of Finance and Economics, PhD in Economics, Associate Professor at the head of the Accounting Department. Address: 734064, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov 64/14 Phone: 91-941-62-26. E-mail: Bobomurod2007-73@mail.ru

This article discusses the position of IFRS in the accounting system of the Republic of Tajikistan, and justifies the provision of users with transparent and reliable financial information. Also, factors affecting the process of implementing IFRS are listed, and important adaptation measures are assessed.

This article, as a result of studying scientific and practical materials, taking into account the experience of foreign countries, identifies the periods of transition to IFRS and its use in domestic organizations, and lists the advantages of using IFRS

**Keywords:** accounting system, accounting, accounting, management accounting, financial reporting, IFRS.

Низоми идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ барои мақсадҳои қабули қарорҳои идоравӣ ба иттилооти гуногун ниёз дорад. Иттилоот вобаста ба талаботи истифодабарандагонаш дар бозор чун мол аст ва агар сифати хуб дошта бошад, талабот ба он зиёд мешавад. Агар иттилоот ба рушди фаъолияти ташкилот таъсир расонад, он гоҳ манфиатнок аст. Албатта пешравии фаъолияти соҳибкории пурсамар аз сари вақт дастрас намудани иттилооти зарурӣ ва барои қабули қарорҳо самаранок вобастагӣ дорад.

Дар таъмини иттилоотии низоми идоракунӣ баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун низоми иттилоотӣ мавқеи муайян дорад. Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба худ низоми баҳисобгирии молиявӣ, идоравӣ ва андозиро дарбар мегирад. Иттилооти молиявӣ дар низоми баҳисобгирии молиявӣ ташаккул меёбад. Баҳисобгирии молиявӣ, ин қисми таркибии баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҳисоб рафта, низоми ташаккули иттилооти аввалияи ҳуҷҷатигардонидашуда доир ба инъикоси амалиётҳои вобаста ба ҳаракати объектҳои баҳисобгирӣ ва пешниҳоди иттилооти ҷамъбастӣ дар намуди ҳисоботи молиявӣ ба истифодабарандагон мебошад. Мақсади асосии баҳисобгирии молиявӣ, ин пешниҳоди иттилооти саривақтӣ, боэътимод ва бо ҳуҷҷат асоснокшуда барои қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад. Баҳисобгирии молиявӣ чун “оинаи

молиявӣ”-и  ташкилот ба ҳисоб рафта, бахши асоситарин ва ниҳоят муҳимми низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёт ва раванди ҷаҳонишавӣ ба иттилооти молиявии шаффоф ва боэътимод талабот зиёд мегардад. Дар таъмини иттилооти молиявӣ таҳияи ҳисобот тибқи Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ) мавқеи муайян дорад. СБҲМ ин қоидаҳои муайян, асос, тартиб, усулҳои таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мебошанд. Мақсади асосии истифодабарии стандартҳои байналмилалӣ, ин таъмини шаффофияти ҳисоботи молиявӣ, саҳеҳияти пешниҳоди ҳолати молиявӣ ва натиҷаҳои фаъолияти ташкилот мебошад.

Аз ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай 23 сол сипарӣ шуд. Дар давоми солҳои 2002-2025 доир ба такмили низоми миллии баҳисобгирӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шуданд, ки аз тарафи олимони соҳа мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Олимони ватанӣ Уроқов Д.У., Низомов С.Ф., Шобеков М., Хушвахтзода Қ.Х., Мирзоалиев А.А., Каримов Б.Ҳ., Раҳимов С.Х. ва дигарон доир ба масъалаҳои пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ, гузариш ба СБҲМ ва истифодабарии он дар ташкилотҳо таҳқиқотҳо гузаронидаанд. Дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои гузариш ба СБҲМ ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ баррасӣ карда мешавад.

СБҲМ чун система низоми стандартҳои глобалӣ буда, яке аз инструментҳои боэътимоди пешниҳоди иттилооти молиявӣ ба соҳибмулкон, инвесторон, қарздеҳон ва таъминкунандагон барои қабули қарорҳои дурусти идоравӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 [3], ки барои таъмини иҷрои марҳилаи дуюми Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия гардидааст, расмикунонии иқтисоди ниҳонӣ ва такмили низоми баҳисобгирӣ яке аз омилҳои рушди иқтисоди миллӣ муайян карда шудааст[2]. Вобаста ба ин, ҳар як субъекти хоҷагидорӣ бояд пешбурди баҳисобгириро тибқи қонунгузории соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва талаботҳои СБҲМ ба роҳ монад. Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳо гузариши субъектҳои дорои манфиати умум ва корхонаҳои азими давлатӣ ба СБҲМ, то ҳол тадбирҳои муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки барои ноил шудан ба Ҳадафи рушди устувор - инфрасохтор ва саноатикунонӣ таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии шаффоф ва боэътимод зарурат дорад. Зеро нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ барои ҳисоб намудани индикаторҳо, аз он ҷумла, барои ҳисоб кардани коркарди маҳсулоти софи саноатӣ ба сари аҳолӣ, ҳиссаи арзиши иловашудаи маҳсулоти саноатии соҳаҳои сатҳи миёнаи технологӣ ва баланди технологӣ дар ҳаҷми умумии арзиши иловашудаи маҳсулоти соҳаҳои саноатӣ, коэффитсиенти фаъолнокии инноватсионии корхонаҳо истифода бурда мешаванд[3].

Мавриди зикр аст, ки дар замони муосир СБҲМ аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун қолаби ташаккул ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии ташкилотҳо эътироф гардидааст. Ҳоло истифодаи он ҳамчун элементи обрӯву эътибори ташкилотҳо ва давлатҳои алоҳида мебошад. Тартиб додани ҳисобот тибқи СБҲМ, яке аз инструменти универсалӣ барои баҳодиҳии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар тамоми ҷаҳон ба ҳисоб меравад [4]. Аз ин ҷо барои таҳкими ҳамкории судманд барои ҳар як давлат ин гузариш ба СБҲМ мебошад. Аз

тарафи дигар, СБҲМ яке аз воситаҳои табодули иттилооти молиявӣ байни субъектҳои гуногуни иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Ҷорӣ намудани СБҲМ ба фаъолияти ташкилотҳои ватанӣ барои гирифтани иттилооти боэътимод ва шаффофи молиявӣ аз тарафи истифодабарандагони гуногун мусоидат мекунад. Ҳисоботи молиявии баландсифати мутобиқи СБҲМ таҳияшуда, ба паст гардидани хавфҳои баҳисобгирӣ, аудиторӣ ва андозӣ оварда мерасонад, воситаи муносиб барои таҳлили молиявӣ ва идоравӣ мебошад [5].

Мувофиқи маълумоти сомонаи Фонди СБҲМ ба ҳолати 1 январи соли 2025 дар миқёси ҷаҳон 43 номгӯй СБҲМ (IFRS) қабул карда шудааст, ки аз онҳо 26 номгӯй IAS ва 17 номгӯй IFRS мебошад. Ба заминаҳои гузариш ба СБҲМ инҳо дохил мешаванд: талаботи соҳибмулки ташкилот, талаботи қонунгузории миллӣ, фаъолияти муштарак бо инвесторони хориҷӣ ва ҷалби қарзҳо бо фоизи паст [6].

Мақсади гузариши субъектҳои хоҷагидории ватанӣ ба СБҲМ, ин баланд бардоштани сифати иттилооти молиявӣ мебошад, ки ба ташаккули афзалиятҳои рақобатии ташкилот дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ оварда мерасонад. Бояд қайд намуд, ки барои гузариш ба СБҲМ омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

1) стандартҳои байналмилалӣ асоси иттилооти молиявии босифат ба ҳисоб мераванд, ки инро таҷрибаи ҷаҳонии таҳияи ҳисоботи молиявӣ нишон медиҳад;

2) истифодабарии СБҲМ вақт ва захираҳоро сарфа мекунанд, ки барои таҳияи стандартҳои миллӣ зарур аст, ҳамчунин, барои ташаккули низоми самараноки баҳисобгирӣ ва ҳисобот мусоидат мекунад;

3) СБҲМ барои рушди тахассуси муҳосибон замина гузошта, ваколату уҳдадориҳоро васеъ ва донишу малакаи муҳосибонро зиёд мегардонад;

4) СБҲМ аз тарафи суъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун тарзи ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти ватанӣ истифода бурда мешавад[4].

То ин ҷониб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки барои гузариш ба СБҲМ заминаи меъёрӣ гузоштанд. 4 ноябри соли 2002 таҳти рақами 428 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оиди Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ” қабул гардид, ки барои гузариш ба стандартҳои байналмилалӣ заминаи ҳуқуқӣ гузошт.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” соли 2011 дар таҳрири нав барои рушди низоми миллии баҳисобгирӣ такони ҷиддӣ бахшид, зеро мафҳум ва талаботҳои нав дохил карда шуданд.

Инчунин, тибқи талаботи СБҲМ ва қонунгузории ҷумҳурӣ корхонаю ташкилотҳо барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ бояд сиёсати ҳисобдориро таҳия намоянд[1]. Дар раванди эътироф ва баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳо, даромаду хароҷот тибқи талаботи СБҲМ муҳосибон андешаи касбиро истифода мебаранд, ки ин албатта донишу малакаи касбиро талаб менамояд. Ба назари мо, андешаи касбӣ, ин фикррονии мутахассисон доир ба қабули қарорҳо дар шароити номуайянӣ ва хавф дар асоси донишу малакаи касбӣ мебошад.

Дар натиҷаи омӯзиши таълифотҳои касбӣ, бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, талаботҳои амалия ва таҷрибаи корию машваратдиҳии самтҳои асосии рушди низоми миллии баҳисобгирӣ ва ҳисобот пешниҳод карда мешавад:

1) такмили асосҳои қонунгузорӣ ва муҳити институтсионалии низоми

баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот;

2) баланд бардоштани талаботҳо доир ба баҳодиҳии салоҳияти касбии сармуҳосибони ташкилотҳо;

3) беҳтар намудани инфрасохтори истифодабарии СБҲМ дар ташкилотҳо;

4) баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон бо роҳи ташкил ва гузаронидани семинару тренингҳои омӯзишӣ;

5) рушди иқтисоди рақамӣ ва такмили низоми автоматикии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот;

6) такмили нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва шаклҳои ҳисоботи молиявӣ вобаста ба талаботи замон.

Ҳамин тариқ, СБҲМ дар такмили низоми миллии баҳисобгирӣ ва ҳисобот мавқеи муайян дошта, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ тибқи талаботи СБҲМ барои интегратсияи иқтисодиёти кишвар ба фазои ҷаҳонии иқтисодӣ, расмикунонии иқтисоди пинҳонӣ, баланд бардоштани фаъолияти самараноки ташкилотҳо, тезонидани раванди инвеститсионӣ, беҳтар намудани сифати идоракунии ташкилотҳо ва зиёдшавии афзалиятҳои рақобатии тиҷорат ба таври амалӣ мусоидат намуда, рушди устувори иқтисоди миллиро таъмин менамояд.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011, №702.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016.
3. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» апрели соли 2021 №168 тасдиқ шудааст. - Душанбе, 2021.
4. Бобомуродов, Б. Э. Роль Международные стандарты бухгалтерского учета в государственном секторе Республики Таджикистана / Б. Э. Бобомуродов // Финансово-экономический вестник. – 2022. – № S2.1(31). – С. 78-83. – EDN TIQCSF.
5. Бобомуродов, Б. Э. Хусусияти баҳисобгирии идоракунӣ дар фаъолияти ташкилот / Б. Э. Бобомуродов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-2(39). – P. 410-416. – EDN HFVKRM.
6. Низомов, С.Ф. Проблемы внедрения МСФО в Таджикистане и пути их преодоления / С.Ф. Низомов, М. Шобеков // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2015. -№2-1(9). -С.216-221.


## МЕТОДОЛОГИИ БАҲИСОБГИИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР БОНКҲО ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ


**Сабзаева Мавзуна Саидқуловна** - н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/1. Телефон: 008-44-55-18.



Мақолаи мазкур ба таҳлили баҳисобгирии идоракунӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии баҳисобгирии идоракунӣ, ва масъалаҳои ҷорӣ намудани ҳисоботи идоракунӣ бахшида шудааст. Инчунин ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар

баҳисобгирии идоракунӣ бо истифодаи технологияҳои баландсифат ва ташкили қарорҳои стратегӣ оид ба фаъолияти бонкҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** баҳисобгирии идоракунӣ, бонк, марказҳои масъулият, буҷет, рақамикунонӣ.

## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА В БАНКАХ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ

**Сабзаева Мавзуна Саидқуловна** - к.э.н., доцент кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/1. Телефон: 008-44-55-18.

Данная статья посвящена анализу управленческого учета в кредитных организациях, основным целям и задачам управленческого учета, а также вопросам внедрения управленческого учета. Также исследовано внедрение цифровых технологий в управленческий учет с использованием качественных технологий и организации принятия стратегических решений в деятельности банков.

**Ключевые слова:** управленческий учет, банк, центры ответственности, бюджет, цифровизация.

## METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF MANAGEMENT ACCOUNTING IN BANKS IN THE CONTEXT OF DIGITALIZATION

**Sabzaeva Mavzuna Saidkulovna** - PhD in Economics, Associate Professor at the Accounting Department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/1 Nakhimov Street, Dushanbe, 734067, Republic of Tajikistan. Phone: 008-44-55-18.

This article is devoted to the analysis of management accounting in credit institutions, the main goals and objectives of management accounting, as well as issues of implementation of management accounting. The introduction of digital technologies in management accounting using high-quality technologies and the organization of strategic decision-making in the activities of banks is also studied.

**Key words:** management accounting, bank, responsibility centers, budget, digitalization

Низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ яке аз фишангҳои асосии фаъолияти хоҷагидорӣ маҳсуб ёфта, бевосита дар раванди идоракунӣ истифода бурда мешаванд, зеро онҳо дорои маълумоти тамоми соҳаҳои фаъолияти бонкӣ мебошанд.

Баҳисобгирии идоракунӣ имкон медиҳад, ки сохтори дороиҳо ва уҳдадориҳо, даромаду хароҷоти ба нақша гирифташуда ва воқеан иҷрошуда ва инчунин натиҷаҳои молиявӣ дар маҷмуъ дар бонк ва дар бахшҳои он (марказҳои масъулиятшиносӣ) таҳлил карда шавад.

Бояд қайд кард, ки мақсади бонкҳои тиҷоратӣ ба ҳадди аксар расонидани фоида аст, ки он тавассути афзоиши даромад ва кам кардани хароҷот бе талафоти сифат ба даст оварда мешавад.

Вобаста ба вижагиҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ марказҳои фурӯши маҳсулоти бонкҳо (қарзҳо, пасандозҳо, кортҳои бонкӣ),

хизматрасониҳои ҳисоббаробаркуниҳо (хазинавӣ, амалиёти асъорӣ), марказҳои ҳисоботи молиявӣ (МҲБ), масъул мебошанд.

Ғайр аз ин, низоми баҳисобгирии идоракунӣ маълумотро дар бораи гардиши пули накд, қарзи кредиторӣ ва дебиторӣ, дар бораи базаи мизоҷон, яъне маблағи дар суратҳисобҳои онҳо буда, гурӯҳбандии мизоҷон аз рӯйи минтақа ва соҳа, таҳлил мекунад.

Дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ фаъолияти муштариёни мушаххас, маълумот дар бораи шабакаи филиалҳо, аз ҷумла таҳлили муқоисавии фаъолияти филиалҳо, инчунин маълумот дар бораи амалиёти анҷомдодаи хоҷагидорӣ тафтиш карда мешавад.

М.А. Вахрушина мафҳуми чаҳор намуди масъулият: маркази хароҷот, маркази даромад, маркази фоида ва маркази сармоягузориро пешниҳод менамояд.

**Маркази хароҷот** воҳиди сохтории корхона мебошад, ки дар он имкон дорад стандартизатсия, банақшагирӣ ва баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолиро бо мақсади назорат ва идоракунии хароҷоти захираҳои истеҳсолӣ, инчунин баҳодиҳии истифодаи онҳо ташкил кунад.

**Маркази даромад** як маркази масъулиятест, ки мудири он барои тавлиди даромад масъул аст, аммо барои хароҷот масъул нест.

**Маркази фоида** ин марказест, ки мудири он ҳам барои даромад ва ҳам хароҷоти шӯъбаи худ масъул аст ва натиҷаи ниҳоии марказро нишон медиҳад. Аз ин рӯ ҳадафи маркази фоида оптимизатсия кардани хароҷот барои ба даст овардани фоидаи максималӣ мебошад.

**Маркази сармоягузорӣ** - бахши корхонае, ки роҳбарон даромаду хароҷоти корхона ва самаранокии истифодаи маблағҳои ба онҳо вогузоштащударо назорат мекунанд [1].

Бояд қард, ки дар ташкилотҳои қарзӣ **марказҳои хароҷот** шӯъбаҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла: шӯъбаи кадрҳо, хадамоти амният, шӯъбаҳои ҳуқуқӣ, нақлиёт, инчунин шӯъбаҳое мебошанд, ки аз ҳисоби аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ маблағ ҷалб мекунанд, яъне шӯъбаи кортҳои пластикӣ, шӯъбаи амонатҳои давлатӣ ва шуъбаи пули накд.

Нисбат ба бонкҳо **марказҳои даромад** шуъбаҳои чойгиркунии маблағҳо, яъне шуъбаҳои қарздиҳӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, шуъбаҳои коғазҳои қиматнок ва муомилоти асъор ва **марказҳои фоида** метавонанд филиалҳои бонкҳои тиҷоратӣ бошанд.

Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ низоми баҳисобгирии идоракунӣ метавонад буҷетсозиро ҳамчун воситаи асосии банақшагирии молиявӣ истифода барад, ки он ба бонкҳо имкон медиҳад, ки фаъолияти худро дар асоси омӯзиши захираҳои мавҷуда ва интихоби варианти оптималии истифодаи онҳо ба нақша гиранд.

Ба гуфтаи А.В. Колесникова татбиқи системаи буҷетӣ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад: ташкили сохтори молиявӣ; ташаккули нақшаи буҷетӣ, яъне муайян намудани намудҳои зарурии буҷетҳо ва ҳамкории байни онҳо; таҳияи шаклҳои буҷет, яъне муайян кардани шакл ва мазмуни ҳар як буҷет; таҳияи шаклҳои назорати буҷетӣ, яъне муқоисаи нишондиҳандаҳои пешбинишуда ва амалӣ ва таҳлили тағйироти онҳо [2].

Бояд тазаккур дод, ки буҷети бонк- ин силсилаи меъёрҳо аз рӯи ҳамаи самтҳои даромад ва хароҷот фаҳмида мешавад. Таҳияи буҷет дар бонк мавқеи асосиро ишғол менамояд. Бо мақсади таъмин намудани фаъолияти мунтазам ва инчунин ноил гаштан ба натиҷаҳои беҳтарини молиявӣ бонҳо бо ёрии раванди буҷетсозӣ даромад ва хароҷоти худро ба ҳаҷми самаранокии амалиётҳои баанҷомрасида мувофиқ кунонида, пардохтҳои

андозӣ ва хориҷкунии ҳатмиро камтар намуда, ҳадди ақали маржаи амалиётиро дар давраи оянда муайян менамоянд.

Яке аз равандҳои дигари идоракунӣ дар бонкҳо фаъолияти **таҳлилӣ** маҳсуб ёфта, ин раванди тақсим намудани як объект ё амал ба якчанд қисматҳо ва минбаъд таносуб додани онҳо ба якдигар, бо мақсади беҳтар омӯхтани сохтор, хусусият, рафтор ва ғайраҳо мебошад. Таҳлил яке аз усулҳои самараноктарини омӯзиш ба ҳисоб рафта, барои хубтар дарк кардани ҳолати мавҷуда ва қабули қарор истифода бурда мешавад. Вазифаи асосии таҳлил ин беҳтар намудани фаъолияти бонк мебошад.

Фаъолияти таҳлилӣ ба нақшагирии молиявии муҳосибот ва ба амалиёти муҳосибавӣ таъсир мерасонанд. Бонкҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин: дороиҳо, уҳдадориҳо, пардохтпазирӣ, даромаднокӣ, фаъолияти корӣ, шиддати пулӣ, нархи бозорӣ таҳлили молиявӣ гузаронида, ҳолати молиявии бонкро баҳогузорӣ менамоянд ва эҳтимолияти муфлисшавии бонкро пешгӯӣ намуда, тавсияхои худро пешниҳод менамоянд.

Дигар раванди идоракунӣ дар бонкҳо ин **раванди баҳогузорӣ**, алалхусус баҳогузории хавфҳои бонкӣ маҳсуб меёбад. Мақсади асосии баҳогузории хавфҳо ин зоҳир намудани мутобиқии натиҷаҳои корҳои муайяни ташкилоти қарзӣ ба шароитҳои бозори ҷорӣ мебошад. Барои ин бисъёртар усули истифодабарии таҳлилии сандуқи қарзӣ ва инчунин нишондиҳандаҳои асосии молиявӣ истифода бурда мешавад. Ин имконияти фаъолияти бонк ва инчунин самти асосии фаъолияти кориро инъикос менамояд. Ба ғайр аз ин баҳогузорӣ барои муайян намудани дараҷаи хавфи қарзӣ мусоидат менамояд. Баҳогузории дурусти арзиши хавфҳо ба бонк имконият медиҳад, ки ҳаҷми зарарро муайян намуда, роҳҳои ихтисор намудани онро пешбинӣ намоянд.

Идоракунии дурусти хавфҳои молиявӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Дар ин ҷанбаъ интихоби стратегияи муносиб аҳамияти муҳим дорад. Мақсади асосии идоракунии хавфҳои бонкӣ кам кардан ё ин ки маҳдуд намудани пайдоиши имкониятҳои талафотҳои молиявӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, ҷорӣ ва ба роҳ мондани баҳисобгирии идоравӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки онҳо дар шароити муосир самараноктар фаъолият намуда, мувофиқан ба нишондиҳандаҳои беҳтарини фаъолияти дарозмуддат ноил гарданд, ки ба таҳкими мавқеи бонкҳои тиҷоратӣ дар бахши бонкӣ мусоидат мекунанд.

Баҳисобгирии муосири идоракунӣ ба оянда нигаронида шуда, ба интизориҳои муштарӣ асос ёфта, ҳамаҷониба бо назардошти таъсири беруна ба корхона сохта шуда, асоси банақшагирии стратегии фаъолиятиояндаи корхонаро ташкил медиҳад. Таҳия ва татбиқи қарорҳои муассири идоракунӣ ҳамчун як шарти асосии рақобатпазирии ширкат дар бозор ва татбиқи сиёсати дақиқи ташаккулёфтаи кадрҳо хизмат мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки афзоиши босуръати технология ва пайдоиши технологияи нав, такмил додани методологияи баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккули муносибатҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок татбиқи онро дар амал талаб менамояд. Омӯхтани баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун категорияи мустақил, ҷудокунии ниҳоии он аз баҳисобгирии муҳосибӣ аҳамияти калон дорад.

Мушкилоти муосири таҳқиқоти муосири системаи идоракунӣ дар амалияи фаъолияти ташкилотҳо, гарчанде ки онҳо барои илми иқтисодӣ нисбатан нав мебошанд, дар адабиёти илмӣ ба таври васеъ ифшо карда мешаванд. Тадқиқотчиёни асосии ин масъала, пеш аз ҳама ба олимон, Вахрушева О.Б., Карпова Т.П., Шароватова Е.А мутаалиқанд [3]. Бояд қайд кард, ки хусусиятҳои вазъи кунунии таҳқиқот оид ба таъсири баҳисобгирии технологияҳо

дар соҳаи таҳлил ва коркарди технологияҳои амалии техникӣ дар соҳаи таҳлили корхонаҳо, ки тафсилоти таҳқиқотро дар ин самт тақозо мекунад, вобаста аст.

Марҳилаи кунунӣ дар рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо як амали васеи технологияҳои рақамӣ тавсиф меёбад. Рақамикунонии иқтисод дар соҳаи истеҳсолот, технологияҳои навтарин, тарзи пешбурди тиҷорат, инчунин талаботро ба ташкили раванди баҳисобгирӣ тағйир медиҳанд.

Рушди интернет ва дигар технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ амалияи тиҷоратиро дар муносибат бо таъминкунандагон, истеъмолкунандагон, дигар ширкатҳо ва муассисаҳои молиявӣ, мақомоти давлатӣ ва инчунин минтақаҳои истифодаи захираҳои рақамӣ дар фаъолияти иқтисодӣ ва идоракунӣ дигаргун менамояд. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба амалияи баҳисобгирии идоракунӣ, ки бо истифодаи технологияҳои баландсифат ва ташкили қарорҳои стратегӣ оид ба фаъолияти бонк зиёд мешавад, таъмин карда мешавад.

Рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ имкон медиҳад, ки потенсиали бонк ва рушди стратегии он такмил дода мешавад, зеро истифодаи дастгоҳҳои нави таҳлилии ҳисобҳо ва ташаккули баромадҳои таҳлилиро содда менамояд.

Ҳамин тариқ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба амалияи шароити замонавӣ дар баланд бардоштани самаранокии ҷараёни иттилоот ва тавсеаи назарраси воситаҳои таҳлилӣ, ки дар раванди идоракунӣ истифода мешаванд, ба таври назаррас мусоидат мекунад. Дар навбати худ, имкон медиҳад, ки коркарди маълумоти калон стратегияҳои мураккаб ва гуногунҷанба фароҳам оварад. Рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки онҳо самараноктар бошанд, ба беҳтарин нишондиҳандаҳои дарозмуддати фаъолият, ки ба таҳкими вазифаҳои бонкҳои тиҷоратӣ мусоидат мекунанд, ноил гарданд.

**Адабиёт**


1. Бухгалтерский управленческий учет: учеб. для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям/ М.А. Вахрушина. – 9-е изд., стер. – М.: Издательство «Омега-Л», 2011.
2. Колесникова А.В. Бюджетирование как средство реализации банковских стратегий// Банковское дело. – 2009. №10, стр. 50-52.
3. Сабзаева М.С. Бонк ва бонкдор, Васоити таълимӣ, ҶСК "Матбуот"- 2019.
4. Лабынцев Н.Т.1, Чухрова О.В.1 Развитие управленческого учета в условиях цифровой экономики (научная статья).


## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИЮ ТЕХНОЛОГИИ ИСТЕҲСОЛОТИ ҚАННОДӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА БАҲИСОБГИРИИ ХАРОҶОТ ВА АРЗИШМУАЙЯНКУНИИ МАҲСУЛОТ


**Олимов Дилшод Абдулхайрович** - н.н.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Телефон: 900826161


Дар шароити иқтисоди рақамӣ ташкили баҳисобгирии истеҳсолот аз дараҷаи махсусгардонии корхонаҳои қаннодӣ, иқтидори истеҳсолӣ, технология ва ташкили ҷараёни истеҳсолот, таркиб ва шакли идоракунӣ, хусусият ва навънокии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва дигар омилҳои муайянкунандаи барасмиятдарории ҳуҷҷатии

амалиётҳои ҳоҷагӣ, банизомдарории онҳо, ҷамъбасткунӣ ва инъикоскунии бурдани баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилӣ, ҷудокунӣ ва тақсимкунии хароҷот байни истеҳсолоти нотамом ва маҳсулоти тайёр аз як тараф ва байни намудҳои алоҳидаи маҳсулотҳо аз дигар тараф вобастагӣ дорад.

**Калидвожаҳо:** баҳисобгирӣ, баҳисоюгирии муҳосибӣ, маҳсулот, корхона.

## ОРГАНИЗАЦИОННО-ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ КОНДИТЕРСКОГО ПРОИЗВОДСТВА И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА СТОИМОСТЬ И ОЦЕНКУ ПРОДУКЦИИ

**Олимов Дилшод Абдулхаирович** - кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 900826161

В условиях цифровой экономики организация производственного учета зависит от степени специализации кондитерских предприятий, производственной мощности, технологии и организации производственного процесса, структуры и формы хозяйствования, характера и ассортимента выпускаемой продукции и других факторов, определяющих документальное оформление хозяйственных операций, их регламентацию, обобщение и отражение структурного и аналитического учета, разделение и распределение затрат между незавершенным производством и готовой продукцией, с одной стороны, и между отдельными видами продукции  с другой.

**Ключевые слова:** бухгалтерский учет, учет, продукт, предприятие.

## ORGANIZATIONAL-TECHNOLOGICAL CHARACTERISTICS OF CONFECTIONERY PRODUCTION AND ITS INFLUENCE ON THE COST AND EVALUATION OF PRODUCTS

**Olimov Dilshod Abdulkhairovich** - candidate of economic sciences, associate professor of the accounting department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: 900826161

In the conditions of the digital economy, the organization of production accounting depends on the degree of specialization of confectionery enterprises, production capacity, technology and organization of the production process, structure and form of management, the nature and range of manufactured products and other factors that determine the documentary registration of business transactions, their regulation, generalization and reflection of structural and analytical accounting, division and distribution of costs between work in progress and finished products, on the one hand, and between individual types of products, on the other.

**Keywords:** accounting, accounting, product, enterprise.

Аз рӯи дараҷаи махсусгардонии корхонаҳои истеҳсолоти қаннодӣ ба махсусгардонидашуда ва универсалӣ ҷудо карда мешаванд. Корхонаҳои қаннодии махсусгардонидашуда танҳо гурӯҳи муайяни маҳсулотро истеҳсол менамояд. Яъне аз ду гурӯҳи маҳсулот (қаннодӣ-ширинӣ, қаннодӣ- нонӣ) танҳо як намудашро истеҳсол менамоянд. Дар таҷриба корхонаҳои истеҳсолоти қаннодии универсалӣ бештар

вомехӯранд, ки ҳам истеҳсоли намуди қаннодии шириниҳо ва ҳам маҳсулоти ордӣ-шириниро ба роҳ мондаанд.

Аз рӯи хусусияти ҷараёни технологӣ истеҳсолоти қаннодӣ ба соҳаҳои коркарди истеҳсолӣ, ки дар онҳо маҳсулоти тайёр бо роҳи коркарди мунтазами ашёи хому масолеҳ, тавасути гузариш аз якчанд марҳилаҳои коркард ба даст меояд. Ҷараёни истеҳсолӣ чун қоида, доираи кӯтоҳи маҳдуд буда, амалётҳои ба ҳам алокаманди бефосилаи зеринро дар бар мегирад:

1. Тайёркунии масолеҳи аввала барои истеҳсол;
2. Тайёркунии масса (хамир)-и маҳсулоти қаннодӣ;
3. Ташкилёбии маҳсулот;
4. Печонидан, банду баст, ҷобаҷокунӣ ва нигоҳдории маҳсулот;

Бештарии ҷараёни технологӣ дар дохили тахҷизотҳои руйпушкардашуда амалӣ карда мешаванд ва амалётҳои ивазкунии масса ва маҳсулот бошанд, дар дохили коммукинатсияҳои (камера) маҳкамкардашуда.

Вобаста ба технология ва ташкили ҷараёни истеҳсолот дар корхонаҳои қаннодӣ ҳисобгирии хароҷот ҳам аз рӯи усули марҳилавӣ ва ҳам ба усули фармоишӣ ба роҳ монда мешавад. Дар корхонаҳои хурд бошад низоми якҷоя, ки ҳам аз ҷузъиётҳои усули марҳилавӣ ва ҳам аз ҷузъиётҳои усули фармоишии ҳисобгирии хароҷот иборат аст, истифода бурда мешавад. Ба сифати чунин низоми ҳисобгирӣ усули ҷараёнӣ, ки мувофиқи он объекти асосии ҳисобгирии хароҷот ҷараёни технологӣ мебошад, хизмат мерасонад. Хароҷот барои ҳар як амалиёт байни намудҳои маҳсулот, ки ин ҷараёнро аз сар гузаронидаанд, мутаносибан ба андозаи миёнаи хароҷоти иловагӣ (музди меҳнат ва хароҷоти умумиистеҳсолӣ) тақсим карда мешаванд. Хароҷоти масолеҳӣ бошад, чун тарзи ҳисобгирӣ ба усули фармоишӣ ба арзиши намуди муайяни маҳсулот мустақиман ҳориҷ карда мешавад.

Бартарии усули ҷараёнии баҳисобгирии хароҷот дар он аст, ки арзишмуайянкуниро (калькуляция) бо ҷараёни технологӣ «пайваст» менамояд. Зарурияти истифодабарии усули ҷараёнии ҳисобгирии хароҷот ва арзишимуайёнкунӣ дар он аст, ки дар корхонаҳои қаннодӣ, ҷараёни технологӣ хусусияти номаҳдуд (мунтазамро) дорад. Ин бори дигар собит менамояд, ки истифодабарии чунин усули ҳисобгирии хароҷот ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ асоснок аст.

Вобаста ба дараҷаи махсусгардонӣ ва иқтидори истеҳсолӣ корхонаҳои қаннодӣ дорои сохтори гуногуни истеҳсолӣ мебошанд. Дар корхонаҳои бузурги қаннодӣ зерсохтори асосии истеҳсолот коргоҳҳои истеҳсолӣ мебошанд. Ба коргоҳҳои асосии истеҳсолӣ коргоҳи карамелтайёркунӣ (дрожейный цех), конфетӣ, шоколадӣ, ирис, ҳалво, бисквит, пряник ва ғайра марбутанд. Дар ҳар як коргоҳи истеҳсолоти асосӣ навъи маҳсулоти махсусгардонидашуда, истеҳсол карда мешаванд. Инчунин, байни коргоҳҳо алоқаманддии зичи технологӣ вуҷуд дорад: коргоҳи шоколодӣ нимфабрикатҳои шоколадӣ ва мағздорро барои истеҳсолоти конфет ва карамел тайёр менамояд, коргоҳи истеҳсоли карамел барои коргоҳи конфеттайёркунӣ начинка тайёр мекунанд ва ғайра. Дар баъзе мавридҳо муносибати истеҳсолӣ байни корхонаҳои қаннодӣ чунин ба роҳ монда мешавад, масалан, коргоҳи истеҳсолоти шоколадӣ як корхонаи қаннодӣ ба коргоҳи конфеттайёркунии дигар корхонаи қаннодӣ қиёми қанд, ки кобилияти истеҳсоли онро надорад, таҳвил менамояд.

Ба ташкили баҳисобгирии истеҳсолот дар корхонаҳои қаннодӣ натанҳо гуногун будани схемаи технологии коргоҳҳои алоҳида, таъсир мерасонад, балки дар як коргоҳи муайян ба роҳ мондани истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулот, низ бетаъсир намемонад.

Масалан, схемаи технологии истеҳсоли конфетҳо аз технологияи истеҳсоли тортҳо фарқ менамояд. Илова бар ин ҳангоми ташкили ҳисобгирии истеҳсолот бояд таъсири омилҳои зерин ба мисли гуногунии тарзи коркарди маҳсулот, имкониятҳои васеи истифодабарии бисёркаратаи таҷҳизоти муайян барои коркарди маҳсулот, низоми истеҳсолоти ёрирасони ба таври технологияи истеҳсолот таъсиррасон ба инобат гирифта шаванд.

Дар корхонаҳои қаннодии ватанӣ ду намуди маҳсулоти қаннодӣ истеҳсол карда мешавад:

Қаннодии ширинӣ - карамель, шоколад, мармелад, ирис, дрожа, ҳалво ва дигар ширинихои шарқӣ.

Қоннодии нонӣ(ордӣ) - печен, вафли, торт, пирогҳо, кексҳо, пряник ва ғайраҳо.

Дар истеҳсолоти қаннодӣ маҳсулоти тайёр дар натиҷаи коркарди пай дар пайи массаи ашёи хоми барои маҳсулот пешбинишуда ба даст меояд. Ба сифати ашёи хоми асосӣ барои истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ, шакар, орд, крахмал, равған, равғани ҳайвонот ва ғ. хизмат мерасонанд. Барои тайёр шудани маҳсулот намнокии ашёи ибтидоӣ ва таркиби хушки онҳо накши калон мебозанд. Масалан аз омехтаи 10000 кг шакар ва шира, ки таносубашон 2:1 аст, ва таркиби шира аз 78% моводи хушк иборат мебошад, 9498 кг карамели намнокиаш 2,5% истеҳсол мегардад. Дар сурати дар таркиби шира 76% мавҷуд будани маводи хушк, аллакай истеҳсоли карамел баробари 9428 кг мешавад. Мутаносибан ҳангоми гуногун будани таркиби масолеҳи асосӣ, яъне андозаи маводи хушк ва дараҷаи намнокӣ аз як миқдори баробари массаи масолеҳ миқдори гуногуни маҳсулот истеҳсол мегардад, ки ин ба нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти корхонаҳои қаннодӣ таъсири худро мерасонад. Аз ин рӯ, ҳангоми банақшагирӣ, ҳисобгирӣ ва назорати хароҷот ба инобат гирифтани чунин нишондиҳандаҳо ба мисли, меъёри истеҳсоли маҳсулот, фоизи намнокӣ ва андозаи маводи хушк дар таркиби массаи масолеҳ дар кохонаҳои қаннодӣ шарт ва зарур аст.

Дигар хусусияти истеҳсолоти қаннодӣ дар он аст, ки дар вазни умумии маҳсулоти тайёр (карамел, шоколад, конфет ва ғ.) вазни қоғаз ва этикеткаҳо (пӯчоқ) ҳамроҳ карда мешаванд. Аз ин ру, таъсири вазни қоғазу этикеткаҳо ва нархи онҳоро ҳангоми арзишмуайнкунии маҳсулоти тайёр ҳатман бояд ба инобат гирифт.

Тибқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолот ва фурӯш метавонад дар ҳисобҳои зерин ба роҳ монда шавад:

10730 «Истеҳсолоти нотамом»

10740 «Маҳсулоти тайёр»

55010 «Хароҷот барои ба даст овардани ашёи хом ва лавозимот»

55020 «Хароҷот барои музди меҳнат»

55030 «Хароҷот барои илава ба фондҳои иҷтимоӣ»

55040 «Хароҷот ба хизматрасонии коммуналӣ»

55060 «Хароҷот барои таъмири воситаҳои асосӣ»

55070 «Хироҷоти дигари истеҳсолӣ»

55500 «Хароҷоти умумихоҷагӣ»

ва ғ.

Мувофиқи принсипи ҳатмӣ будани истифодабарии стандартҳои тасдиқшуда, ки нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ яке аз чунин стандартҳо ҳисоб меёбад, барои ҳисобгирии молиявӣ риоя кардани он ҳатмӣ аст. Яъне ҳисобҳои зикршуда дар қолаби тасдиқшуда бояд истифода бурда шавад. Чун ҳангоми ташкили ҳисобгирии идоракунӣ истифодабарии ягон стандарт ҳатмӣ нест, корхонаҳо низ ҳуқуқ доранд барои ҳисобгирии хароҷот ҳисобҳои

муҳосибавии барои худ мувофиқро истифода намоянд. Масалан, барои бурдани ҳисобгирии хароҷот аз рӯи макони ташаккулёбӣ корхона метавонад тибқи салоҳияти худ ҳисобҳои «Истеҳсолоти нотамом», «Хароҷоти умумиистеҳсолӣ», «Хароҷоти умумихоҷагӣ», «Истеҳсолоти ёрирасон», «Истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон» ва ғ. бе гузоштани рақами мушаххас таъсис бидиҳад.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011. - http://mmk.tj.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012. - http://mmk.tj.
3. Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1-3. - http://mmk.tj.
4. Стандартҳои байналхалқии баҳисобгирии муҳосибӣ. Душанбе Вазорати молияи ҶТ, 2009.
5. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ, бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» майи соли 2011 № 41.


## РОҲҲОИ ТАШКИЛИ НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ДАР РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ


**Хукматов Давлатҷон Ҷамшедович** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и., муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: sohibkortvt@mail.ru. Телефон: +992919-11-11-64



Дар мақолаи мазкур роҳҳои ташкили назорати дохилӣ дар идоракунии корхонаҳои кишоварзии мамлакат дида баромада шудааст. Ҳамчунин барои баҷоории марҳилаҳои раванди назорати дохилӣ амсилаи ташкили назорати дохилӣ дар субъектҳои иқтисодии кишоварзӣ таҳия карда шудааст, ки метавонад барои гузаронидани ҳама амалҳои назоратӣ, санҷиши сифати раванди назорат ва баҳодиҳии самараноки он мусоидат намояд.



**Калидвожаҳо:** корхонаҳои кишоварзӣ, корхонаҳои КАС, назорати дохилӣ, раванди назорат, ташкили назорати дохилӣ, корҳои назоратӣ-ревизионӣ, ҳадафҳои назорат, комиссияҳои ревизионӣ.


## СПОСОБЫ ОРГАНИЗАЦИИ ВНУТРЕННЕГО КОНТРОЛЯ В ПРОЦЕССЕ УПРАВЛЕНИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫМИ ПРЕДПРИЯТИЯМИ


**Хукматов Давлатджон Джамшедович -** Таджикский государственный финансово-экономический университет, к.э.н., старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: sohibkortvt@mail.ru. Телефон: +992 919-11-11-64



В статье рассматриваются пути организации внутреннего контроля в управлении сельскохозяйственными предприятиями страны. Также для реализации этапов процесса внутреннего контроля разработана модель организации внутреннего контроля в сельскохозяйственных хозяйствующих субъектах, которая может облегчить реализацию

всех контрольных мероприятий, проверку качества процесса контроля и оценку его эффективности.

**Ключевые слова**: сельскохозяйственные предприятия, агропромышленные предприятия, внутренний контроль, контрольный процесс, организация внутреннего контроля, контрольно-ревизионная работа, цели контроля, ревизионные комиссии.

**WAYS OF ORGANIZING INTERNAL CONTROL IN THE MANAGEMENT PROCESS OF AGRICULTURAL ENTERPRISES**

**Khukmatov Davlatjon Jamshedovich –** candidate of economic sciences, senior lecturer at the department of accounting, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. E-mail: sohibkortvt@mail.ru. Phone number: (+992) 919-11-11-64.

The article examines the ways of organizing internal control in the management of agricultural enterprises in the country. Also, for the implementation of the stages of the internal control process, a model of organizing internal control in agricultural business entities has been developed, which can facilitate the implementation of all control activities, checking the quality of the control process and assessing its effectiveness.

**Key words:** agricultural enterprises, agro-industrial enterprises, internal control, control process, organization of internal control, control and audit work, control objectives, audit commissions.

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, дигаршавии шароитҳои хоҷагидорӣ, вазифаҳои афзалиятноки баландбардории рақобатпазирии маҳсулот дигарсозии усулҳои идоракунӣ ва ошкоркунии захираҳои истифоданашударо талаб менамоянд, ки бояд ба принсипҳои қонуният асос ёфта, ба саривақт муайян кардани зарарҳо ва ошкор кардани сабабҳо ва айбдорони талафот ва хароҷоти бесамара мусоидат намоянд. Зарурати таҳия намудани ғояи нави идоракунӣ ва назорати дохилӣ ба миён меояд, ки ба низоми баҳисобгирии идоракунӣ, таҳлил, контроллинг ва ҳамоҳангсозии ҳама воҳидҳои сохтории корхонаҳои комплекси агросаноатӣ асос меёбанд. Ба ҳолати имрӯз, аксари корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон зараровар мебошанд. Сабабҳои асосии масрафҳои зиёд ва натиҷаҳои молиявии начандон баланди фаъолияти корхонаҳои КАС ин талафи дороиҳо мебошад, ки бо корбурди низоми бесамараи назорати молиявии дохилӣ дар ин корхонаҳо алоқаманд аст.

Имрӯз аксари корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати ногувори иқтисодӣ қарор доранд. Сатҳи баланди вобастагӣ аз шароити табиӣ, таъмин набудан бо воситаҳои асосии нав, мавҷуд набудани мутахассисони кордон аз сабаби сатҳи пасти музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, нокифоягии дастгирии давлатӣ, даромаднокии начандон баланди истеҳсолот, инчунин пастшавии самаранокии низоми назорати молиявии дохилӣ – ҳамаи ин омилҳои асосие мебошанд, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ монеаҳо эҷод менамоянд. [6, с. 189]

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 ноябри соли 2002 № 428 “Оиди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ”, [2] ки бо ташаббуси Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, ба роҳандозӣ намуданиислоҳот дар низоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявии корхонаҳои мамлакат, аз ҷумла корхонаҳои КАС равона гардидааст. Қарори мазкур ва дигар

чорабиниҳои дар доираиислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ анҷомдодаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати муҳимро ба баланд бардоштани сифати ахбор, муҳайё сохтани шароитҳо барои татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, баландбардории сифатҳои касбии аудиторҳо ва муҳосибон равона менамоянд.

Яке аз шароитҳои асосии барои баландбардории фоиданокии корхонаҳои КАС зарурӣ ин бунёд намудани низоми босамара ва таъсирноки назорати молиявӣ мебошад, ки ба камкунии хароҷоти ғайриистеҳсолӣ ва талафоти дороиҳо дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили механизми ба ошкоркунии захираҳо равонакардашуда мусоидат намуда, ба зиёдшавии натиҷаҳои молиявӣ ва рушди ҳосилнокии корхонаҳои кишоварзӣ меоварад.

Ғояи ташкили назорати дохилиро дар корхонаҳои КАС баррасӣ намуда, қайд менамоем, ки зери мафҳуми "ғоя" тарзи муайяни фаҳмиш, маънидодкунӣ ва шарҳдиҳии ягон хел зуҳурот, равандҳо фаҳмида мешавад. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ғоя чун мақсади ниҳоӣ ва асосӣ аз кардани коре, мурод, армон, шакли ҷаҳонфаҳмӣ ва ҷаҳонбинии инсонҳо, ақида, фикр маънидод карда шудааст [4, с. 400].

Дигарсозии сохтори хоҷагидорӣ ба чунин принсипҳои қавӣ асос меёбад: баландбардории ҳуқуқ ва мустақилияти хоҷагиҳо, гузариши онҳо ба усулҳои иқтисодии идоракунӣ, пешбурди пурраи ҳисоби хоҷагӣ, зиёдкунии манфиатнокии моддии кормандон дар ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоии нав. Шароитҳои нави фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ба низоми таъсирноки идоракунӣ, ки бахши асосии он назорати молиявии дохилӣ мебошад, ниёз доранд. Ин ҷо низ нақши муҳим ба корҳои назоратӣ-ревизионӣ ҷудо карда мешавад.

Масъалаи аввалиндараҷаи назоратӣ дохилӣ – пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳо ва дуздиҳо дар раванди фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Татбиқи бомуваффақи назорат танҳо дар мавриди низоми дуруст ташкилгардидаи мақомоти назораткунанда, истифодаи усулҳо ва қоидаҳои иқтисодии ҳавасмандкаунандаи сифати баланди меҳнат ба даст меояд.

Назорати молиявӣ гуфта, назораи беисти мақомоти назоратӣ ва коллективҳои меҳнатӣ аз болои фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳо, инчунин назорати аз ҷониби шахсони мансабдор риоя гардидани санадҳои қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Иҷроиши нақшаҳо ва ӯҳдадориҳои шартномавӣ оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, ғункуниҳо ва рушди ҳосилнокии меҳнат, ошкоркунии захираҳои истифоданашудаи баландбардории ҳаҷмҳои истеҳсоли маҳсулот ва пастшавии арзиши аслии маҳсулот ва дигар соҳаҳои фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ бояд назорат карда шаванд.

Боиси таассуф аст, ки амалияи пойдоргардидаи ташкили корҳои назоратӣ-ревизионӣ дар корхонаҳои КАС бо ҳадди пурра ба талаботи баландбардории натиҷанокии идораи истеҳсолоти кишоварзӣ ҷавобгӯ нест, ошкоркунии камбудиҳои мавҷуда ва сафарбаркунии захираҳои рупӯшкардашударо таъмин намекунад.

Аксаран нишондиҳандаҳои мобайнӣ (асосан расман), иҷрои талаботи дастурамалҳо ва нишондодҳои сершумори фақат ғайримустақимона бо фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ алоқаманд назорат карда мешаванд. Дар шароитҳои иқтисодии нав маркази гаронвазнӣ бояд бевосита ба коллективҳои меҳнатӣ равона шуда бошад. Агар доир ба ҷиҳати назорати берунӣ сухан иброз кунем, пас ин фаъолияти мақомоти аудит ва иттифоқҳои ревизионӣ бояд ҳамчунин самти худро дигар кунад: санҷишҳои ҳифзи моликияти корхонаҳо,

асосноккунӣ ва саривақтии ҳисобикуниҳо бо буҷет ва дигар самтҳои фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ зарур мебошанд. Дар ин мавриди назорати дохилиро метавон чун раванди муҳаррике амсилабандӣ намуд, ки дорои марҳилаҳои ташкилӣ-омодасозӣ, равандӣ-назоратӣ ва ниҳойӣ мебошад.

Марҳилаи ташкилӣ-омодасозӣ таҳия намудан ва муносиб гардонидани нақша ва барномаи назорат, инчунин ҳама намудҳои ҳуҷҷатҳои танзимкуннии дохилии он; таъминоти меъёрӣ-маълумотномавӣ, методӣ ва техникии раванди назоратро дар бар мегирад.

Марҳилаи равандӣ-назоратӣ дар назораи аввалӣ, муқоисакунӣ ва ҳуҷҷатноккунии зуҳуроти хоҷагидорӣ; ошкоркунии тамоилот аз меъёрҳо, нақшаҳо, буҷетҳо; муқаррар кардани қонунвайронкуниҳо, корбурди ғайримақсадонаи воситаҳо ва дигарҳо ифода меёбад.

Расми 1. Амсилаи ташкили назорати дохилӣ дар субъектҳои иқтисодии кишоварзӣ*

*Манбаъ: Муаллиф таҳия кардааст

Марҳилаи ниҳойии раванди назорат ҷамъбасткунии маълумоти гирифташуда оид ба дороиҳо, уҳдадориҳо ва равандҳои хоҷагидорӣ, инчунин маънидодкунии ахбори

ҷамъоваришуда ва табдил додани он ба хулосаҳо, қарорҳои идоракунӣ, санадҳо, маълумотномаҳои гуногун; супоридани ахбор ва натиҷаҳо ба роҳбарияти корхона ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад [3].

Дар шароитҳои муосири рушди пуравҷи низоми идоракунии корхонаҳо ва дигаргуншавиҳои муҳити берунии фаъолияти соҳибкорӣ назорати дохилӣ ба таъмин намудани иҷроиши ҳама вазифаҳои гузошташуда ва ҳалли масъалаҳои стратегӣ дар низоми идоракунии субъекти хоҷагидорӣ равона гардидааст.

Ташкили илмии раванди назорат боят дар асоси принсипҳои ба вай хос бунёд карда шавад. Бояд қайд кард, ки дар байни мутахассисон то ҳол ақидаи ягона дар муайянкунии принсипҳои ташкили раванди назорат мавҷуд нест.

Бештари муаллифон дар асарҳои илмии худ фақат принсипҳои гуногун ва шароитҳои ташкили раванди назоратро номбар мекунанд, баъзан онҳоро бо ҷиҳатҳои техникӣ ҳамҷоя менамоянд [5, с. 48]. Ба ақидаи мо, раванди ташкили назорат ин механизми амалкунӣ дар субъекти хоҷагидорӣ мебошад (расми 1).

Мафҳумҳои принсипҳои саривақтӣ, бонизомӣ, эҳтиёткорӣ, махфигӣ ба шарҳдиҳӣ эҳтиёҷ надоранд. Агар дар бораи принсипи боэътимодии таъмини ахбор сухан гӯем, вай қонеъ шудани талаботи менеҷерҳоро дар тамоми зинаҳои идоракунӣ ва роҳбарони хоҷагиро бо ахбори назоратӣ-таҳлилӣ барои идоракунии фаъолияти истеҳсолӣ ва асосноккунии қарорҳои дахлдор ифода менамояд.

Афзалиятнокӣ пешбинӣ менамояд, ки назорат чун вазифаи асосии идоракунӣ баромад менамояд ва муносиб аст, ки назоратро дар асоси илмӣ ташкил намуд.

Ҳангоми ба ҷо овардани санҷишҳо муҳим аст, ки ухдадориву вазифаҳо дар байни иҷрокунандагон мутобиқи сатҳи омодагии касбии онҳо тақсим карда шаванд. Зарур аст, ки ҳамчунин вазъи низоми идоракунӣ дар корхона баҳисоб гирифта шавад.

Ба ҷо овардани ташкили назорат мутобиқи принсипҳои номбаршуда ба гузаронидани назорати босифат, омодакунии хулосаҳои воқеъбинона, пешниҳодкунии ахбори саҳеҳ ва бамаврид барои қабули қарорҳои идоракунии аз ҷиҳати илмӣ асоснокгардида мусоидат менамояд; ба ҳифзи моликият дар корхона ёрдам мерасонад.

Омӯзиши хусусиятҳои ташкилӣ, технологӣ ва дигар хусусиятҳои соҳаи кишоварзӣ, инчунин хосиятҳои хоси назорати дохилӣ дар кишоварзӣ ба муқаррар намудани самтҳои муҳими мукаммалгардонии вай мусоидат менамояд.

Мукаммалгардонии назорати дохилӣ бо раванди босуботи асосноккунанда ва истифодабарандаи шаклҳо, усулҳо, тарзҳо ва роҳҳои нисбатан мақсадноки баҷоорӣ ва рушд, инчунин дар оқилонагардонии ҷиҳатҳои алоҳидаи он, назорат ва ошкоркунии “ҷойҳои сусти” вай дар асоси баҳодиҳии ҳамешагии мутобиқат ба шароитҳои дохилӣ ва берунии хоҷагидорӣ ба назар мерасад.

Ҳамин тариқа, дар амалия раванди назоратро низоми бо корбурди сарватҳои моддӣ, меҳнатӣ ва зеҳнӣ истифодашаванда ифода мегардад. Бинобар ин, вай бояд босамарона бунёд карда шуда бошад, ҳама унсурҳои он ба ҳолати ягонаи том оварда шуда бошанд. Ин ҷо бояд оид ба асоснокии илмии раванди назорат дар кишоварзӣ зикр намуд. Дар адабиёти илмӣ ва амалия аксаран ин мафҳум бо таҳия ва татбиқ кардани унсурҳои ташкили илмии меҳнат (ТИМ) маҳдуд мешавад. Ин гуна тарзи муомила ба татбиқи прогресси техникӣ дар худи раванд ва методологияи назорат, навовариҳои дар стандартҳои байналмилалии аудит дарҷгардида мусоидат намекунад [3].

**Адабиёт**

1. Дастурамал оид ба тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, № 42. – http://moliya.tj.

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 ноябри соли 2002 № 428 "Оиди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ"

3. Алборов Р. А., Бодриков В. В., Бодрикова С. В., Камышев А. Л. Организация внутреннего аудита в системе управления сельскохозяйственным производством.- Ижевск, 2008. – 160 с.

4. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. Душанбе, 2010. – 996 с.

5. Хосиев Б. Н. Контроль производственных ресурсов и пути его совершенствования. Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий №3,2010, с. 48

6. Ҳукматов, Д.Ҷ. Такмили идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси назорати дохилӣ [Матн] / Д.Ҷ. Ҳукматов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. - № 2 (41). – С. 187-193

## ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ КОРМАНДОНИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ

**Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа** - доктор фалсафа (PhD), муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. E-mail: ahliddin.tabarov@mail.ru

Дар мақола ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар шароити ташаккули шуғли пурмаҳсул мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар такя ба индикаторҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва саноатикунонии босуръати кишвар муҳимияти рушди корхонаҳои саноатӣ аз мавқеи такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии захираҳои меҳнатии он оварда шудааст. Муҳаққиқ ба суръати нисбатан пасти рушди соҳаи саноати вилоят ва номутаносибии байни рушди заминаҳои институтсионалӣ ва пешрафти амалияи бозори меҳнат вобаста медонад.

**Калидвожаҳо:** шуғли пурмаҳсул, сармоягузорӣ, бекорӣ, ҳосилнокии меҳнат, инноватсия, захираҳои меҳнатӣ, музди меҳнат, мукофотпулиҳо.

## СТИМУЛИРОВАНИЕ РАБОТНИКОВ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ В УСЛОВИЯХ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОДУКТИВНОЙ ЗАНЯТОСТИ

**Мирзозода Ахлиддин Давудходжа** - доктор фалсафа (PhD), старший преподаватель бухгалтерский учет Таджикского государственного финансово-экономического университета**.** Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. E-mail: ahliddin.tabarov@mail.ru

В статье, призванном расследовать сотрудников промышленных предприятий в регионе Хатлона в контексте формирования продуктивной занятости. Исходя из

показателей Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года и ускоренной индустриализации страны, подчеркивается важность развития промышленных предприятий с позиции совершенствования механизма материального стимулирования его трудовых ресурсов. Исследователь присуждает относительно низкий уровень развития региональной промышленности и различия между развитием институциональных земель и развитием практики рынка труда.

**Ключевые слова:** продуктивная занятость, инвестиции, безработица, производительность труда, инновации, трудовые ресурсы, заработная плата, премии.

## INCENTIVES FOR EMPLOYEES OF KHATLON'S EMPLOYEES IN KHATLON REGION IN THE CONDITIONS FOR THE FORMATION OF PRODUCTIVE EMPLOYMENT

**Mirzozoda Akhliddin Dovudkhoja** – Doctor of philosophy (PhD), Senior lecturer of the department of accounting, Tajik state finances-economy university. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, str. Nakhimov 64/14. E-mail: ahliddin.tabarov@mail.ru

**Annotation.** In article encouraged to investigate the employees of industrial enterprises in Khatlon region in the context of forming a productive employment.

Based on the indicators of the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period until 2030 and the accelerated industrialization of the country, the importance of the development of industrial enterprises is emphasized from the position of improving the mechanism of material incentives for its labor resources. The researcher awards the relatively low rate of development of the region industry and disparities between the development of institutional land and the development of labor market practices.

**Key words:** productive employment, investment, unemployment, labor productivity, innovation, labor resources, wages, bonuses.

Ҳавасмандгардонии меҳнат маҷмӯи роҳу усулҳои ҷорикунии ҳавасмандгардониҳоеро дар бар мегирад, ки ба самти баҳодиҳии корҳои иҷрогардида ва пардохти одилонаи арзиши қувваи кории кормандон нигаронида шуда, дар шакли моддӣ, пулӣ ва дигар воситаҳои ғайрипулӣ (бастаи иҷтимоӣ) ба онҳо дода мешаванд. Дар шароити кунунӣ, ки намудҳои мухталифи ҳавасмандгардониҳо ҷой доранд, механизми татбиқи онҳо бояд комил ва ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй бошад.

Воқеан, ҳадафи ниҳоии таҳсилоти касбӣ ва омодакунии кадрҳо аз таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, ҳамчун шарти муҳими фаъолияти босамари иқтисодиёти миллӣ, иборат мебошад. Шуғли пурмаҳсул ба низоми иқтисоди бозорӣ нигаронида шуда, сатҳи баланди мувофиқати таклифоти қувваи корӣ ва талаботи бозори меҳнатро дар назар дорад.

Таҳқиқи илмии меҳнат ва ҳавасмандгардонии он дар интишороти илмии олимони соҳаи иқтисод ба таври васеъ дарҷ гардидааст. Дар таълифоти асосгузорони ғояҳои иқтисодии хориҷӣ ба монанди: Ф. Кенэ, У. Петти, А. Смит, Д. Риккардо, К. Маркс меҳнат ва арзиши он зери таҳқиқ қарор дода шудааст. Иқтисодчиёни ватанӣ ба монанди: Т.Ҷ. Усмонова, Д.С. Амонова, Д.Б. Қодирзода, С.Ҷ. Комилов, Т.Б. Ғаниев, Р.К. Раҷабов, Ш.Э. Дустбоев, А.Ҷ. Ҷабборов, М.М. Исмоилов, Р.Б. Хуҷамқулов, Р.У. Рустамов, ҳавасмандгардонии меҳнат ва қаноатбахш будани ҳаҷми ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Шуғли пурмаҳсул ҳамчун омили ҳавасмандкунандаи соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ баромад намуда, барои коҳишдиҳии сатҳи бекорӣ, таъмини шуғли аҳолӣ аз тариқи ба таҳсилоти касбӣ фарогирии ҷавонон ва касбомӯзии калонсолон мусоидат менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои стратегии миллӣ, яъне таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани мамлакат ба кишвари транзитӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, саноатикунонии босуръати мамлакат ва васеъ намудани шуғли пурмаҳсулро тадриҷан амалӣ карда истодааст [5]. Аз ин рӯ, ба пуррагӣ ноил гардидан ба ин ҳадафҳо барои таъмини шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, аз ҷумла рушди инфрасохтори соҳаи саноат, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва таъмини ҳавасмандгардонии моддии захираҳои меҳнатӣ заминагузор мебошад.

Такмили ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои саноатӣ дар шароити ташаккули шуғли пурмаҳсул яке аз масъалаҳои мубрами рушди бозори меҳнати минтақавӣ ва омили суръатбахши саноатикунонии босуръати кишвар маҳсуб меёбад. Ташаккулу рушди шуғли пурмаҳсул дар соҳаи саноати минтақаи Хатлон зарурати такмили механизми ҳавасмандгардонии меҳнатро аз ҳисоби унсурҳои муосири низоми ҳавасмандгардонӣ дар назар дорад.

Дар Стратегияи мииллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мазмуни шуғли пурмаҳсул оварда шудааст. Он фаъолиятеро дар назар дорад, ки ба даст овардани даромадро дар шакли музди меҳнат ё ин, ки фоидаро аз соҳибкорӣ дар раванди истеҳсоли молҳо, пешниҳоди хизматрасониҳо ва ғайра таъмин менамояд [7, с.68].

Муатаассифона, рушди ин намуди шуғл дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар сатҳи лозимӣ таъмин нагардидааст. Бо мақсади таҳқиқи амиқи ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ таҳлил ва омӯзиши шароиту имкониятҳои ташаккули шуғли пурмаҳсул муҳим арзёбӣ мегардад. Вобаста ба ин, SWOT – таҳлили шуғли пурмаҳсулро дар шароити корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мегузаронем (ҷадв. 1.).

**Ҷадвали 1. – SWOT – таҳлили шуғли пурмаҳсул дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон**

| ТАРАФҲОИ ПУРҚУВВАТ | ТАРАФҲОИ ЗАИФ |
|---|---|
| 1. Асосҳои институтсионалии рушди бозори меҳнат;<br>2. Таклифоти қувваи кории кифоянок;<br>3. Фаъолгардии ҷараёнҳои сармоягузорӣ ба соҳаи саноат. | 1. Сатҳи пасти музди меҳнат;<br>2. Нокифоягии воситаҳои барои ҳавасмандгардониҳои моддӣ сафарбаршаванда;<br>3. Ҷой доштани муҳоҷирати дохилӣ ва берунии кадрҳои баландихтисос;<br>4. Сатҳи баланди бекорӣ;<br>5. Номутавозинии талаботу таклифоти қувваи корӣ;<br>6. Мавқеи устувори рақобатпазирӣ надоштани аксарияти молҳои истеҳсолоти саноатӣ дар бозор, бахусус бозорҳои берунӣ. |
| ИМКОНИЯТҲО | ТАҲДИДҲО |
| 1. Ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисоди миллӣ баромад кардани саноат; | 1. Барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ;<br>2. Рушди нокифояи инфрасохтори саноатӣ дар вилояти Хатлон; |

| | |
|---|---|
| 2. Нисбатан тамоюли мусбии рушд доштани гуногунсозии истеҳсолоти саноатӣ;<br>3. Ба таҳсилоти касбӣ фаро гирифтани ҷавонон ва ҷалби калонсолон ба касбомӯзӣ. | 3. Сатҳи нисбатан пасти ҳосилнокии меҳнат дар баъзе аз корхонаҳои саноатии вилоят;<br>4. Вобастагии бозорҳои дохилӣ аз молу маҳсулоти саноатии воридотӣ.<br>5.Дар шароити рушди имкониятҳои инноватсионии истеҳсолоти саноатӣ ҷой доштани номувофиқии донишу малака ва таҷрибаи қувваи корӣ (аз ҷумла муҳоҷирони ба ватан баргашта) ба амалияи корхонаҳои саноатӣ. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 9.

Аз маълумоти ҷадвали 1 бар меояд, ки бо сабаби ноустувории баъзе аз ҳолатҳо, аз ҷумла ғайриқаноатбахш будани музди меҳнат ва дигар намуди ҳавасмандгардониҳои моддӣ, инчунин шароити ташаккули воситаҳои ҳавасмандгардонӣ ва таъсири манфии хатарҳои ҷойдошта шуғли пурмаҳсул дар корхонаҳои саноатии вилоят дар сатҳи лозимӣ рушд накардааст. Аз SWOT-таҳлили гузаронидашуда хулосаҳои зерин бароварда шуд:

1. Бо сабаби суръати нисбатан пасти рушди соҳаи саноати вилоят имконияти ҳалли мушкилоти бекорӣ ва таъмини шуғли назарраси қувваи корӣ имконнопазир гардидааст;

2. Байни рушди заминаҳои институтсионалӣ ва пешрафти амалияи бозори меҳнат (рушди шуғли пурмаҳсул) номутаносибӣ дида мешавад. Вобаста ба ин, санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзими муносибатҳои меҳнатиро бо назардошти дигаргуниҳои амалияи бозори меҳнат пайваста такмил додан лозим аст [5, с.116].

3. Зиёд гардидани корхонаҳои саноатӣ дар вилоят, ки имконияти ба шуғл фарогирии доираи васеи захираҳои меҳнатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсиониро доранд, барои ҳалли мушкилоти бекорӣ, рӯи кор овардани низоми комили ҳавасмандгардонии моддӣ ва дар ниҳоят, баландбардории ҳосилнокии меҳнат мусоидат менамоянд.

Дар заминаи афзалиятҳои вилояти Хатлон ва дигар манотиқи ҷумҳурӣ оид ба рушди шуғли пурмаҳсул механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати корхонаҳои саноатӣ бояд ҳолатҳои зеринро таъмин намояд: а) зиёд намудани шумораи кормандон аз тариқи ҷорӣ намудани ҳаҷми қаноатбахши ҳавасмандгардонии моддӣ; б) ба вуҷуд овардани муҳити рақобатӣ дар байни кормандон; в) такмили маълумоти касбӣ ва малакаҳои касбии кормандон; г) ҳифзи манфиатҳои моддӣ ва маънавии кормандон нисбат ба шуғли ғайрирасмӣ.

Самтҳои афзалиятноки ташкили ҷойҳои кории пурмаҳсул дар соҳаи саноати вилояти Хатлон инҳо маҳсуб меёбанд: а) ба ҳавасмандгардонии моддӣ бештар фаро гирифтани ҷавонон ва заноне, ки фаъолияти инноватсионии корхонаро пеш мебаранд; б) механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилоят нисбат ба кормандоне, ки ба оилаҳои осебпазир мансубанд, бояд тартиби имтиёзноки ҳавасмандгардиниро амалӣ намояд.

Рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва тағйироти тартиби ташкил ва танзими музди меҳнат зарурати мукаммалгардонии низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ва унсурҳои таркибии онро пеш овард. Дар шароити кунунии корхонаҳои саноатӣ яке аз қисматҳои муҳими ҳавасмандгардонии моддӣ, аз мавқеи самараи меҳнати кормандони алоҳида, фонди ҳавасмандгардонии тағйирёбанда дониста мешавад. Ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар намуди ҳиссаҷудокунӣ аз фоида, мукофотонӣ дар охири соли ҳисоботӣ,

ҳавасмандгардонӣ дар натиҷаи афзоиши ҳосилнокии меҳнат, афзоиши ҳаҷм ва арзиши корҳо, инчунин баландгардии сифати меҳнат аз ҳисоби воситаҳои фонди ҳавасмандгардонии тағйирёбанда амалӣ карда мешавад. Вобаста ба ин, такмили механизми ҳавасмандгардониҳои мазкур муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳавасмандгардониҳое, ки бо истифода аз воситаҳои фонди болозикр амалӣ карда мешаванд, бояд фаъолнокии меҳнатии кормандонро таъмин намуда, барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат мусоидат намоянд.

Қисми тағйирёбандаи фонди ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ бояд иловапулӣ ва музди меҳнати иловагӣ, низоми мукофотонӣ, кафолати иҷтимоӣ, пардохтҳо ва имтиёзҳоро дар бар гирад. Дар шароити муосир таркибдиҳандагони музди меҳнати иловагӣ дар механизми ҳавасмандгардонии модди меҳнат нақши марказӣ дошта, вобаста ба хусусиятҳои гуногуни онҳо ҷой дода мешаванд. Аз сабаби он ки захираҳои меҳнатии дилхоҳ корхона ба категорияҳои гуногун ҷудо мешаванд, бинобар ин, механизми ҳавасмандгардонии моддии онҳо бояд ҳолати мазкурро ба инобат гирад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ мукофотонии кормандони корхонаҳои саноатӣ яке аз ҷузъҳои ҷудонопазири низоми муосири ҳавасмандгардонии моддии меҳнат маҳсуб меёбад. Ҳавасмандгардонии мазкур аз тариқи бартараф намудани норасоиҳои шакл ва низоми музди меҳнат, инчунин сафарбар намудани фаъолнокии меҳнатии кормандон барои ноилгардӣ ба ҳадафҳои дар назди корхонаи саноатӣ гузошташуда дар ҳоли кунунӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Барои ҷорӣ намудани ин ё он намуди ҳавасмандгардониии моддӣ ба инобат гирифтани имкониятҳои молиявии корхонаҳои саноатии вилоят муҳим мебошад. Дар шароити маҳдудияти захираҳои молиявӣ, ки қисми зиёди корхонаҳои саноатии вилоят нишондиҳандаҳои ноустувори молиявӣ доранд, имконияти ҷудо намудани воситаҳои иловагиро барои пардохти меҳнат надоранд. Аммо, аз дигар тараф, ба пуррагӣ даст кашидан аз мукофотонии кормандон низ мантиқан нодуруст аст, чунки набудани пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои саноатӣ оқибатҳои боз ҳам манфиро ба бор меорад.

Мукофотонии коллективӣ, ки ба самаранокии истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ алоқаманд мебошад, метавонад афзоиши ҳосилнокии меҳнатро таъмин намуда, майли кормандонро ба сарфаи захираҳо ва истифодаи босамари қарорҳои нави технологии баландбардории сифати маҳсулот ба вуҷуд орад. Вобаста ба ин масъала, иқтисодчии ватанӣ Исмоилов М.М. дар яке аз таълифоти илмии худ қайд менамояд, ки механизми пардохтҳо ва ҳавасмандгардонии меҳнат бояд аз муносибатҳои чараёни истеҳсолот вобаста бошад [2, с.259].

Дар шароити корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус дар корхонаҳои вилояти Хатлон, ки сатҳи нисбатан баланди суръати афзоиши ҳосилнокии меҳнат нисбат ба суръати афзоиши пардохти меҳнат дида мешавад, қабул ва истифодаи принсипҳои низоми ҳавасмандгардонии меҳнати Аткинсон бо назардошти тағйироти баъзе аз меъёрҳо то андозае мувофиқ мебошад. Низоми ҳавасмандгардонии Аткинсон тағйирёбии бузургии ҳавасмандгардониро баробари афзоишёбии ҳосилнокии меҳнат дар ҳаҷми 10, 15 ва 20% дар назар дорад [1, с.272].

Азбаски мақсади асосии корхонаҳои саноатии вилоят афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, хусусан дар шароити пеш гирифтани сиёсати воридотивазкунанда, зиёд намудани афзалиятҳои рақобатӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ маҳсуб меёбад,

нишондиҳандаи асосии ҳавасмандгардонии инфиродӣ бояд афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар ҳадди зиёда аз 20% бо назардошти сифати маҳсулот ва риояи технологияи истеҳсолот қабул карда шавад. Аммо бо мақсади ҳавасмандгардонии бештари самаранокии меҳнати кормандон ҷорӣ намудани механизми прогрессивии афзоиши ҳаҷми ҳавасмандгардонии инфиродӣ зарур мебошад.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии коллективи кормандон дар ҷамъбасти фаъолияти корхона зиёд намудани ҳаҷми мукофотонии дастаҷамъона, вобаста ба нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти корхона, муҳим мебошад. Ба сифати чунин нишондиҳанда натиҷаи ниҳоии молиявӣ, яъне фоидаи софи корхонаи саноатӣ бояд баромад кунад. Бо назардошти ду ҳолати зикршуда, яъне мукофотонии инфиродӣ ва дастаҷамъона механизми мукофотонии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлонро дар ҷадвали 2. пешниҳод менамоем.

Аз ҷадвали 2. дида мешавад, ки меъёри унсурҳои механизми мукофотонии инфиродӣ ва дастаҷамъона аз якдигар фарқ менамоянд, аммо мақсади ниҳоии онҳо ягона буда, аз афзоиши самараи меҳнат дар корхонаи саноатӣ иборат мебошад. Байни механизмҳои зикршуда алоқамандии зич ҷой дошта, яке дигареро пурра менамояд. Масалан, мукофотонии инфиродии кормандон самаранокии меҳнатро таъмин намуда, барои расидан ба натиҷаҳои молиявии мусбӣ дар корхона мусоидат менамояд.

**Ҷадвали 2. - Механизмҳои тавсияшавандаи мукофотонии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар шароити шуғли пурмаҳсул.**

<table>
<tr><td>Намудҳои мукофотонӣ</td><td colspan="5">Механизмҳои мукофотонӣ</td></tr>
<tr><td rowspan="6">Мукофотонии инфиродӣ</td><td>Нишондиҳандаҳои мукофотонӣ</td><td colspan="4">Афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар муқоиса бо соли гузашта, %</td></tr>
<tr><td rowspan="3">Ҳаҷми мукофотонӣ</td><td rowspan="3">то 20 мукофотонӣ пешбинӣ намешавад</td><td>аз 20 то 25</td><td>аз 25 то 30</td><td>зиёда аз 30</td></tr>
<tr><td>8</td><td>12</td><td>16</td></tr>
<tr><td colspan="3">аз фонди тарифии солона, %</td></tr>
<tr><td>Шарти мукофотонӣ</td><td colspan="4">Сифати маҳсулот ва риояи технологияи истеҳсолот</td></tr>
<tr><td>Давраи мукофотонӣ</td><td colspan="4">Дар охири ҳар як нимсола (охири моҳи июн ва декабр)</td></tr>
<tr><td rowspan="4">Мукофотонии дастаҷамъона</td><td>Нишондиҳандаҳои мукофотонӣ</td><td colspan="4">Ҳаҷми фоидаи соф</td></tr>
<tr><td>Ҳаҷми мукофотонӣ</td><td colspan="4">5% аз фоидаи соф</td></tr>
<tr><td>Шарти мукофотонӣ</td><td colspan="4">Риояи интизоми меҳнат, набудани танбеҳ, ба пуррагӣ иҷро намудани меъёрҳои истеҳсолот</td></tr>
<tr><td>Давраи мукофотонӣ</td><td colspan="4">Солона</td></tr>
</table>

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 1.

Меъёрҳои ҳавасмандгардоние, ки дар ҷадвал оварда шудаанд, афзоиши прогрессивии ҳаҷми ҳавасмандгардониро дар назар дошта, мунтазам баландшавии сатҳи ҳосилнокии меҳнати корхонаи саноатиро дар шароити шуғли пурмаҳсул таъмин менамоянд. Оид ба масъалаи такмили низоми ҳавасмандгардонӣ иқтисодчӣ Исмоилов М.М. чунин нуқтаи

назар дорад, ки механизми пардохти музди меҳнат ва ҳавасмандгардониҳои меҳнатӣ бояд тавре амал намояд, ки мукаммалгардонии мунтазами низоми ҳавасмандгардонии меҳнат ва рушди ҳар як унсури механизми мазкурро таъмин намояд.

Амали механизми мукаммали ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон имконият медиҳад, то ҳиҷрати кадрҳо коҳиш дода шавад. Иқтисодчии ватанӣ Рустамов Р.У. низ чунин нуқтаи назар дорад, ки паст намудани шиддати ҳиҷрати кадрҳо дар асоси истифодаи механизмҳои ҳавасмандгардонии меҳнат яке аз самтҳои афзалиятноки самаранок истифодабарӣ ва идоракунии иқтидори меҳнатӣ мебошад [4, с.17].

Аз нигоҳи мо, дар самти ташаккул ва рушди бозори меҳнати минтақавӣ аз ҳисоби корхонаҳои саноатӣ андешидани чораҳои зерин мувофиқ мебошад:

– ҷорӣ намудани воситаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ;

– бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатии вилоят аз тариқи афзоиши самараи меҳнати кормандон бо роҳи ҳавасмандгардонии онҳо;

– ташаккули низоми мусоидат ба афзоиши ҳосилнокии меҳнати корхонаҳои саноатии вилоят дар заминаи амали қаноатбахши механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат;

– механизми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат нисбат ба кормандони корхонаҳои саноатии вилоят аз ҳисоби занон ва кормандоне, ки баъди бозгашт аз муҳоҷират ба кор қабул мешаванд, бояд тавре роҳандозӣ карда шавад, ки ҳаҷми ҳавасмандгардонӣ барои қонеъ намудани талаботи онҳо, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи тахассусмандиашон мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, аз таҳқиқоти анҷомдодашуда натиҷаҳои зерини илмӣ ба даст оварда шуданд:

1. Самтҳои имконпазири ташаккул ва рушди шуғли пурмаҳсул аз мавқеи такмили механизми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон муайян ва ошкор гардиданд, аз ҷумла:

– таъсиси корхонаҳои саноатӣ бо назардошти роҳандозӣ намудани низоми қаноатбахши ҳавасмандгардонии моддии меҳнат;

– баланд бардоштани сатҳи музди меҳнат ва дигар намуди ҳавасмандгардониҳои моддии меҳнат;

– сатҳи қаноатбахши ҳавасмандгардонии моддии доимӣ ва тағйирёбанда дар соҳаи маориф бо мақсади таъмини бозоргирии кадрҳо дар бозори меҳнат;

– ҳамкории пайвастаи корхонаҳои саноатии вилоят бо Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии вилояти Хатлон аз мавқеи ҳавасмандгардонии қувваи корӣ аз ҳисоби занон ва аҳолии деҳот дар шакли ҷалби онҳо ба курсҳои бозомӯзӣ ва дигар ҳавасмандгардониҳое, ки дар шароити кунунӣ имконияти бештари таъмини шуғли аҳолиро доранд;

2. Таҳқиқот нишон дод, ки барои такмили мехнанизми ҳавасмандгардонии моддии кормандон таъсис додани хадамоти аудити дохилӣ ва ба роҳ мондани ҳамкории устувори иҷтимоӣ байни иттифоқи касаба ва маъмурияти корхонаҳои саноатӣ таъсири назаррас доранд. Барои татбиқи механизми комили ҳавасмандгардонии моддии меҳнат фаъолияти мунтазами комиссия оид ба баҳои мумайизии шароити меҳнатӣ, хадамоти аудити дохилӣ ва иттифоқи касабаи корхонаҳои саноатии минтақаро муҳим мешуморем.

3. Дар натиҷаи гузаронидани SWOT-таҳлил маълум карда шуд, ки рушди шуғли пурмаҳсул дар вилоят, аз мавқеи ҳавасмандгардонии захираҳои меҳнатии корхонаҳои саноатӣ, бо роҳи баланд бардоштани сатҳу сифати меҳнат ва дар заминаи ҷалби кормандони тахассусманд ва касбӣ, ҷалби қувваи корӣ аз ҳисоби мардон ва занон, ки нерӯи афзоишдиҳии самараи меҳнатро доранд, ҷорӣ намудани низом ва механизми мукаммали ҳавасмандгардонии моддии бар мавқеи касбӣ ва самараи баланди меҳнатӣ асосёфта, ки шаклу намудҳои қаноатбахши ҳавасмандгардонии моддиро дар назар дошта, имконияти коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатиро дар вилоят доранд, имконпазир мебошад.


**Адабиёт**

1. Адамчук, В.В. Экономика труда: учебник [Текст] / В.В. Адамчук, Ю.П. Кокин, Р.А. Яковлев; под ред. В.В. Адамчука. - М.: ЗАО «Финстатинформ», 1999. – 431 с.

2. Исмоилов М.М. Инновационная экономика образования: генезис, природа, формы проявление и методология исследования/ Коллективная монография: Институты и механизмы регулирования в условиях глобальной нестабильности. Ростов-на дону, 2014. – 320 с.

3. Мирзозода А.Д. Таҳлили нишондиҳандаҳои ҳавасмандгардонии меҳнати коргарон (дар мисоли вилояти Хатлон) / А.Д.Мирзозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2023. № 3. С. 122-131.

4. Рустамов Р.У. Механизми истифодаи иқтидори меҳнатии аҳолӣ дар бозори меҳнат. Автореф. дисс. номзади илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе, 2020. – 24 с.

5. Саидов Р.Н. Пути уменьшения безработицы и снижения инфляции в Республике Таджикистан / Р.Н.Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2016. № 2/4 (204). С.114-121.

6. Соколова А.А. SWOT-анализ как действенный инструмент процесса формирования продуктивной занятости сельского населения // А.А.Соколова, Т.Н. Ратошнюк / Международный научно-производственный журнал "Экономика АПК". 2014. № 1 (231). С.57-64.

7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 88 с.


## ҶОРӢ НАМУДАНИ УСУЛҲОИ БАҲИСОБГИРӢ ВА БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ҶАРАЁНҲОИ ИКТИСОДИИ КОРХОНАХО ДАР ШАРОИТИ ИКТИСОДӢ


**Шарифова Рухсора Нуриддиновна** – маллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 935527653.



Ҳуҷҷатҳо унсури усули баҳисобгирии муҳосибӣ буда, усули бақайдгирии амалиёти тиҷоратӣ мебошанд. Баҳисобгирии муҳосибӣ ба таври қатъӣ ҳуҷҷатӣ аст, яъне. Ҳар як далели ҳаёти иқтисодӣ бояд бо ҳуҷҷати ибтидоии баҳисобгирӣ, ки интиқолдиҳандаи маълумоти ибтидоии баҳисобгирӣ мебошад, ба расмият дароварда шавад.



**Вожакалимаҳо:** ҳуҷҷат, раванд, баҳисобгирии муҳосибӣ, тиҷоратӣ, маълумот, усул, пул, ҳисобдорӣ.

# ВНЕДРЕНИЕ МЕТОДОВ УЧЕТА И ДОКУМЕНТИРОВАНИЯ ХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРОЦЕССОВ ПРЕДПРИЯТИЙ В ЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ

**Шарифова Рухсора Нуриддиновна** - старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 935527653.

Документация является элементом метода бухгалтерского учета и представляет собой способ оформления хозяйственных операций. Бухгалтерский учет является строго документальным, т.е. каждый факт хозяйственной жизни подлежит оформлению первичным учетным документом, который является носителем первичной учетной информации.

**Ключевые слова:** документ, процесс, бухгалтерский учет, отчет, информация, метод, экономический, деньги, учет.

# IMPLEMENTATION OF METHODS OF ACCOUNTING AND DOCUMENTATION OF ECONOMIC PROCESSES OF ENTERPRISES IN ECONOMIC CONDITIONS

**Sharifova Rukhsora Nuriddinovna** - Senior Lecturer, Department of Accounting, Tajik State Financial and Economic University. Address: Republic of Tajikistan, 734067, Dushanbe, st. Nakhimova 64/14, tel: 935527653.

Documentation is an element of the accounting method and is a way of processing business transactions. Accounting is strictly documentary, i.e. each fact of economic life is subject to execution by the primary accounting document, which is the carrier of primary accounting information**.**

**Key words:** document, process, accounting, report, information, method, money, accounting, economic.

Ҳуҷҷати баҳисобгирӣ — ҳуҷҷати тиҷоратӣ мебошад, ки далели хаттии анҷом додани амалиёти тиҷоратӣ ё ҳуқуқи анҷом додани он мебошад, ки аз ҷониби шахсони ваколатдор имзо карда мешавад.

Барои самаранок идора кардани фаъолияти корхона ва қабули қарорҳои дуруст ва саривақтӣ дар рафти фаъолият ва татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ миқдори кофии иттилоот ва пеш аз ҳама маълумоти баҳисобгирӣ доштан лозим аст. Ин маълумот дар бораи вазъи воқеӣ ва натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар раванди баҳисобгирии иқтисодӣ, ки инъикоси миқдорӣ ва тавсифи сифатии ҳамаи далелҳои фаъолияти хоҷагидориро дар назар дорад. Асоси шукуфоии ҳар як ташкилот баҳисобгирии муҳосибӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилот, сохтор, сохтмон ва намуди фаъолияти он мебошад, зеро ҳадафи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ — таъмини таҳлилгарон бо иттилооти зарурӣ барои қабули қарорҳо мебошад. Ин қарорҳо ба тақсим ва истифодаи захираҳои маҳдуди иқтисодӣ: пул, замин, меҳнат ва ғайра дахл мекунанд.Тақсим ва истифодаи ин захираҳо нархҳо, музди меҳнат, истеҳсоли молҳо ва хидматҳо, мувофиқати захираҳои мо, сифати системаҳои нақлиёт ва кадом кишварҳо рушд мекунанд ва кадоме аз онҳо коҳиш меёбад, муайян мекунад. Дар воқеъ, ҳар як корхона ба вазъи иқтисодии ноҳия, вилоят, кишвар таъсир

мерасонад ва дар ин бобат ҳисобдорӣ нақши муҳим мебозад. Ин чунин маъно дорад, ки мавқеи ҳар як ташкилот ба ташкили дурусти ҳисоби бухгалтерӣ вобаста аст.

Мақсади навиштани ин мақолаи — таҳлил ва фаҳмидани он аст, ки ҳуҷҷатгузорӣ чист, нақш ва мавқеи он дар кори корхона (ташкилот) дар чист, принсипҳои тартиб додани ҳуҷҷатҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин принсипҳои ташкили муомилоти ҳуҷҷатҳо дар корхона (дар ташкилот).

Хусусияти баҳисобгирии муҳосибӣ ин назорати доимӣ ва бефосилаи тамоми амалиёти тиҷоратӣ дар корхона мебошад. Ин раванд тавассути ҳуҷҷатгузорӣ ба даст меояд. Ҳуҷҷатсозӣ (ҳуҷҷат аз лотинӣ — муошират, далел) маҷмӯи ҳуҷҷатҳоест, ки бо ёрии онҳо амалиёти тиҷоратӣ дар корхонаҳо ба расмият даровarда мешавад ё ба ибораи дигар, раванди расмисозии муомилоти тиҷорӣ бо ҳуҷҷатҳо мебошад. Ҳуҷҷатгузорӣ унсури муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад: он барои мушоҳидаи аввалиндараҷаи муомилоти тиҷоратӣ хизмат мекунад ва шарти ҳатмӣ барои инъикоси онҳо дар ҳисобдорӣ мебошад. Вазифаҳои асосие, ки дар назди шӯъбаи баҳисобгирии ҳар як ташкилот истодаанд, инҳоянд:

- ташаккул додани маълумоти пурра ва боэътимод оид ба равандҳои бизнес ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти ташкилот, ки барои идоракунии фаврӣ, инчунин барои истифодаи он аз ҷониби сармоягузорон, кредиторон, мақомоти андоз, молияв, бонкҳо ва дигар шахсони манфиатдор заруранд;
- таъмини назорат аз болои мавҷудият ва ҳаракати амвол;
- истифодаи захирахои моддию меҳнатӣ ва молиявӣ мувофики стандартхо, қоидаҳо ва сметаҳои тасдикшуда;
- сари вакт пешгирӣ намудани ҳодисаҳои манфӣ дар фаъолияти молиявию хоҷагӣ;
- ошкор ва ба кор андохтани захираҳои дохилии хоҷагӣ.

Татбиқи ин вазифаҳо бевосита аз пурра ва саривақтӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос намудани амалиёти хоҷагие, ки ташкилот дар ҷараёни фаъолияти худ анҷом додааст, вобаста аст, ки ин дар навбати худ натиҷаи баҳисобгирии ҳуҷҷатии амалиёти анҷомдодашуда мебошад. Дурустии татбиқи он эътимоднокии маълумоти баҳисобгирии муҳосибиро, ки шуъбаи баҳисобгирии ташкилот ба истифодабарандагони он пешниҳод мекунад, муайян мекунад.

Аз ин рӯ, дар ташкилотҳо ба раванди ҳуҷҷатгузории амалиёти тиҷоратӣ на танҳо аз ҷониби кормандони шӯъбаҳои муҳосибӣ, балки кормандони дигар воҳидҳои сохторӣ низ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад, зеро самаранокии баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилотҳо аз ташкили дурусти кор бо ҳуҷҷатҳо вобаста аст, ки ин тасдиқи хаттии далели анҷом додани амалиёти тиҷоратӣ (эътимоднокии ҳуқуқии онҳо) мебошад. Дар мавриди ҳуҷҷатгузории муомилоти тиҷорӣ аз нуқтаи назари қонунгузорӣ, талаботҳои асосӣ ба ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ дар моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» оварда шудаанд. Ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ барои баҳисобгирӣ қабул карда мешаванд, агар онҳо дар шакли албоми шаклҳои ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ мавҷуд бошанд. Ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии ибтидоӣ барои баҳисобгирӣ қабул карда мешаванд, ки агар онҳо дар шакли албоми шаклҳои ягонаи ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии аввалия мавҷудбуда тартиб дода шуда бошанд. Аммо аҳамияти ҳуҷҷатҳо дар амалиёти хоҷагии корхонаҳо аз он иборат аст, ки он барои асоснок кардани ҳисоботи муҳосибӣ истифода мешавад. Ҳуҷҷатгузорӣ дар идоракунии фаъолияти корхона нақши муҳим дорад. Дастурамал оид ба иҷрои муомилоти хоҷагӣ (интиқол ё додани маблағ,

додани мавод, иҷрои кор ва ғ.) дар шакли ҳуҷҷатҳои дахлдор (ордерҳои пардохтӣ, ордерҳои хазинавӣ, ордерҳо, талабномаҳо ва ғайра) дода мешаванд. Барои кормандоне, ки ин фармоишҳоро иҷро мекунанд (хазиначиён, шахсони масъули молиявӣ, истеҳсолкунандагони кор ва ғайра) ҳуҷҷатҳо ҳамчун асос барои амалиёти анҷомдодашуда хизмат мекунанд. Ҳуҷҷатҳо барои назорати пешакӣ ва минбаъда ба мувофиқа ва қонунӣ будани муомилоти хоҷагидорӣ ва риояи интизоми давлатӣ аҳамияти амалӣ доранд. Назорати пешакӣ аз ҷониби кормандони роҳбарикунанда амалӣ карда мешавад: онҳо бо имзои ҳуҷҷат барои қонунӣ будани муомилоти бо ин ҳуҷҷат ба расмият даровардашуда масъулият мегиранд. Ин барои таъмини риояи интизоми соҳибкорӣ ва қонунгузории ҷорӣ мусоидат мекунад. Назорати минбаъдаро кормандони баҳисобгирӣ ҳангоми қабул ва коркарди ҳуҷҷатҳо, инчунин кормандони мақомоти андоз, молия ва аудит амалӣ мекунанд. Ин назорат, пеш аз ҳама, ба ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда барои муқаррар кардани қонунӣ ва қобили иқтисодии амалиётҳо, инчунин барои тафтиши дурустии худи ҳуҷҷатҳо дахл дорад. Ҳуҷҷатҳо барои таъмини назорат аз болои нигоҳдории амвол ва истифодаи оқилонаи он муҳиманд.

Гирифтан ва баровардани сарватҳои моддӣ, истифода бурдани маблағҳо, танҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои дуруст тартиб додашуда ба амал баровардани ҳисобу китоб аз суйистеъмоли шахсони мансабдор пешгирӣ карда мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки камбудӣ, исрофкорӣ, нодуруст идоракунӣ ва суйистеъмолкунии гуногун бештар дар он ҷое руй медиҳад, ки ҳуҷҷатҳо нодуруст ва сари вақт тартиб дода мешаванд, ҳисобу китоб суст ба роҳ монда шудааст. Ҳуҷҷатҳо ҳамчун далели хаттии муомилоти тиҷоратӣ аҳамияти ҳуқуқӣ доранд ва бинобар ин аз ҷониби мақомоти судӣ ҳангоми баррасии даъвоҳои тиҷоратӣ истифода мешаванд. Мақомоти судӣ эътибори исботи ҳуҷҷатро эътироф мекунанд, ки агар он сари вақт тартиб дода шуда бошад ва ба таври бояду шояд ба расмият дароварда шуда бошад. Ҳуҷҷатҳо дар таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ, барои назорати молиявӣ, аудит ва бознигарии ҳуҷҷатӣ истифода мешаванд. Бо истифода аз технологияи электронии ҳисоббарорӣ дар баҳисобгирии ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот оид ба муомилоти тиҷоратӣ дар баробари ҳуҷҷатҳои қоғазӣ воситаҳои нигоҳдории мошинӣ барои иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ торафт васеъ паҳн мешаванд. Баъзеи онҳо амалиёти тиҷоратиро бевосита дар лаҳзаи ба амал баровардани он инъикос мекунанд, дигарон дар асоси маълумотҳои аввалия тартиб дода шуда, барои бароҳатии коркард ва воридшавии автоматии он аз компютер истифода мешаванд. Дар баҳисобгирии муҳосибӣ ҷорӣ намудани компютерҳои пешрафта имкон медиҳад, ки мундариҷаи онҳо дар дастгоҳи хотираи мошин ба таври худкор сабт ва намоиш дода шавад ва пас аз коркард маълумоти барои идоракунӣ ва назорат зарурӣ ба даст оварда шавад. Талабот нисбати мундариҷа ва таҳияи ҳуҷҷатҳо. Пуррагӣ ва эътимоднокии нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ бештар ба сифати тартиб додани ҳуҷҷатҳо вобаста аст. Бинобар ин, нисбат ба ҳуҷҷатҳо талабҳои зерин гузошта мешаванд:

- сари вақт омода кардан,
- эътимоднокии нишондиҳандаҳо,
- дуруст ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо.

Ҳуҷҷати дуруст тартибдодашуда бояд тамоми нишондиҳандаҳоеро дар бар гирад, ки барои пешниҳоди маълумоти пурра дар бораи амалиёти анҷомшуда маълумот диҳад.

**Адабиёт**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ”. ш. Душанбе, 25 марти соли 2011, № 702

2.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» с. 2023 Душанбе.

3.Султонова С.М.Шарифова Р.Н.Тилакмуродова С.Д. Ҳуҷҷатгузории муҳосибӣ: васоити таълимӣ -Матбаи ДДМИТ Душанбе 2023, саҳ. 204

4.Агеева О.А. Диалектическая концепция бухгалтерского учета и отчетности: монография / ИКФ «Каталог».- М.: 2007.- 302 с.

5.Агеева О.А. Теоретико-методологические аспекты бухгалтерского учета и отчетности: монография. – Изд-во ГОУВПО «ГУУ».- М., 2008. – 200 с.

6.Варламова Д.В., Алексеева Л.Д. Масъалаҳои ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба низоми ҳисобдорӣ. Бюллетени Академияи иқтисодиёт ва ҳуқуқи Олтой. 2020;(5–2):248–254.

7.Дружиловская Т.Ю., Дружиловская Е.С. Модернизатсияи ҳисоботи молиявии ташкилотҳо дар иқтисодиёти рақамӣ. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Таҳлил. Аудит. 2019;6(1):50–61.

8. Кодиров, Ф. А. Формирование системы стратегического управленческого учета на предприятиях текстильной промышленности Республики Таджикистан / Ф. А. Кодиров, Ш. Садриддин // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2020. – № 4(52). – С. 66-71.

## ХУСУСИЯТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШАРОИТИ САНОАТИКУНОНИИ МАМЛАКАТ

**Иброҳимов Темурали Раҷабович -** муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Нахимова 64/14. Телефон: 201945858.

Дар мақола муҳим ва зарур будани баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун функсияи ташаккулдиҳии имкониятҳои молиявӣ дар шароити индустриаликунии мамлакат асоснок карда шудааст. Ба ақидаи муаллиф моҳиятан мазмун ва мундариҷаи маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ амалиётҳои гуногунҷабҳаи соҳаи кор ва фаъолиятро дар макон ва вақт бо ҷараёнгирии муайян дар бар мегирад.

**Калидвожаҳо:** индустриаликунӣ, истеҳсолот, баҳисобгирӣ, идоракуни давлатӣ, даромад, хароҷот, ҳисобҳо, банақшагирӣ, назорат.

## ОСОБЕННОСТИ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В РОМЫШЛЕННЫХ УСЛОВИЯХ СТРАНЫ

**Иброхимов Темурали Раджабович -** старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета -Таджикский государственный финансово-экономический университет, **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 201945858.

Статья важна и необходимость в бухгалтерском учете основана как функция формирования финансовых возможностей в промышленных условиях страны. По словам автора, это, по сути, содержание данных бухгалтерского учета и бухгалтерского учета, включая бухгалтерский учет финансового учета, включая бухгалтерский учет финансовых операций, и время с конкретным процессом.

**Ключевые слова:** инстатация, производство, бухгалтерский учет, управление государством, доходы, затраты, счета, запланированные, мониторинг.

## FEATURES OF ACCOUNTING IN THE INDUSTRIAL CONDITIONS OF THE COUNTRY

**Ibrohimov Temurali Rajabovich -** an senior lecturer of department is an record-keeping of the Tajik state finances-economy university. Address: Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Phone: 201945858.

The article is important and the need for accounting is based as a function of forming financial capabilities in the country's industrial conditions. According to the author, this is, in fact, the content of accounting and accounting data, including financial accounting, including accounting of financial transactions, and time with a specific process.

**Key words:** installation, production, accounting, state management, income, costs, accounts, planned, monitoring.

Дар шароити тулонӣ гардидани таъсисёбии низоми пурраи муносибатҳои бозорӣ, қисми бештари илмҳои соҳавӣ ҷиҳатҳои муҳими масъалагузориҳои тахассусиро тариқи қиёснамоӣ бо маълумотҳои оммавӣ пеш мебаранд. Чунин ҳолат пеш аз ҳама тақозои дарк карда гирифтани заминаҳои назариявӣ ва методии ташаккулёфтани фанҳои тахассусиро дар робита ба ҳаёти рузгордоии воқеӣ мегирад. Бахравар шудан аз чунин заминаи маълумот дар бисёр мавридҳо боиси такони ҷиддии ақидаронӣ дар ин ё он ҷодаи илмҳои соҳавӣ, аз ҷумла баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит, умуман тадбиқи сиёсати рушди минтақавӣ мегардад. Бинобар ин, такмилдиҳӣ ва самаранок ба роҳ мондани таркиби сохтории баҳисобгирӣ ҳамчун фишанги идоракунии давлатӣ дарёфт ва сафарбар намудани имкониятҳои афкори мардумӣ ва ташаккули иттилооти шаҳрвандӣ ҳамчун зинаи сифатан нави маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Чунин меҳисобем, ки низоми амалкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, новобаста аз номусоидии вазъи моддӣ, тавонист, ки то ба имрӯз талаботи истеъмолкунандагони зиёди ташкилоту муассисаҳаро қонеъ гардонад. Моҳиятан мазмун ва мундариҷаи маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ амалиётҳои гуногунҷабҳаи соҳаи кор ва фаъолиятро дар макон ва вақт бо ҷараёнгирии муайян дар бар мегирад [5, с, 142]. Чун анъана онҳо асосан ҳамчун ҷамъбасти вазъи молиявӣ, ҳисоббаробаркуниҳои уҳдадориҳои молиявӣ ва пешбурди фаъолияти истеҳсолию маъмурии субъектҳои хоҷагидор ва хизматрасонро тибқи муқаррароти ҷойдошта ифода карда мегиранд. Чунин маълумотҳо аз рӯи таъинот танҳо аз нигоҳи ин ё он субъекти истеҳсолӣ ва хизматрасон ва дар робита ба истеъмолкунандагон фаҳмида мешавад, ки ин аз назари мо хело маҳдуд аст.

Дар ин самт зарур аст, ки ба маълумот ва ахбори баррасишаванда тавассути сикли ҳаётии он таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем. Яъне маълумоте, ки бо ташаккулёбии ҷараёнгирии амалиёти баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, ҳамзамон дар вақт ва макон

ифодагари миқдор ва сифати ҷараёнгирии амалиётҳои иҷтимои иқтисодӣ эътироф пайдо намояд. Чунин маълумот ҳамчун замина барои баҳодиҳии ҳолат ва вазъияти ҷараёнгирии амалиётҳои ҳаёти фаъоли шаҳрвандӣ, қабули қарори муфид дар ин самт аз ҳисоби менеҷменти муқоисавӣ истифода бурда шавад. Ҳамин тавр, қимати ахбори баҳисобгирии муҳосибӣ дар баробари қабули қарори истеҳсолию хоҷагидорӣ ва дигар хизматрасониҳо,ки аслан ба соҳибкорон ва кулли коршиносон мансуб granted дониста мешавад,имконияти васеътар мегирад.

Шояд аз тарафи хонанда, ба хусус аз қабили мутахассисони соҳаи молия ва иқтисод чунин тарзи баҳодиҳии паҳлуҳои объект ва мавзуи омузиши масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ қобили қабул набуда, пазируфта нашавад. Лекин мантиқан мо худ шоҳиди он ҳастем, ки тамоми ҳодиса ва ҷараёнҳои иҷтимоию иқтисодии баамаломадаи замони муосир хеле хуб ва донисташаванда тариқи нишондиҳандаҳои мушаххаси оммавӣ баррасӣ, натиҷагирӣ ва хулосабарорӣ мегарданд. Мутобиқи маълумотҳои расмӣ қисми бештари аҳолии кишвар (73,7%) ба деҳот рост меояд. Чунин қимат ҳамчун натиҷаи даврии ташаккулёбӣ ва дараҷаи нисбатан баландтари ахборот буда, моҳиятан дар заминаи баҳисобгирии соҳавӣ, масалан ташашаккулёбӣ ва дарҷи миқдорию сифатии ҳаракати аҳолӣ ва таркиби теъдоди хонаводаҳо мебошад. Фақат ҳамин, ки бо тариқи хосаи мардумӣ мавриди муаррифӣ ва пешниҳод қарор мегиранд. Аксари қиматҳои муносибатҳои иқтисодию молиявӣ, аз қабили фаъолияти истеҳсолӣ, тақсимотӣ, муомилот ва истеъмолӣ ҳарчи бештар натиҷаи муҷассамгардидаи иқтисод ва молия аз тариқи мазмуни шаҳрвандӣ мавқеи устувор гирифта истодааст. Худи ҳамин ҳодиса ва зуҳуротҳо зарурати асоснокии илмию назариявӣ ва методологии баҳисобгирии муҳосибии шаҳрвандиро ифода карда, зинаи омузиши илми баҳисобгирии муосирро ифода карда мегирад.

Даромад ва хароҷоти буҷет, истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохила, музди меҳнати номиналию воқеии кормандон ва ғайра, пайваста аз тариқи чорабиниҳои расмии давлатӣ алалхусус роҳбарияти давлат, ҳукумати кишвар мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Дар мулоқотҳои дохилӣ ва берунӣ бо муаррифӣ ва фаҳмондадиҳии ҳаҷм, дараҷа ва динамикаи онҳо дар вақт ва макон, ин худ ифодаи як навъи сикли ҳаракати маълумоти мушаххаси баҳисобгирии муҳосибию таҳлилӣ, аудиторию назоратӣ мебошанд.

Бо баррасӣ ва муаррифии расмии онҳо, шаҳрвандон аз ҳолат, ҳаракат, вазъи ҳозира ва ояндаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа хело хуб маълумот мегиранд [3, с, 79].

Аз муваффақият ва дастовардҳо огоҳ мешаванд. Камбудиҳои муайян ошкор шуда, таваҷҷуҳи омма ба хислати сар задании онҳо ҷалб мегарданд, чораҳои назоратию бартарафнамоии онҳо таъкид карда мешавад. Шафофияти ҳаётӣ, эътимоднокии воқеии онҳоро маҳаки баҳисобгирии шаҳрвандӣ қабул карда, бо назардошти аҳамиятнокии иҷтимоӣ метавонем, ки баҳисобгирии шаҳрвандиро ҳамчун соҳаи назария ва амалияи илми баҳисобгирии муҳосибӣ мақоми хоса диҳем. Ҷараёнгирии ҳаёти воқеии кишвар нишон медиҳад, ки баробари паҳн гардидани маълумотгирии шаҳрвандӣ, муҳити маънибардорӣ таъсис меёбад. Нишондиҳандаҳои баррасишаванда ҳамчун маводи хеле пурарзиш баромад мекунанд. Майдони васеи омузиширо ба миён меоранд. Чунин маълумотгирӣ аз тарафи хурду калони аҳолӣ мафкураи муайяни заруриро дар соҳаҳои гуногуни кор ва фаъолият, аз сатҳи оддӣ то мураккаб таъмин месозад.

Ҳамин тавр ҷомеа бо маълумотҳое фарогир мешавад, ки истеъмолкунандаи маълумот шаҳрвандони мардумӣ буда, маълумоти таъсисёфта ба худ хос, мазмун ва мундариҷаи муҳосибиро аз тариқи рангу образи васеътар таҷассум карда мегирад. Барои мисол,

таъсисёбии танҳо ҳамин гуна маълумотҳои муқоисавии рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 7,3 фоиз ҷамъбаст гардида, ё ин,ки таваррум дар сатҳи 5,4 % фоиз нигоҳ дошта шуда, ки ин нишондиҳандаҳо расмӣ ва барномавӣ пешниҳод гардидаанд,инҳо таҷассумгари рушд ва пешравӣ, заҳмати мардуми меҳнаткаши кишвар ва бо иттилооти мушаххаси маъмурӣ ҳамчун функсияи идоракунӣ ифода меёбанд. Рақамҳои зикршуда натанҳо маълумоти миқдорӣ, балки ченаки муайяни майли ҷараёнгирии паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ва идорашавндагии онҳо мебошанд [1]. Маҳз ҳамин нишондиҳанда ҳаст, ки кору фаъолияти ҷомеа арзёбии тасирбахш гирифта майли рушди иҷтимоиро дар байни мардум образи эътимоднокӣ ва саодатмандӣ медиҳад. Дар чаҳорчубаи муайяни ҳолати ҷорӣ ва стратегии фаъолияти кулли субъектҳои воқеъӣ ва ҳуқуқӣ заминаи обу ранги умедбахш медиҳад. Ахборе ба шумор меравад, ки дар робита бо дигар аломатҳои таҳтулнишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, мақоми сифатан нави онро дар шакли афкори мардумӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии шаҳрвандӣ пайдо мекунад. Яъне арзишнокии амалиёти шаҳрвандӣ ва эътирофгардидани чунин ҳодисаҳо ҳамчун объект ва предмети омузиши касбӣ дараҷаи нисбатан баландтари таъсисёфтани ахбори баҳисобгирии муҳосибии заминавӣ мебошад. Дар маҷмуъ устувори давлати Тоҷиконро дар арсаи дохилӣ ва байналмилалӣ воқеан ва ҳаётӣ нишон дода метавонад. Аз ин ҷо, чӣ қадар, ки афкори ҷомеа фаъолона аз ҳисоби баҳисобгирии муҳосибии шаҳрвандӣ эътимоднок, пурра ва саривақтӣ ташаккул ёбад, ин ҳамон қадар қиммати омузишӣ ва чораандешии самараноки идоракунии давлатӣ гирифта метавонад.

Таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам нишон медиҳад, ки таъсисёбии маълумотҳои шаҳрвандӣ бештар аз ҳисоби ташаббус ва навгониҳо ба тадқиқот ва пурсишҳои интихобӣ асос ёфта, бо ҷалби мутахассисон ва коршиносони нуқтасанҷ зич алоқаманд мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки бисёре аз нишондиҳандаҳои таркибӣ, махсусан минтақавӣ моҳияти татбиқи саривақтӣ ва пуррагии барномаҳои рушди соҳаҳои воқеиро дар ноҳия ва минтақаҳои алоҳида пайдарпайии нишондиҳандавиро дар бар нагирифта истодаанд. Бинобар ҳамин, тамоюл ва қонуниятҳо, барои дарёфт ва сафарбар кардани захираҳои ҷойдоштаи маҳалҳо аз нигоҳи таваҷҷуҳзоҳирнамоӣ ба маҳдудияти захираҳо, мотиватсия ва ташаббускорӣ, ҳавасмандгардонии фаъолият характери таҳлилии кам доранд. Мақомотҳои идоракунии давлатӣ дар ноҳияҳо ва минтақаҳои алоҳида бояд тамоми сайъу кушиши худро барои дарёфти сабабҳои рушд ва нобарориҳои соҳавӣ, махсусан дар самти амалӣ гардонидани барномаҳои махсусгардонидашуда такмили баҳисобгирии мардумӣ равона созанд.

Нишондиҳандаҳои амалкунандаи омории ин самтҳо ҳоло низ бештар хислати миқдорӣ дошта, онҳо дар самти ҷамбасти натиҷавӣ аломатҳои сифатии маҳдуд доранд. Масалан рушди соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ, ки хусусияти хоси таъсисёбии нишондиҳандаи муҳосибии шаҳрвандиро доро мебошанд, дар алоқамандӣ бо таъсиси нишондиҳандаҳои сифатӣ метавонанд иқтидори идоравии нисбатан самаранокро дар бар гиранд. Зарурияте дар пеш истодааст, ки амалиётҳои баҳисобгирии идоракунии молиявӣ бо тavri услубияти саҳеҳ, ифодагари воқеият барои қабули қарори инноватсионӣ дар идоракунии давлатии мақомотҳои маҳалӣ бошанд.

Ҳар як субъекти ин минтақаҳо ва умуман шаҳрванди кишвар тавонад бо дарки мазмун ва мундариҷаи сифати баҳисобгирии молиявии омавиро ҳамчун нишондиҳандаҳои мушаххас, муқоиса ва хулосбарорӣ намуда, дар таъмини ҳадафҳои ҷорӣ ваояндавии минтақа ва умуман кишвар саҳми мувофиқ гузорад. Яъне истифодабарандагони

баҳисобгирии шаҳрвандӣ худро бояд ҳамчун қисми ҷудонашавандаи баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагидории бахшҳои воқеӣ ва идоракунандаи давлатӣ дар маҳалҳо эҳсос намоянд. Бартараф кардани диққати нокифоя дар тартиб додани ҳисоботҳои молиявӣ, қатъӣ риоя намудани тартиботи давлатӣ дар ин раванд, кафолати рушди босуботи минтақаҳо ва мунтазам арзёбӣ намудани сатҳи зиндагӣ ифода меёбад.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 21 декабри соли 2022.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ”, аз 25 марти соли 2011, №702.
3. Бабаев Ю. А. Бухгалтерский финансовый учет: Учебник для вузов. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Вузовский учебник.
4. Каримов Б.Ҳ, Ойев Н.А., Бобиев И.А., Шоймардонов С.Қ., Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, Душанбе Ирфон, 2016, 550 саҳ.


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАШКИЛИ ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ)


**Каримов Нурмахмад Ярмахмадович** – муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Нахимов 64/14. Телефон: +(992)919277770



Давлат ҳавасманд кардани деҳқононро барои беҳтар кардани сифати замин, афзоиши ҳосилнокии замин ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин менамояд. Ҳамзамон,онҳо аз руи қонунгузорӣ барои ифлосшавӣ ва хисорот ба замин ва коҳиши ҳосилнокии он ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида мешавад. Заминҳое, ки мақсаднок ё самаранок истифода намешаванд, барои аз нав тақсим кардани минбаъда аз хоҷагиҳои деҳқонӣ метавонанд бароварда шаванд.

Муайян кардани роҳҳо ва шаклҳои ташкили хоҷагии деҳқонии худ, деҳқон бояд дақиқ дарк кунад, ки он аз ҷиҳати ҷуғрофӣ чӣ гуна ҷойгир карда шавад, то бо хароҷоти камтарин ва фоидаи зиёд ба даст орад. Аз ин рӯ, замини ба деҳқон додашуда бояд аз рӯи нақшаи пешаки ба комплекси истеҳсоли-маишӣ, бинои истиқоматӣ, биноҳои истеҳсолӣ ва ёрирасон, майдонҳо, алафдарав, чарогоҳҳо ҷудо карда шавад.



**Калидвожаҳо:** хоҷагии деҳқонӣ, хоҷагӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ, меҳнат.


## ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ КРЕСТЬЯНСКИХ (ФЕРМЕРСКИХ) ХОЗЯЙСТВ


**Каримов Нурмахмад Ярмахмадович** - старший преподаватель кафедры бухгалтерского учёта Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: +(992) 919277770



Государство предоставляет фермерам стимулы для улучшения качества земель, повышения их производительности и производства экологически чистой продукции. При этом за загрязнение и порчу земель, снижение их продуктивности они несут административную и уголовную ответственность, предусмотренную законом. Земли,

которые не используются по назначению или неэффективно, могут быть изъяты из хозяйств для дальнейшего перераспределения.

Определяя пути и формы организации своего хозяйства, фермер должен четко представлять, как разместить его территориально, чтобы добиться наименьших затрат и наибольшей прибыли.

Поэтому предоставляемая фермеру земля должна быть отведена по предварительному плану под производственно-хозяйственный комплекс, жилые дома, производственные и вспомогательные постройки, поля, сенокосы и пастбища.

**Ключевые слова:** крестьянское хозяйство, ферма, хозяйственная деятельность, труд.

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF THE ORGANIZATION OF PEASANT (FARM) HOUSEHOLDS

**Karimov Nurmahmad Yarmahmadovich** - Senior Lecturer, Department of Accounting, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov St. 64/14. Phone: +(992) 919277770

The state provides farmers with incentives to improve the quality of land, increase its productivity and produce environmentally friendly products. At the same time, they bear administrative and criminal liability for pollution and damage of land, reduction of its productivity, as provided by law. Land that is not used for its intended purpose or is used inefficiently may be taken from farms for further redistribution.

When determining the ways and forms of organizing his farm, the farmer must clearly understand how to place it territorially in order to achieve the lowest costs and the highest profit.

Therefore, the land provided to the farmer must be allocated according to a preliminary plan for a production and business complex, residential buildings, production and auxiliary buildings, fields, hayfields and pastures.

**Keywords:** peasant farm, farm, economic activity, labor.

Дар адабиёти илмӣ ва ҳатто ҳуқуқии мо фарқият дар байни хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ дида намешавад. Дар "Луғати иқтисодии муосир" гуфта мешавад: хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) - шакли соҳибкории мустақил дар шакли субъекти хоҷагидории озод бо ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ. Чунин хоҷагиро шаҳрвандони алоҳида, оилаи онҳо ё гурӯҳи шахсони муттаҳидшуда, ки маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол, коркард ва мефурушанд, намояндагӣ мекунанд. Хоҷагидорӣ дар асоси манфиатҳои иқтисодӣ фаъолият мекунад.

Муаллифони дигар байни хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ фарқиятро мебинанд. Ҳамин тавр, муаллифони китоби дарсии "Иқтисодиёти хоҷагии деҳқонӣ" зери мафҳуми хоҷагии деҳқонӣ, хоҷагии оилавиеро, ки дар асоси меҳнати шахсии деҳқон ва аъзои оилаи ӯ фаъолият мекунад, дарк мекунанд.

Ба назари мо, ин баҳсҳои тафовут дар байни хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ сабабе вуҷуд дорад. Гарчанде ки хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ хусусиятҳои умумӣ доранд, аммо дар мундариҷаи ин мафҳумҳо фарқиятҳо ба назар мерасанд ва онҳо чунинанд.

1. Мақсади асосии хоҷагиҳои деҳқонӣ қонеъгардонии эҳтиёҷоти оилаи худ мебошад. Фермер бошад молро барои гирифтани фоида ба бозор мебарорад. Вай соҳибкор дар замин аст.

2. Хоҷагии деҳқонӣ танҳо меҳнати шахсии аъзоёни оиларо истифода мебарад. Хоҷагии фермерӣ бошад дар асоси омезиши меҳнати худи ва кироя ба роҳ монда шудааст.

3. Хоҷагии деҳқонӣ, чун қоида, универсалӣ, яъне ба ҳам истеҳсоли зироат ва чорводорӣ машғул аст. Хоҷагии фермерӣ бошад майл ба махсусгардонии истеҳсолот доранд.

4 Асоси иқтисодии хоҷагии деҳқонии муосир моликияти хусуси ба замин мебошад. Хоҷагии фермерӣ метавонад ҳам дар заминаи моликияти шахсӣ ва ҳам ба иҷора асос ёбад.

5. Хоҷагии фермерӣ ҳамчун субъекти соҳибкории мустақил бо ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ муайян карда мешавад, деҳқонон чунин мақом надоранд.

Пас, ба андешаи мо, дар бораи фермерӣ ва хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун мафҳумҳои гуногун сухан гуфтан ҷоиз аст. Дар таҳқиқоти минбаъда мо ин принсипро риоя хоҳем кард.

Дар ибтидо, ҳангоми баҳодиҳии самтҳои ислоҳоти иқтисодӣ, бисёре аз олимон ва ислоҳотчиён, хоҷагии қишлоқро ҳамчун соҳаи ба ислоҳот мутобиқ аз руи модели гузариш ба иқтисоди бозорӣ, намуди ба рақобат тобовар баррасӣ карданд.

Дар ин соҳа, ба назар чунин менамуд, ки хоҷагиҳои зиёд эҳтимол ба системаи рақобати озод шомил шаванд. Интизор мерафт, ки дастгирии давлатии ташаккули хоҷагиҳои деҳқонӣ ба пайдоиши муҳити рақобатпазирӣ мусоидат намуда, ба табдил додани хоҷагиҳои коллективии наонқадар самаранок ба субъектҳои комили муносибатҳои бозаргонӣ таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

Ғайр аз ин, хоҷагиҳои навтаъсисбуда, ҳадди аққал бо шароит ва анъанаҳои дар давраи ҳокимияти шӯравӣ мавҷудбуда алоқаманд нестанд. Омилҳои берунае, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ташаббус монеъ мешаванд, амалан вуҷуд надоранд.

Асоси истеҳсолоти кишоварзӣ се омили асосӣ аст: замин, меҳнат ва сармоя. Ҳаҷм ва таносуби дурусти он, ки аксар вақт фаъолияти бомуваффақияти ҳама гуна корхонаҳоро муайян мекунад.

Аммо хоҷагиҳои деҳқонӣ хоҷагиҳое мебошанд, ки аз дигар корхонаҳои кишоварзӣ моҳиятан фарқ мекунанд ва таносуби унсурҳои истеҳсолот дар онҳо дигаргун хоҳад буд.

Хусусияти кишоварзӣ аз он иборат аст, ки замин якбора якчанд сифатро пайдо мекунад: аввалан, ҳамчун унсури истеҳсолот (маҳалле, ки биноҳо, иншоот, хонаҳо барои чорво, анборҳо ва ғайра) ҷойгир аст, яъне заминаи омезиши органикӣ аз дигар захираҳои истеҳсолӣ; дуюм, ба туфайли ҳосилхезии худ, ба равандҳои истеҳсолӣ, ки воситаи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ ва сарвати бебаҳои миллӣ ба шумор меравад, фаъолона таъсир мерасонад.

Аммо бар хилофи дигар воситаҳои истеҳсолот, замин маҳсули табиат аст, на меҳнати инсонӣ; макони муайян ва доимӣ дорад, ки бо шартҳои ҷисмонан ҷойивазнашавандагии он муайян карда мешавад; масоҳати маҳдуди замин барои васеъ кардани корхона мушкилоти муайян эҷод мекунад; он ба фарсудашавии доимӣ дучор намешавад, зеро арзиши он ва фарсудашавиҳо кам карда намешавад. Ҳаҷм ва андозаи қитъаҳо, хосиятҳои хок ва шакли замин, шароити роҳи замин ба ташкили корхона таъсир мерасонанд.

Фарқият аз рӯи хосиятҳои табиӣ, гуногунии маҳсулнокии меҳнати ба он марбутро муайян мекунад, ки дар миқдори гуногуни маҳсулот, даромади умумӣ ва фоида ифода меёбад. Аз ин рӯ, барои хоҷагиҳо, сифати беҳтарини заминҳо ин аст: "... мавқеи мусоид дар муносибат ба бозор ё ба кам шудани хароҷоти моддӣ ва кӯшишҳои меҳнатӣ барои ба даст овардани ҳамон даромади умумӣ, ё афзоиш додани ин даромад бо ҳамон хароҷоти моддӣ ва қувваи меҳнатӣ оварда мерасонад"

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ бо тағйири куллии муносибатҳои замин, ки дар мамлакати мо мавҷуданд, алоқаманд аст. Шаклҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибмулкии замин, моликият ва истифодаи он тағир меёбанд.

Шакли аслии ҳуқуқи замин, ки то имрӯз маҳфуз аст, ин соҳибмулкӣ ба замин мебошад. Таваҷҷӯҳи махсус ба ин шакл моликияти меросии якумра бо кафолатҳои возеҳи ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад. Бо кафолати ҳуқуқҳои хеле васеъ, ки аз ҳуқуқҳои моликон фарқе надоранд, ҳамзамон савдои замин ва оқибатҳои манфии вобаста ба онро истисно менамояд (7, саҳ 55).

Истифодаи замин ҳуқуқи истифодабарии ин қитъаро ба манфиати истифодабаранда ифода мекунад. Қонунгузорӣ намудҳои зерини истифодаи заминро пешбинӣ менамояд: истифодаи номаҳдуди (доимӣ) ва муваққатии замин.

Барои истифодаи номаҳдуд қитъаҳои замин ба ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликият ва доираи фаъолияташон дода мешаванд.

Агар истифодабаранда соҳиби замин набошад, пас байни онҳо, чун қоида, шартнома баста мешавад, ки мухлати истифодабари, пардохт ва дигар шартҳоро муайян менамояд. Чунин истифодаи фаврии пулакии замин иҷора номида мешавад . Он метавонад ҳам хусусияти кӯтоҳмуддат (то 5 сол) ва дарозмуддат (то 50 сол) дошта бошад. Иҷорагир ҳуқуқ дорад заминро мутобиқи шартҳои шартнома ба даст орад, соҳиби зироатҳо ва маҳсулоти истеҳсолшуда бошад. Аз нуқтаи назари пешбурди хоҷагидорӣ, иҷора нисбат ба моликияти хусуси ба замин, шакли нисбатан фасеҳ (чандирӣ) ҳисобида мешавад.

Ба ақидаи деҳқонон зиёд кардани ҳаҷм ва самаранокии ҳосилнокии хоҷагӣ аз ҳисоби иҷораи замин назар ба хариди замин осонтар аст; Он ба деҳқонони навкор имкон медиҳад, ки аз сармоягузориҳои назаррас канорагирӣ кунанд. Бо вуҷуди ин, аксари мардум соҳибмулк буданро назар ба иҷора гирифтан  афзалтар медонанд: агар заминҳои хоҷагӣ нархаш боло равад, ба манфиати заминдор аст ва иҷорагир бояд ҳаққи истифодаи онро зиёд кунад.

Моликияти хусусӣ ҳуқуқи бештар ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ба заминро медиҳад. Молик ҳақ дорад соҳиби замин, ихтиёрдорӣ, ва истифодаи замин бошад. Ҳама гуна амалиёт (амалиёти хоҷагӣ, лизинг, аз ҳисоби худ баровардан  ва ғайра) метавонад танҳо бо розигии ӯ анҷом дода шавад. Ҳар як хоҷагӣ мекӯшад, ки замини худро дошта бошад, аммо ангезаи хариди мол дар натиҷаи таъсири омилҳои зиёд ташаккул меёбад: таносуби нархи иҷора ва фурӯш, сифати замин, нақшаҳои оянда ва ғайра.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мехоҳанд хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) таъсис диҳанд, метавонанд қитъаи заминро барои истифода,ва ё меросии якумрӣ  гиранд. Ҳамзамон, онҳо хонаи истиқоматиеро, ки дар деҳот мавҷуд аст, нигоҳ медоранд. Додани замин барои хоҷагиҳои деҳқонӣ дар доираи муқаррарнамудаи давлат бепул анҷом дода мешавад. Ҳаҷми замин дар ҳар як ҳолат бо назардошти шумораи аъзои хоҷагии деҳқонӣ, тахассуси он, инчунин меъёрҳои ниҳоӣ, ки дар вилоят ё ноҳия муқаррар карда шудаанд, муайян карда мешавад.

Ба фонди замини хоҷагиҳои деҳқонӣ дохил кардани қитъаҳое, ки ба парвариши маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба талаботи санитарӣ ҷавобгӯ нестанд, манъ аст. Хароҷоти санҷиши агротехникӣ, сертификатсияи экологии хок, инчунин пешбурди ҳуҷҷатҳои кадастри замин, аз ҳисоби буҷет анҷом дода мешаванд.

Давлат ҳавасманд кардани деҳқононро барои беҳтар кардани сифати замин, афзоиши ҳосилнокии замин ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин менамояд. Ҳамзамон,онҳо аз руи қонунгузорӣ барои ифлосшавӣ ва хисорот ба замин ва коҳиши

ҳосилнокии он ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида мешавад. Заминҳое, ки мақсаднок ё самаранок истифода намешаванд, барои аз нав тақсим кардани минбаъда аз хоҷагиҳои деҳқонӣ метавонанд бароварда шаванд.

Муайян кардани роҳҳо ва шаклҳои ташкили хоҷагии деҳқонии худ, деҳқон бояд дақиқ дарк кунад, ки он аз ҷиҳати ҷуғрофӣ чӣ гуна ҷойгир карда шавад, то бо хароҷоти камтарин ва фоидаи зиёд ба даст орад. Аз ин рӯ, замини ба деҳқон додашуда бояд аз рӯи нақшаи пешаки ба комплекси истеҳсоли-маишӣ, бинои истиқоматӣ, биноҳои истеҳсолӣ ва ёрирасон, майдонҳо, алафдарав, чарогоҳҳо ҷудо карда шавад.

Ҳангоми ҳалли ин масъала тавсияҳои зеринро ба назар гирифтан зарур аст: наздик будан ба шабакаи роҳҳо ва бозорҳои фурӯши маҳсулот, ҷойгиршавии мувофиқ, хароҷоти камтарини нақлиёти ва қувваи корӣ, мақсаднокии рушди намуди муайяни истеҳсолот.

Ҳангоми ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ, фермерон аксар вақт бо ҷойгиршавии бениҳоят нодурусти қаламрави худ: пароканда шудани заминҳои корам ва марғзорҳо, масофаи хеле калон аз саҳро то ҷои зист, рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин ба хароҷоти хеле гарони интиқоли дохили хоҷагӣ оварда мерасонанд.

Аз ин рӯ, беҳтар намудани ташкили минтақаи ҷойгиршавӣ шояд зарууртарин ва муҳимтарин тадбирҳои соҳаи кишоварзӣ бошад ва идораи замин яке аз бахшҳои асосии сиёсати иқтисодии ҳамаи кишварҳои аграрӣ мебошад.

**Адабиёт**


1. Ашуров, М. Н. Ҳолати муосир ва дурнамои рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкории инноватсионӣ дар минтақа / М. Н. Ашуров, Б. Ҷ. Исвалиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 3(32). – С. 130-137.
2. Масуд Н.М., Мадаминов А.А. Основы формирования малых предприятий в сельском хозяйстве//Кишоварз. 2012. № 1. С. 57.
3. Сёмин А.Н., Третьяков А.П. Тенденции новой индустриализации в сельском хозяйстве современной России// Агропродовольственная политика России. 2017. № 2 (62). С. 27.
4. Шодиев К.К. Организационно-экономические основы развития малого и среднего предпринимательства в сельском хозяйстве Республики Таджикистан. Монография / К.К. Шодиев. – Душанбе: Ирфон, 2021. С. 155.
5. Шарофов У., Иззатов А., Шарофов П. Сельскому хозяйству инновационный путь развития// Кишоварз. 2015. № 3. С. 96.
6. http://www.president.tj/ru/node/10587.


## ТАКМИЛДИҲИИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ)


**Бобомуродов Пайрав Хайриевич** - унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 93-539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru



Дар мақола пешбурди баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки хусусияти меъёрӣ, методӣ ва ташкилиро пешбинӣ мекунанд, баррасӣ гардидааст. Мақсади он ташаккули равишҳои ягонаи баҳисобгирии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад.

**Вожаҳои калидӣ:** хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳолати молиявӣ, муҳосибот, баҳисобгирии дороиҳо, сармоя, даромад, хароҷот, тартибдиҳии ҳисобот, фоида, зарар.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА И ФИНАНСОВОЙ ОТЧЕТНОСТИ В ДЕХКАНСКИХ ХОЗЯЙСТВАХ (ФЕРМЕРСКИХ ХОЗЯЙСТВАХ)

**Бобомуродов Пайрав Хайриевич -** соискатель кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 93- 539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

В статье рассматривается ведение бухгалтерского учета и финансовой отчетности в дехканских хозяйствах (фермерских хозяйствах), которое предусматривает нормативные, методические и организационные особенности. Его цель – разработка единого подхода к учету биологических активов в сфере сельского хозяйства.

**Ключевые слова:** дехканских хозяйства, финансовое состояние, бухгалтерский учет, учет основных средств, капитал, доходы, расходы, отчетность, прибыль, убыток.

## IMPROVING ACCOUNTING AND FINANCIAL REPORTING IN FARMS (FARMS)

**Bobomurodov Pairav Hairievich -** an applicant of department is an record-keeping of the Tajik state finances- economy university. Address: Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Phone: 93-539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

The article discusses accounting and financial reporting in farms (farms), which provides for regulatory, methodological and organizational features. Its goal is to develop a unified approach to accounting for biological assets in agriculture.

**Key words:** farms, financial condition, accounting, fixed asset accounting, capital, income, expenses, reporting, profit, loss.

Барои таъмини самаранокии фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), пешгирии номутавозинии имконпазир дар фаъолияти истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва молиявии он, таҳлил ва мониторинги ҳолат ва ҳаракати захираҳои иқтисодӣ ва бехатарии моликияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) маълумоти дахлдор лозим аст. Иттилооти баҳисобгирӣ дар бораи дастгирии молиявӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ манбаи асосии қабули қарорҳои идоракунии амалиётӣ мебошад. Дар айни замон, таъминоти баҳисобгирии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ танҳо дар ҷараёни ташаккулёбӣ қарор доранд. Амалияи ташкили раванди баҳисобгирӣ дар бораи гуногунрангии равишҳои ҳалли масъалаи ташкили баҳисобгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) -ро нишон медиҳад, ки имкон дод, ки таҷрибаи мусбӣ дар технологияи баҳисобгирӣ гирд оварда шавад.

Низоми баҳисобгирӣ бояд хусусиятҳои хоси ташкил ва пешбурди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) -ро ба назар гирад. Аз ин рӯ, бунёди он иҷрои шартҳои бунёдии зер: ҳадди ақали қувваи кориро таъмин мекунад;

–соддагӣ, возеҳият, якхелагӣ дар сохтани регистрҳо ва сабткунакҳо;

–инъикоси пурраи объектҳои баҳисобгирӣ;

–саривақт таҳия намудани маълумот барои қабули қарорҳои идоракунӣ.

Меҳнатғунҷоишии ҳадди ақали ҷараёни баҳисобгирӣ ба деҳқон имкон медиҳад, ки баҳисобгирӣ мустақилона, бе кӯмаки муҳосиби кироя ба роҳ монда шавад. Ин бахусус барои хоҷагиҳои деҳқонии оилавии дорои ҳаҷми ками истеҳсолот муҳим аст, зеро он имкон медиҳад идоракунии истеҳсолот ва молиявиро дар шахсияти як нафар амалӣ созанд ва ҳамзамон маблағ сарфа карда шавад.

Содда, возеҳият ва якхелагӣ дар ташкили баҳисобгирӣ аз зарурат ва дастрасии доираи васеъи деҳқонон, ки омӯзиши касбии баҳисобгирӣ надоранд, ба миён омадааст. Вобаста ба ин, варианти қобили қабултари ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ принсипи «Даромад-хароҷот-тавозун» мебошад, ки истифодаи ҳисобҳои муҳосибӣ ва муросилоти онҳоро истисно мекунад. Аммо, чунин низоми баҳисобгирӣ барои хоҷагиҳои калонҳаҷми истеҳсоли калон баръало кофӣ нест.

Ҳангоми бақайдгирӣ дар хоҷагии деҳқонӣ бояд ба назар гирифт, ки ба ҳисоб гирифтани ҳама чиз муташаккилона осон аст, аммо дар ин ҳолат вақт барои сабти маълумоте лозим мешавад, ки метавонад ҳеҷ гоҳ лозим нашавад ва маълумоти заруриро мушкилтар мекунад. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама, зарур аст, ки аз нуқтаи назари талаботи расмӣ нишондиҳандаҳо муқаррар карда шаванд.

Гуногунии шаклҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ-истеҳсолии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба таври возеҳ имконнопазир набудани мавҷудияти варианти ягонаи ташкили баҳисобгирии муҳосибиро барои онҳоро собит мекунад.

Ҳамзамон талаботҳои ҳатмии мақомоти қонунгузор оид ба стандартикунонии баҳисобгирӣ, ки таҳти таъсири муносибатҳои бозорӣ дар ҳаёти мо ташаккул меёбанд, бояд риоя карда шаванд.

Ба ақидаи мо, барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) зарурати интихоби ихтиёрии низоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти онҳо, шумораи кормандон, ҳаҷми истеҳсолот ва амалиёти молиявӣ бо риояи ҳатмии талаботи умумии методологии баҳисобгирӣ ва андозӣ зарур мебошад.

Ҳангоми интихоби низоми баҳисобгирӣ, ба назари мо роҳбари хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) – ро зарур аст, ки омилҳои зеринро ба назар гирад:

– мақоми ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ);

– шумораи кормандон;

– ҳаҷми истеҳсолот, ки бо андозаи даромад аз рӯи ҳаҷми фурӯши маҳсулот муайян карда мешавад (корҳо, хизматрасониҳо);

– сохтори соҳавии истеҳсолот [5].

Вобаста аз вазъияти нишондодашудаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро тибқи низоми содда ва ё соддакардашудаи дутарафа тавсия додан мумкин аст, ки бо истифодаи муқаррароти зиёди баҳисобгирӣ, ки барои ҳама субъектҳои хоҷагии қишлоқ, новобаста аз низоми истифодашуда (ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, сиёсати ҳисобдорӣ ва ғайра) пеш мебаранд.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), чун қоида, аз рӯи шумораи кормандон аз 60 нафар бештар нестанд, аз ин рӯ онҳо субъектҳои тиҷорати хурд ба ҳисоб мераванд [3. с, 47]. Ин маънои онро дорад, ки онҳо метавонанд аз рӯӣ низоми соддакардашудаи пешбининамудаи тавсияҳои намунавӣ оид ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ барои соҳибкорони хурд пеш баранд [4] - дар китоби ҳисоботи далелҳои фаъолияти иқтисодӣ (ш. № К-1) бидуни истифодаи регистрҳои баҳисобгирии амвол, агар шумораи онҳо аз 15 нафар зиёд набошад,

ё дар дафтарҳои баҳисобгирии амвол - маълумотнома дар бораи шакли № В-1 - В-9.- агар шумораи миёнаи солонаи кормандон аз 15 нафар бештар бошад.

Ба назари мо, чунин омиле ба монанди андозаи истифодаи замин, ки ҳамчун як меъёр барои интихоби низоми баҳисобгирӣ аз ҷониби баъзе иқтисоддонҳо пешниҳод шудааст [5. с, 107], ҳоло наметавонад ҳалкунанда бошад, зеро истифодаи технологияҳои интенсивӣ барои парвариши растаниҳо ва чорво дар соҳаи кишоварзӣ ба миқдори нисбатан ками замин имкон медиҳад, ки ҳосили назаррас (бо пул) ба даст оранд. Ҳамин тариқ, дар хоҷагии деҳқонии «Чимтарға» бо масоҳати истифодаи замин 2,4 маротиба камтар аз замини хоҷагии Зарафшон, даромад аз фурӯши маҳсулот 6,9 маротиба зиёдтар аст. Азбаски афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ногузир ба зиёд шудани миқдори маълумоти баҳисобгирӣ оварда мерасонад, аз ин рӯ, низоми мукаммали баҳисобгирии амалиёти хоҷагидорӣ зарур аст.

Тахассуси деҳқон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ набояд ба интихоби низоми баҳисобгирӣ таъсир расонад, тавре ки муаллифони алоҳида инро пешниҳод кардаанд [3. с, 55], зеро ҳангоми интихоби низоми баҳисобгирӣ, сарвари хоҷагӣ ба ҳадафнокии иқтисодӣ такя мекунад, на ба мушкилии татбиқи он. Ғайр аз он, тавре ки таҷриба нишон медиҳад, дар шароити душвори бозор танҳо як шахси салоҳиятдор ва ҳамаҷониба омӯхташуда, ки технологияи парвариши зироатҳо ва чорворо дар соҳаи иқтисоди бозаргонӣ, ташкили истеҳсолот, баҳисобгирӣ ва молия медонанд, хоҷагиро идора карда метавонад. Бесабаб нест, ки 70-80% роҳбарони хоҷагиҳо - мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси хоҷагии қишлоқ мебошанд, ки хоҷагиро оқилона пеш бурда метавонанд [5, с. 5].

Баҳисобгирӣ дар хоҷагии деҳқонӣ дорои як қатор қоидаҳо ва расмиёт барои баҳисобгирии муназзами сабти амалиётҳои хоҷагидорӣ, хусусиятҳои ҷамъбастӣ ва тафсирӣ мебошад. Он пешбурди муназзами баҳисобгирии бақайдгирии муҳосибиро дар бар мегирад (дар журнал-ордерҳо, китобҳо ё варақҳои алоҳида).

Ҳангоми сохтани регистрҳои баҳисобгирӣ барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бояд принсипҳои асосии баҳисобгирӣ ва методологияи раванди баҳисобгирӣ риоя карда шаванд [2. с, 27].

Талабот дар пешбурди баҳисобгирӣ пешбинӣ менамояд, ки ҳамаи сабтҳои бақайдгирии муҳосибӣ бояд пас аз татбиқи амалиёти хоҷагидорӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ гузаронида шаванд [5].

Хусусияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) инчунин бояд ташкили баҳисобгирии ибтидоиро муайян намояд. Таҳлили бозори барномаҳои баҳисобгирӣ нишон дод, ки дар айни замон ягон маҳсулоти барномавие вуҷуд надорад, ки ба пуррагӣ ба талаботи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҷавобгӯ бошад [1. с,74].

Ба ақидаи мо, айни замон натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи ҷамъшудаи баҳисобгирӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) имкон медиҳанд, ки низоми баҳисобгирии ҷавобгӯи талаботи муосир таҳия карда шавад. Ҳамзамон, ҳангоми таҳияи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисобот ва назорат дар хоҷагӣ, истифодаи пурраи таҷрибаи ватанӣ дар ташкили баҳисобгирии амалиётӣ ва таҳлили фаъолияти хоҷагӣ зарур аст.

Аз ин рӯ, аз омӯзиши масъалаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои ҳалли масъалаҳои баҳисобгирӣ ва тарзи дуруст ба роҳ мондани амалиётҳои хоҷагидорӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ як чанд зуҳуроти муҳимро қайд намудан лозим аст:

1.Гузариш ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар нақшаи нави баҳисобгирии муҳосибӣ аз сабаби тағйир ёфтани методологияи баҳисобгирии дар баъзе объектҳо, ба таври кофӣ бо

таҳияи методологӣ дастгирӣ намешаванд ва бояд нақшаи алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор таҳия карда мавриди истифодаи хоҷагидорон қарор дода шаванд.

2.Хоҷагиҳои деҳқонии навъи якоилавӣ метавонанд баҳисобгирии муҳосибиро дар асоси Китоби баҳисобгирии даромад ва хароҷот бо намунаи содда (бидуни инъикоси дукарата) пеш баранд.

**Адабиёт**


1. Бухгалтерский учет для фермерского хозяйства / 1С: Предприятие 7.7: Описание типовой конфигурации (редакция 1).- М.: 1С, 2000;
2. Дупак В.Я. Производственный потенциал и продовольственные ресурсы АПК Подмосковья // Экономика с.-х. и перераб. предприятий.- 2000.- № 6.- С. 9-11; № 7,- С. 26-27;
3. Киселев В.В. О порядке ведения бухгалтерского учета в крестьянском (фермерском) хозяйстве (юридическом лице) // Бух. учет: прил.- 2000.- № 4.- С. 55-56;
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011 №702;
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” аз 19 майи соли 2009, № 526;
6. Матигина Е. Какие платить налоги // Новый садовод и фермер. - 1999. - № 5,- С. 46-47;
7. Низомов С.Ф. Ташкили баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) / С.Ф. Низомов, П.Х. Бобомуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. № 8. С. 133-140.


## МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ СИЁСАТИ ҲИСОБДОРӢ ДАР КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ


**Абдураҳмонов Сафаралӣ** - ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Нахимова 64/14. Телефон: 904252123.



Дар мақолаи мазкур сиёсати баҳисобгирӣ дар ташкилот ба таври мунтазам ҳар сол татбиқ карда мешавад. Сиёсати баҳисобгирӣ метавонад дар ҳолатҳои тағйир ёфтани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои меъёрии мақомоте, ки баҳисобгирии муҳосибиро ба танзим медароранд, аз ҷониби ташкилот таҳия гардидани тартиби нави баҳисобгирии муҳосибӣ ё дар ҳолати куллан тағйир ёфтани шароити фаъолияти онҳо тағйир ёбад.



**Калидвожаҳо:** баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии эҷодӣ, касби муҳосиб, технологияи компютерӣ, ширкатҳои муҳосибӣ, баруйхатгирӣ, сиёсати баҳисобгирӣ, ченкунии арзишӣ.


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ УЧЕТНОЙ ПОЛИТИКИ НА ПРОИЗВОДСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ


**Абдурахмонов Сафарали** - ассистент кафедры бухгалтерского учета - Таджикский государственный финансово-экономический университет, адрес: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, сильный. Нахимова 64/14. Телефон: 904252123.

В настоящей статье учетная политика организации применяется системно ежегодно. Учетная политика может изменяться в случаях изменения законодательства Республики Таджикистан или нормативных документов органов, регулирующих бухгалтерский учет, разработки организацией нового порядка ведения бухгалтерского учета или в случае принципиального изменения условий ее деятельности.

**Ключевые слова:** бухгалтерский учет, креативный учет, бухгалтерская профессия, компьютерные технологии, бухгалтерские фирмы, учет, учетная политика, измерение стоимости.

## THEORETICAL ISSUES OF ACCOUNTING POLICY IN MANUFACTURING ENTERPRISES

**Abdurakhmonov Safarali** - Assistant of the Department of Accounting - Tajik State Financial and Economic University, address: 734067, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, strong. Nakhimov 64/14. Phone: 904252123.

In this article, the accounting policy of the organization is applied systematically every year. The accounting policy may change in cases of changes in the legislation of the Republic of Tajikistan or regulatory documents of the bodies regulating accounting, the development by the organization of a new accounting procedure, or in the event of a fundamental change in the conditions of their activities.

**Keywords**: accounting, creative accounting, accounting profession, computer technology, accounting firms, accounting, accounting policy, value measurement.

Истифодабарии маъмули мафҳуми «Сиёсати баҳисобгирӣ» пас аз қабул ва ҷоринамоии меъёрҳои миллӣ доир ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва «Сиёсати баҳисобгирии ташкилот», ки мувофиқи СБҲМ - 8 “Сиёсати ҳисобдори” аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфтааст. Меъёрҳои мазкур таърифи сиёсати баҳисобгирӣ, қоидаҳои асосии таҳия, қабул ва кушодадиҳии онҳоро муайян менамояд.

Дар мувофиқат бо меъёри дар зери мафҳуми сиёсати баҳисобгирӣ маҷмӯи усулҳои бароҳмонӣ ё бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ: назорати пешакӣ; ченкунии арзишӣ; гурӯҳбандии ҷорӣ ва ҷамъбасткунии натиҷавии (ниҳоии) амалиётҳои хоҷагидорӣ, ки аз ҷониби ташкилот қабул гардидаанд, фаҳмида мешавад.

Мутобиқи моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ таъиноти сиёсати ҳисобдорӣ чунин шарҳ дода шудааст. Сиёсати баҳисобгирӣ принсипҳои мушаххас, низомнома, қоидаҳо ва таҷрибаи андӯхтаи ташкилотҳоро ҷиҳати баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои байналмилалӣ, миллӣ ва нақшаҳои ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба талабот ва хусусиятҳои фаъолияташон дар бар мегирад.

Сиёсати баҳисобгирӣ дар ташкилот ба таври мунтазам ҳар сол татбиқ карда мешавад. Сиёсати баҳисобгирӣ метавонад дар ҳолатҳои тағйир ёфтани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои меъёрии мақомоте, ки баҳисобгирии муҳосибиро ба танзим медароранд, аз ҷониби ташкилот таҳия гардидани тартиби нави баҳисобгирии муҳосибӣ ё дар ҳолати куллан тағйир ёфтани шароити фаъолияти онҳо тағйир ёбад.

Ба усулҳои бароҳмонии баҳисобгирии муҳосибӣ усулҳои гурӯҳбандӣ ва баҳодиҳии фаъолияти хоҷагидорӣ, муайянкунии арзиши дороиҳо, ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо, баруйхатгирӣ, усулҳои истифодабарии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, низоми истифодабарии сабткунакҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, коркарди маълумот ва дигар тарзу усулҳо тааллуқ доранд.

Филиалҳо ва дигар намояндагиҳои ташкилотҳои хориҷӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, метавонанд сиёсати ҳисобдории худро мувофиқи қоидаҳои мамалакатҳое, ки ташкилоти хориҷӣ дар он ҷойгир аст, таҳия намоянд, агар қоидаҳои дар ин мамлакат мавҷудбуда ба меъёрҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ мухолифат нанамоянд. Таҳияи сиёсати баҳисобгирии ташкилот ба зимаи сармуҳосиби он вогузор гардидааст. Сиёсати баҳисобгирии ташкилотро роҳбари ташкилот тасдиқ менамояд.

Ҳар як корхона пеш аз сар задании фаъолияти худ бояд сиёсати ҳисобдориро таҳия намояд. Онро мувофиқи санадҳои меъёри дуруст тартиб додан лозим аст, чунки оянда тамоми рафти фаъолияти муҳосибии муассиса дар он асос ва равнақ меебад.

Ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ бояд якчанд фарзияҳо дар мадди назар гирифта шаванд:

1) Мухторияти молу мулкии ташкилот, яъне молу мулк ва ӯҳдадориҳои ташкилот аз молу мулк ва ӯҳдадориҳои моликон, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар алоҳидагӣ вуҷуд доранд;

2) Муттасилии фаъолияти ташкилот, яъне ташкилот дар ояндаи пешбиншуда фаъолияти худро давом медиҳад ва дар ояндаи наздик зарурияти барҳамхӯрӣ ё ба андозаи назаррас кам кардани фаъолият вуҷуд надорад;

3) Пайдарпаӣ, мунтазам истифодабарии сиёсати ҳисобдорӣ, яъне сиёсати ҳисобдории дар ташкилот қабулгардида дар соли ҳисоботӣ мавриди истифода қарор мегирад;

4) Муайянкунии лаҳзаи воқеаҳои ҳаёти хоҷагӣ, яъне зуҳуроти фаъолияти хоҷагидории ташкилот ба он давраи ҳисоботие тааллуқ доранд, ки дар он давра ба вуҷуд омадаанд, новобаста аз дохилшавӣ ё пардохти воситаҳои пулии бо ин зуҳурот алоқаманд.

Корхона бояд усулхои қабулшудаи бурдани баҳисобгирии муҳосибиро, ки ҳангоми ташкили сиёсати хисобдорӣ қабул кардааст, кушоиш намояд. Чунки бе донистани онҳо истифодабарандагон наметавонанд ҳолати молиявии корхонаро баҳодиҳии дуруст намоянд. Таркиб ва мазмуни ахбороти кушоиш шуда бояд, дар баъзе ҳолатҳо махсус бо баҳисобгирии муҳосибӣ Вазорати молия тасдик гардонда шавад. Ҳамаи тағиротҳои ва иловаҳои воридшуда бояд дар ин маълумотнома кушоиш шаванд. Ба ахборотҳои ҳатмие, ки оиди сиёсати ҳисодорӣ кушоиш мешаванд дохил мешаванд:

1. Намудҳои истеҳлоки воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва дигар дороиҳо;
2. Усулҳои баҳодиҳии захираҳои истеҳсолӣ, истеҳсолоти нотамомо ва маҳсулоти тайер;
3. Усулҳои баҳисобгирии фоида аз фуруш, молҳо, ко рва хизматрасонӣ;
4. Нишондоди оиди ҳодисаҳое, ки метавонанд ба муфлисшавӣ қатъи фаъолияти корхона оранд.

Дар маълумотномаи, ки дар ҳисоботи муҳосибии солона замима мешавад ҳатман тағиротҳои сиёсати ҳисобдорӣ пешакӣ эълон карда мешаванд:

-тағйирёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-торкарди усулҳои нави ҳисобдории муҳосибӣ;

-тағйирёбии куллии шартҳои хоҷагидорӣ, ки ба онҳо дохил шуда метавонад тағири намуди фаъолияти корхона.

Аз рӯи қоида тағйирёбии сиёсати муҳосибӣ аз аввали соли ҳисоботии оянда дохил карда мешавад. Ҳангоми тағир додани сиёсати ҳисобдорӣ зарур аст, ки таъсири баҳодиҳии пулӣ, ки ҳангоми ин тағирот ба амал меояд ё ба вазъи молияви сиёсати ҳисобдори таъсир мерасонад , натиҷаҳои молиявӣ, фаъолияти вай ва ҳаракати воситаҳои пулӣ муаян карда шаванд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу омӯзиши масъалаҳои назариявии сиёсати ҳисобдорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои дуруст тартибдиҳӣ ва ба роҳ мондани сиёсати ҳисобдории корхона ба эътибор гирифтани чунин нуқтаҳо зарур мебошанд:

1. Пуррагӣ, яъне сиёсати баҳисобгирии дар ташкилот қабулшаванда бояд инъикоси пурраи ҳамаи амалиётҳои фаъолияти хоҷагидориро дар баҳисобгирии муҳосибӣ таъмин намояд;
2. Саривақтӣ будан, яъне сиёсати баҳисобгирӣ бояд инъикоси саривақтии ҳодисаҳои ҳаёти хоҷагидориро дар ҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот таъмин намояд;
3. Мулоҳизакорӣ, яъне сиёсати баҳисобгирӣ бояд омодагии пурраро дар ҳисобгирии талафот (хароҷот) ва ӯҳдадориҳо нисбат ба даромадҳо ва дороиҳои имкониятдошта (ба ташкилкунии захираҳои ниҳонӣ) таъмин намояд;
4. Бартарияти мундариҷа бар шакл, яъне сиёсати баҳисобгирӣ бояд инъикоси ҳодисаҳои ҳаёти хоҷагидориро дар ҳисобгирии муҳосибӣ на танҳо дар заминаи шакли ҳуқуқӣ, балки инчунин аз рӯи мазмуну мундариҷаи иқтисодии онҳо ва шароити хоҷагидорӣ таъмин намояд;
5. Номухолифатӣ, яъне сиёсати баҳисобгирӣ бояд айният ва якхелагии маълумоти баҳисобгирии таҳлилиро бо бақияҳои ҳисобҳои баҳисобгирии таркибӣ дар санаи 1 – уми давраи ҳисоботӣ, инчунин нишондиҳандаҳои ҳисоботи муҳосибиро бо маълумотҳои баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилӣ таъмин намояд;
6. Сарфакорӣ, яъне сиёсати баҳисобгирӣ бояд вобаста ба шароити хоҷагидорӣ ва ҳаҷми ташкилот бароҳмонии ба мақсад мувофиқ ва сарфакоронаи баҳисобгирии муҳосибиро таъмин намояд.

**Адабиёт**


1. Дастурамал оид ба таҳияи намунаи шаклҳои ҳисоботи молиявӣ тибқи Стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ аз 27 майи соли 2012 №42;
2. Кодиров, Ф. А. Формирование системы стратегического управленческого учета на предприятиях текстильной промышленности Республики Таджикистан / Ф. А. Кодиров, Ш. Садриддин // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2020. – № 4(52). – С. 66-71.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, № 702;
4. Баҳисобгирии молиявӣ: дастури таълимӣ. Коллективи муаллифон, ИҶБАК ҶТ, Душанбе, «Контраст», 2011 – 315с;
5. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41 МСФО (IFRS) 1 по МСФО (IFRS) 7 -Душанбе, Минфин РТ, 2009 -323;
6. Шарифов З.Р. Бобомуродов П.Х. Моделҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, Душанбе, «ИРФОН»-2015, 256 Саҳ;
7. Сомонаи расмии вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

## НАТИҶАҲО ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ МОЛИЯВИИ ҲИСОБОТҲОИ МУАССИСАҲОИ БУҶЕТӢ

**Тилакмуродова Сурайё Давлатмуродовна -** ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14. Телефон: 93-563-02-53.

**Наврузҷони Сафархуҷа -** донишҷӯи курси 2-юм ихтисоси 1-25010803 баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ.

Ҳисобот дар тамоми кишварҳои ҷаҳон аз ҷониби ҳамаи субъектони хоҷагидорӣ таҳия ва пешниҳод мегардад. Сарфи назар аз тафовути мавҷудбуда дар шаклу мазмун, ки вобаста ба шароитҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҳуқуқии кишварҳои мухталиф ба миён омадаанд, мақсади ҳисоботи молиявӣ ин то ҳадди ниҳоӣ қонеъ гардонидани ниёзи иттилоотии доираи васеи истифодабарандагон мебошад.

**Калидвожаҳо:** Ҳисобот, баҳисобгирии муҳосибӣ, муассисаҳои буҷет, ӯҳдадориҳо, субъектҳои хоҷагидорӣ, даромад ва хароҷот.

## РЕЗУЛЬТАТЫ И ФИНАНСОВЫЕ ПОКАЗАТЕЛИ ОТЧЕТНОСТИ БЮДЖЕТНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

**Тилакмуродова Сурайё Давлатмуродовна**– ассистент кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 93-563-02-53.

**Наврузджони Сафархуджа**-студент 2-го курса по специальности 1-25010803 бухгалтерский учет, анализ и аудит в бюджетных и научных организациях

Отчет готовят и сдают все хозяйствующие субъекты во всех странах мира. Несмотря на различия в форме и содержании, возникшие из-за социально-экономических и правовых условий разных стран, целью финансового отчета является удовлетворение информационных потребностей широкого круга пользователей.

**Ключевые слова:** Отчет, бухгалтерский учет, бюджетные учреждения, обязательства, хозяйствующие субъекты, доходы и расходы.

## RESULTS AND FINANCIAL INDICATORS OF REPORTING OF BUDGETARY INSTITUTIONS

**Tilakmurodova Surayo Davlatmurodovna -** an assistant of department is an record-keeping of the Tajik state finances- economy university. Address: Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Phone: 93-563-02-53.

**Navrujon Safakhuja -**2nd year student in the specialty 1-25010803 accounting, analysis and audit in budgetary and scientific organizations

The report is prepared and submitted by all business entities in all countries of the world. Despite differences in form and content arising from the socio-economic and legal conditions of different countries, the purpose of a financial report is to meet the information needs of a wide range of users.

**Keywords:** Report, accounting, budgetary institutions, liabilities, business entities, income and expenses.

Муассисаҳои буҷетӣ - ташкилотҳое мебошанд, ки аз тарафи идораҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои он, барои ба роҳ мондани фаъолияти идоракунӣ, иҷтимоӣ-маданӣ, илмӣ-техникӣ ва дигар фаъолиятҳои ғайритиҷоратӣ таъсис дода шуда, аз ҳисоби буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Муассисаҳои буҷетӣ низ ҳамчун субъектҳои хоҷагидорӣ вазифадоранд, ки дар асоси қонунҳои амалкунанда баҳисобгирии муҳосибиро дуруст ба роҳ монанд, таъмини якхелаи пешбурди ба -ҳисобгирии амвол, ӯҳдадориҳо ва муомилоти хоҷагиро анҷом диҳанд, иттилооти муқоисавӣ ва саҳеҳро оид ба вазъияти молиявӣ, даромад ва хароҷотро, ки барои истифодабарандагони ҳисоботи муҳосибӣ зарур аст, мурратаб ва пешниҳод намоянд. [3]

Тартиби ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ дар Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ оварда шудааст, ки мувофиқи он ин тартиб ба ҳамаи муҳосибияҳои марказонидашудаи идораҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, идораҳои давлатии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ташкилот ва муассисаҳо, академияи илмҳо, вазоратҳо ва дигар идораҳои давлатие, ки аз буҷет маблағгузорӣ мешаванд, дахл дорад. [2]

Тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ –давраи ҷамъбастии ҷараёни баҳисобгирии муҳосибӣ баҳисоб меравад.

Ҳисоботи муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ низоми ягонаи нишондиҳандаҳо оиди ҳолати молиявӣ ва натиҷаҳои фаъолияти хоҷагии ташкилот мебошад, ки дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар давраи ҳисоботӣ тартиб дода шудааст.

Принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ муттасил ҳисоб кардан ва ба ҳисоб гирифтан мебошад. Асоси тавсифи сифатии ҳисоботи молиявӣ возеҳ, бамаврид, боэътимод ва муқоисашаванда будан аст.

Ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) дар муассисаҳои буҷетӣ бояд маълумотро оиди ҳолати молиявӣ, фаъолияти молиявию хоҷагии ташкилот, тағиротҳо дар ҳолати молиявӣ ва ҳаракати воситаҳои хоҷагиро инъикос намояд. [1]

Мақсади ҳисоботи муҳосибӣ пешниҳоди маълумотҳо оиди фаъолияти молиявию хоҷагии ташкилот ба истифодабарандагони дохилӣ ва берунии ахбороти ҳисоботи муҳосибӣ мебошад.

Ҳисоботи муҳосибии муассисаҳои буҷетӣ дар асоси маълумотҳои сабткунакҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (таркибӣ ва таҳлилӣ), бо назардошти қоидаҳои амалкунанда ва ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ тартиб дода мешавад. Муҳимтарин масъалаи тартиб додани ҳисобот соддаю мухтасар ва оммафаҳм кардани нишондиҳандаҳои он мебошад. Ҳисобот дар давраи ҳозира яке аз сарчашмаҳои асосии баҳодиҳии фаъолияти ташкилот барои истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ ба шумор рафта, дуруст ва объективӣ тартиб додани он ба фаъолияти ояндаи ташкилот таъсири мусбат мерасонад. Ҳисобот бояд хушсифат тартиб дода шуда, эътимоднок, аниқ, дастрас ва объективона бошад, зеро риоякунии талаботҳои зарурӣ фишанги таъсирбахши идоракунӣ ва назорат, воситаи таъсиррасонии фаъолона ба ҷараёни истеҳсолот мебошад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҳисобот имкон медиҳад, ки захираҳои дохилии истифоданашуда муайян карда шаванд ва дар оянда фаъолияти кории ташкилотҳо беҳтар карда шавад.

Дар масъалаи беҳтар кардани сифати тартиб додани ҳисобот солҳои охир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зиёд дида шудаанд. Гузаштан ба СБҲМ яке аз ин чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки он ба беҳтар намудани сифати ҳисобот, соддаю мухтасар гардонии нишондиҳандаҳои он ва баланд бардоштани назорат оиди эътимоднокии маълумотҳои ҳисобот равона карда шудааст.

Методологияи ягонаи баҳисобгирӣ ва ҳисобот имкон медиҳад, ки дар асоси маълумотҳои баҳисобгирӣ ва ҳисобот, бо муқоиса намудани нишондодҳо, ҳолати молиявию хоҷагии ташкилотҳо, соҳаҳои хоҷагии халқ, ноҳияҳо ва мамлакат баҳо дода шаванд ва барои дар оянда беҳтар гардонидани фаъолияти ташкилотҳо, соҳаҳои гуногун тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Ҳисоботи муҳосибӣ – ин пешниҳоди ахборот оиди ҳолати молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ, тағирёбии он дар давраи ҳисоботӣ мебошад.

Тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ – давраи ҷамъбастии ҷараёни баҳисобгирии муҳосибӣ баҳисоб меравад.

Тартиби ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ, ки дар Низомнома муайян шудааст, пешбинӣ менамояд:

- истифодабарии нақшаи ягонаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ;
- истифодабарии шакли мемориал-ордери пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ;
- тарзи истифодабарии зерҳисобҳои нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои инъикоси иҷроиши сметаи даромадҳо ва хароҷотҳои ҳам маблағҳои буҷетӣ ва ҳам маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ воридгардида;
- шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалаи баҳисобгирӣ ва регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ;
- усулҳои баҳодиҳии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо;
- алоқамандии зерҳисобҳо барои амалиётҳои асосии муҳосибӣ;
- дигар масъалаҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ.

Баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ бо пулӣ миллӣ - сомонӣ ва дирам ба роҳ монда шуда, регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ бо забони давлатӣ ва забони русӣ пеш бурда мешавад.

Муассисаҳои бучетӣ вазифадор мебошанд:

- сари вақт пешниҳод кардани дархости бучетӣ ё дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар бораи ҳуқуқи гирифтани маблағ шаҳодат медиҳанд;
- истифодаи самарабахши маблағҳои бучетӣ сари вақт пешниҳод намудани ҳисоботу маълумот оиди фаъолияти худ.

Хулоса баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ бояд назоратро аз рафти иҷроиши харҷномаи даромадҳо ва хароҷотҳо, ҳолати ҳисоббаробаркуниҳо бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, дуруст истифодабарии маблағҳои пулӣ ва масолеҳи қимматнок дарбар гирад.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикитсон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” аз 25 марти соли 2011 №702;

2. Дастурамал «Оид ба тартиби таҳия намудани ҳисоботҳои молиявии маҷмӯи (муттаҳидкардашуда) дар ташкилотҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ», фармоши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 2015, №204.

3.Шарифов З. Р. Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. -Душанбе: «Ирфон», 2015, 316 саҳ.
4.Носирзода Ҳ.С. Нақшаи ягонаи ҳисобҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон /Дастури таълимӣ/-Душанбе, 2020 – 124 саҳ.

## БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР БОНКҲО

**Давлатмамадова Аниса Булбулшоевна** - ассистент кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/1. Телефон: 502 06 87 93.

Дар мақолаи мазкур баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо тибқи стандарту меъёрҳои байналмилалӣ ва миллӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ, стандартҳои байналмиллалӣ, стандартҳои миллӣ, дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя.

## БУХГАЛТЕРСКИЙ УЧЕТ И ФИНАНСОВАЯ ОТЧЕТНОСТЬ В БАНКАХ

**Давлатмамадова Аниса Булбулшоевна** - ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/1. Телефон:.502 06 87 93.

В данной статье исследуются бухгалтерский учет и финансовая отчетность в банках по международным и национальным стандартам.

**Ключевые слова**: бухгалтерский учет, финансовая отчетность, международные стандарты, национальные стандарты, активы, обязательства, капитал.

## ACCOUNTING AND FINANCIAL REPORTING IN BANKS

**Davlatmamadova Anisa Bulbulshoevna** - assistant of the accounting department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/1. Phone: 502 06 87 93.

This article examines accounting and financial reporting in banks according to international and national standards.

**Keywords:** accounting, financial reporting, international standards, national standards, assets, liabilities, capital.

Шароити имрӯзаи иқтисоди бозорӣ тақозо менамояд, ки баҳисобгирӣ муҳосибӣ дар бонкҳо тибқи стандарту меъёрҳои байналмилалии ва миллӣ ба роҳ монда шуда, дар асоси қонуни нави баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, нақшаи нави ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, дастурамалҳо, низомномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон, тартиби ҳисобдорӣ ва ҳисоботи молиявӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ омода карда шавад.

Бояд қайд кард, ки сарчашмаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳо фаъолияти амалиётӣ маҳсуб меёбанд, ки ба он қабули ҳуҷҷатҳои пулӣ аз корхонаву ташкилот ва муассисаҳо ва тафтиши таҳияи дурусти онҳо, омода намудани ҳуҷҷатҳо барои тасвир намудани онҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ, бурдани картотекаҳои ҳуҷҷатҳои ҳисобӣ ва уҳдадориҳои муҳлатнок, анҷом додани назорати саривақтии пардохтҳо ва инчунин

амалиётҳо аз рӯйи ҳисобҳои муросилотӣ, ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳо байни пардохткунанда ва пардохтгиранда бавуқуъомада ва инчунин ҳисобҳое, ки байни дигар бонкҳо бурда мешаванд, дохил мешаванд.

Ҳамаи амалиётҳои анҷомдодашудаи бонкӣ дар давоми рӯзи амалиётӣ дар суратҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии таҳлилии муштариён инъикос гардида, бо роҳи тартиб додани тавозуни ҳаррӯза назорат карда мешаванд.

Зарурати тартиб додани тавозуни ҳамарӯза дар ташкилоти қарзӣ, аз як тараф, зарурати назорати амалиёти бонкӣ ва аз тарафи дигар, зарурати баланд бардоштани самаранокии идоракунии дороиҳои бонк ва уҳдадориҳо барои кам кардани хатарҳо маҳсуб меёбад.

**Ташкилоти қарзӣ** ҳисоботи молиявии худро, ки аз тавозун, ҳисобот дар бораи фоидаву зиён, ҳисобот дар бораи гардиши пулӣ ва ҳисобот дар бораи тағйирот дар сармоя иборат мебошад, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва талаботи иловагии Бонки миллии Тоҷикистон омода мекунад. Ҳисоботи молиявӣ вазъи воқеии молиявии ташкилоти қарзӣ ва филиалҳои онро инъикос намуда, маълумот дар бораи низоми идоракунии дохилии ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла ҳисоботи Шӯрои нозирони ташкилоти қарзиро низ дар бар мегирад.[1]

**Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ**, маълумот дар бораи ҳолати молиявии бонк, яъне дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи бонкро дар бар мегирад. Дар ҳисоботи молиявӣ уҳдадориҳо ва дороиҳо аз рӯйи мазмуну мундариҷа, яъне дороиҳо вобаста ба дараҷаи камшавии бозоргирии онҳо ва уҳдадориҳои вобаста ба муҳлати бозпасгардонӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Тибқи ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ иҷроиши уҳдадориҳо дар назди саҳҳомон, маблағгузорон, муштариён, инчунин таҳдиди пайдоиши душвориҳои молиявӣ муайян карда мешавад. Мундариҷа ва шакли ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ ва тавзеҳот ба ҳисоботҳои молиявӣ аз як давраи ҳисобот ба давраи дигари ҳисоботӣ истифода бурда мешавад.

Инчунин тибқи СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» ташкилотҳои қарзӣ вазифадоранд, ки ҳамаи моддаҳои даромад ва хароҷотро, ки дар давраи ҳисоботӣ эътироф шудаанд, дар ду ҳисобот: **ҳисобот оиди фоида ва зарар; ва ҳисобот оиди маҷмӯи даромадҳо** пешниҳод намоянд.

Барои баҳисобгирии натиҷаи ниҳоии молиявии (фоидаи тавозунии) бонки тиҷоратӣ дар давраи ҳисоботӣ (семоҳа, сол) ҳисобҳои тавозунии «Фоида» ва «Зарар», яъне 30305-Фоидаи тақсимнашуда/зарари солҳои гузашта (дар ҳисоби мазкур бақияи фоидаи тақсимнашуда пас аз супурдани андоз аз фоида ё зарар ва тақсими фоида аз рӯйи захираҳои он инъикос мегардад) ва 30307-Фоида/зарари соли гузашта (ин ҳисоб бақияи фоида ва зиёни солҳои гузаштаро инъикос менамояд) истифода мешаванд**.**

Фоидаи тавозуниро бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун фарқи байни даромади ҳақиқӣ гирифташуда ва харочот муайян мекунанд. Агар харочот аз даромад зиёд бошад, зарари расонидашуда бояд дар суратҳисоби “Зарар” инъикос карда шавад. Фоида (зарар) дар давоми соли молиявии тақвимии ҷорӣ ба таври маҷмуӣ муайян карда мешавад. Дар ин сурат фоидаи як чоръяк кам шуда метавонад зарари чорьяки дигар пӯшонида шавад. Дар охири сол фоида пурра ё қисман тақсим шуда, зарар аз манбаҳои гуногун баргардонда мешавад. Тақсимоти фоида мувофиқи талаботи меъёрӣ ва ҳуҷҷатҳои таъсисии бонк суръат

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ( моддаи 42. Асосҳои ҳисобдорӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ), Қонуни ҶТ аз 26.12.2011 № 782.

мегирад. Бақияи фоидаи тақсимнашуда аз суратҳисоби 30305-Фоидаи тақсимнашуда/зарари солҳои гузашта ба суратҳисоби 30307-Фоида/зарари соли гузашта гузаронида шуда маблағи солҳои қаблӣ ва маблағи зарари ошкорнашуда пардохт карда мешаванд:

**1. Дт 30305 Фоидаи тақсимнашуда/зарари солҳои гузашта**
**Кт 30307-Фоида/зарари соли гузашта**
**2. Дт 30307 Фоида/зарари солҳои гузашта**
**Кт 31701 Фоида/зарари соли ҷорӣ**

Асосан тамоми харочоти бонк аз ҳисоби фоидаи софи он сурат мегирад. Усули идоракунии ҳисоб 30305-Фоидаи тақсимнашуда/зарари солҳои гузашта имкон медиҳад, ки он асосан дар соҳаҳои зерин истифода шавад: пардохтҳо ба буҷет аз фоидаи софи бонк ва тақсим намудани фоидаи софи пас аз пардохти андоз боқимондаи бонк, аз чумла аз ҳисоби маблағҳои бонк барои пардохти дивидендҳо ба саҳмдорони бонк.

Инчунин бояд қайд кард, ки ҳангоми **тағйир ёфтани сармояи худӣ**, тағйирот дар захираҳо тибқи тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ "Ҳисобот оид ба тағйирот дар сармоя" тартиб дода мешавад. Ин ҳисобот тағйиротҳоро, яъне камшавӣ ё зидшавиро дар ҳисобҳои "Захира барои амалиётҳои ояндаи ташкилотҳои қарзӣ", "Захира барои суғурта", "Захира барои ҳолатҳои ғайричашмдошт", "Захираҳои умумӣ" (Захира аз ҳисоби фоида), "Захира барои азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ" ва "Захираи аз нав баҳодиҳии қоғазҳои қиматнок" муайян менамояд.

**Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ** барои пешниҳод кардани маълумот оид ба тағйирот дар воситаҳои пулӣ, ҳамарзишҳои (эквивалентҳои) воситаҳои пулӣ, бо роҳҳои гурӯҳбандии даромадҳо ва пардохтҳои воситаҳои пулӣ дар давра ба фаъолиятҳои амалиётӣ, молиявӣ ва маблағгузориҳо пешбинӣ шудааст. Бонк маълумотҳои гардиши воситаҳои пулиро дар фаъолияти амалиётӣ бо истифодаи усули бевосита ё ин ки усули бавоситаро пешниҳод намояд. Истифодаи ҳар дуи ин усулҳо мутобиқи СБҲМ иҷозат дода шудааст, аммо истифодаи усули бевосита афзалиятнок ҳисобида мешавад.

Ҳисобот оид ба гардиши пули нақд бояд оид ба гардиши пули нақд (воридшавии пул, самти пули нақд) бо назардошти бақияи пули нақд дар аввал ва охири давраи ҳисоботӣ дар фаъолияти ҷорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва фаъолияти молиявӣ маълумот диҳад.

**Тавзеҳот ба ҳисоботи молиявӣ** қисми таркибии ҳисоботи молиявӣ буда, дар он бояд омилҳои назарраси фаъолияти бонк, ки дар дигар ҳисоботҳои молиявӣ ба таври возеҳ кушода нашудаанд, дарҷ ёбанд. Ҳангоми дар мутобиқат ба СБҲМ тайёр намудани ҳисоботи молиявӣ лозим аст, ки ҳама қисмҳои ҳисоботи молиявӣ ба ҳар як талаботи ҳамаи стандартҳо мутобиқат намояд. Ҳангоми риоя накардани ягон талаботи стандартҳо сабаби риоя накардан ба талаботи ин стандарт ва таъсири он ба ҳисоботи молиявӣ бояд ифшо шавад. Тавзеҳот дар шакли озод бо ёрии ҷадвалҳо, ки дарки ҳисоботи молиявиро осон мегардонад омода карда мешавад.

Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ мутобиқи моддаи 41-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» таҳия гардида, бо мақсади танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ Бонки миллии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ қоидаҳои ҳисобдорӣ, феҳрист, шаклҳо, тартиби таҳия ва муҳлати пешниҳоди ҳисоботи молиявиро муқаррар менамояд. Ташкилотҳои қарзӣ уҳдадоранд ба Бонки миллии Тоҷикистон дар баробари ҳисоботи молиявӣ, инчунин маълумоти зеринро пешниҳод намоянд:

оид ба дороиҳо ва уҳдадориҳо;

оид ба риояи меъёрҳои мақбул;

оид ба суратҳисобҳо ва нишондиҳандаҳои молиявӣ;

ҳисоботи оморӣ дар алоҳидагӣ ва дар шакли маҷмуӣ;

дигар иттилооти зарурӣ, ки Бонки миллии Тоҷикистон талаб мекунад.

Нусхаи ҳисоботи молиявии солона, аз ҷумла ҳисоботи молиявии маҷмуии солонаи ташкилоти қарзӣ, ки аз аудит гузаштааст, на дертар аз чор моҳи баъди анҷоми соли молиявӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки муҳимияти асосии ҳисоботи бонкӣ манбаи маълумоти боэътимод, пурра ва саривақтии иқтисодӣ дар бораи фаъолияти бонк мебошад. Ҳисоботи бонкӣ бояд барои сармоягузорон ва кредиторони мавҷуда ва эҳтимолӣ фаҳмо бошад, ба онҳо дар бораи ҳаҷм, вақт ва хатарҳои марбут ба даромади пешбинишуда, дар бораи таркиб ва намудҳои захираҳои ҷалбшуда, ҷойгиркунии онҳо, мавҷудияти захираҳо барои талафоти эҳтимолии қарз ва ғайра тасаввурот диҳад.

Ҳамин тариқ, таҳлили фаъолияти молиявии ташкилоти қарзӣ бо тартиби муқарраршуда барои амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои асосии танзим, назорат ва фаъолияти дурусти молиявии ташкилоти қарзӣ ба хотири нигоҳдории суботи низоми бонкӣ ва ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон, қарздеҳон гузаронида мешавад.

**Адабиёт**

1. Дастурамали Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди тартиби таҳия намудани Шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи Стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд. Душанбе., 2011.
2. Сабзаева М.С. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳо”, Васоити таълимӣ, КВД “Матбаа”- 2024.
3. Тавсифи ҳисобҳои тавозунӣ (Қоидаҳои ҳисобдории муҳосибавӣ барои ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд), 2017.

## МАВҚЕИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР РУШДИ САНОАТИКУНОНИИ КИШВАР ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**Тилакмуродова Сурайё Давлатмуродовна -** ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14. Телефон: 93-563-02-53.

Мақолаи мазкур аз тарафи муаллиф оид ба мавқеи баҳисобгирии муҳосибӣ дар рушди саноатикунонии кишвар дар шароити иқтисоди рақамӣ бахшида шудааст. Масъалаи саноатикунонии кишвар, ки ҳадафи чоруми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст баррасӣ карда шуда ва махсусан тартиб, бурдан ва вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ пешниҳод карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** Саноат, иқтисодиёт, рушд, баҳисобгирии муҳосибӣ, иқтисодиёти рақамӣ, молиявӣ, ахборот, корхонаҳои саноатӣ, иҷтимоӣ.

## ПОЛОЖЕНИЕ УЧЕТА В ПРОМЫШЛЕННОМ РАЗВИТИИ СТРАНЫ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

**Тилакмуродова Сурайё Давлатмуродовна**– ассистент кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 93-563-02-53.

Данная статья посвящена автором позиции бухгалтерского учета в развитии индустриализации страны в условиях цифровой экономики. Обсуждался вопрос индустриализации страны, являющийся четвертой целью Правительства Республики Таджикистан, в частности, были представлены организация, управление и основные функции бухгалтерского учета в условиях цифровой экономики.

**Ключевые слова:** Промышленность, экономика, развитие, бухгалтерский учет, цифровая экономика, финансы, информация, промышленные предприятия.

## THE POSITION OF ACCOUNTING IN THE INDUSTRIAL DEVELOPMENT OF THE COUNTRY IN THE CONDITIONS OF THE DIGITAL ECONOMY

**Tilakmurodova Surayo Davlatmurodovna -** an assistant of department is an record-keeping of the Tajik state finances- economy university. Address: Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Phone: 93-563-02-53.

This article is devoted to the author's position on accounting in the development of the country's industrialization in the context of the digital economy. The issue of industrialization of the country, which is the fourth goal of the Government of the Republic of Tajikistan, was discussed, in particular, the organization, management and basic functions of accounting in the context of the digital economy were presented.

**Keywords:** Industry, economy, development, accounting, digital economy, finance, information, industrial enterprises.

Соҳаи  саноат яке аз соҳаҳои муҳим ва пешбарандаи иқтисоди миллӣ мебошад, чунки рушди ин соҳа гарави асосии устуворӣ ва инкишофи иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад. Ташкили низоми фаъол ва пешрафтаи корхонаҳои саноатӣ баҳри коркарди пурраи ашёи хом дар дохили кишвар ва тақвият додани соҳаи саноат мусоидат менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷабҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ислоҳот гузаронида шуда истодааст ва яке аз ҷабҳаҳои асосии ин ислоҳотҳо низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ барои бо маълумоти молиявӣ таъмин кардани истифодабарандагони ахбороти молиявӣ равона карда шудааст. Яъне дастраскунии ахборот оиди корхона то сармоягузорони воқеӣ мебошанд.

Яке талаботҳои иқтисодиёти ватанӣ ин ташкили самараноки баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҳисоб меравад, ки ба бунёди механизими бозоргонӣ равона шудааст. Ҷиҳати самаранок идоракунии фаъолияти корхона ахбороти идоравии саривақтӣ ва бо сифат зарур аст ва раванди ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ барои ҷалби қарзҳо ва сармоягузориҳои хориҷӣ дар шароитҳои муфид ба иқтисодиёти давлат мусоидат мекунад.

Баҳисобгирии муҳосибӣ низоми мураттаби ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасти ахборотро дар ифодаи пулӣ оид ба амвол, ӯҳдадориҳои ташкилот ва ҳаракати онҳо бо роҳи инъикоси ҳамаи амалиётҳои хоҷагӣ ифода намуда, функсияи муҳимтарини идоракунии ҳамаи субъектони хоҷагидоре, ки дар саноат фаъолият мебаранд, баромад мекунад. Вобаста ба ин ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар саноат ба истифодабарии принсипҳои умумии

илмӣ – асосноккуардашудаи идоракунӣ – муносибати низомнок, усули барномавӣ – мақсади, иқтисодиёти рақамӣ, моделиронии иқтисоди – риёзӣ асос меёбад.

Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар саноат - ин маҷмӯи чорабиниҳои муҳайёсозии шароит оиди барқароркунии раванди баҳисобгирӣ бо мақсади дастраскунии маълумоти боэътимоду сари вақти дар бораи молу мулк, ӯҳдадориҳо ва фаъолияти хоҷагии корхона, инчунин амаликунии назорат оиди сарфакоронаву оқилона истифодабарии захираҳои молиявӣ - истеҳсолии корхонаи саноатӣ мебошад. [2]

Ҷузъҳои асосии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои саноатӣ ин ташкили баҳисобгирии ибтидоӣ ва гардиши ҳуҷҷатҳо, баруйхатгирӣ, нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирӣ, шаклҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, шаклҳои ташкили корҳои баҳисобгирӣ ҳисоббаробаркуниҳо, ҳаҷм ва мундариҷаи ҳисобот мебошанд.

Дар мавофиқа бо моддаи 9-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» масъулияти ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилотҳо риояи қонунгузории ҷорӣ ҳангоми иҷроиши амалиёти молиявӣ хоҷагидорӣ ба зиммаи роҳбари корхонаи саноатӣ вогузор карда шудааст. Роҳбарони корхонаҳои саноатӣ вобаста ба ҳаҷми кори баҳисобгирӣ вазифадоранд:

- ❖ хизматрасонии муҳосибиро ҳамчун сохтори таркибӣ, ки ба он сармуҳосиб (муҳосиб) роҳбарӣ мекунад, таъсис диҳанд;
- ❖ дар басти вазифаҳо вазифаи муҳосибро ҷорӣ намоянд;
- ❖ дар асосӣ шартнома баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро ба муҳосиботи марказӣ, ташкилоти муҳосибӣ ё ба муҳосиби касбӣ супоранд;
- ❖ баҳисобгирии муҳосибиро ҳангоми зарурат шахсан ба зимма гиранд.[1]

Дар амалияи корхонаҳои саноатӣ кам ҳолатҳое пайдо мешаванд, ки роҳбарӣ корхона баҳисобгириро шахсан худаш барад, одатан ин вазифа аз ҷониби шӯъбаи муҳосибот ё ҳисобдор иҷро карда мешавад. Дар ин ҳолат барои дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ бояд роҳбари корхонаи саноатӣ тамоми шароитҳоро муҳайё намояд.

Дар мувофиқа бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» қоидаҳо ва талаботҳои асосӣ ҳангоми ҷорӣ намудани баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои саноатӣ инҳоянд:

- ❖ баҳисобгирии муҳосибии молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидории корхонаҳои саноатӣ бо пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.
- ❖ молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳое, ки моликияти корхонаи саноатӣ ба ҳисоб мераванд, аз молу мулки шахсони дигари ҳуқуқии ҳайати ин ташкилот алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд.
- ❖ баҳисобгирии муҳосибиро корхонаи саноатӣ ба таври доимӣ аз лаҳзаи ба сифати шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шуданаш амалӣ менамояд.
- ❖ корхонаи саноатӣ баҳисобгирии муҳосибии молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидориро бо усули сабти дутарафаи ба ҳам алоқаманди ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ амалӣ менамояд.
- ❖ корхонаҳои саноатие, ки ҳамчун субъектҳои дорои манфиати умум ба ҳисоб мераванд, вазифадоранд, ки баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявиро мутобиқи стандартҳои байналмиллалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди баҳисобгирии муҳосибӣ амалӣ намоянд.

❖ роҳбарони корхонаҳои саноатие, ки ҳамчун субъектҳои дорои манфиати умум ба ҳисоб мераванд, вазифадоранд, ки хизматрасонии доимо амалкунандаи аудити дохилиро таъсис диҳанд.[1]

Барои таъмин намудани ташкили дурусти баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои саноатӣ таҳияи нақшаи ташкили он аҳамияти калонро дорад. Нақшаи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

❖ нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ;

❖ нақшаи ҳуҷҷатноккунӣ;

❖ нақшаи барӯйхатгирӣ ва усулҳои баҳодиҳии намудҳои алоҳидаи амвол ва ӯҳдадориҳо;

❖ қоидаҳои ҳуҷҷатгардиш ва технологияи коркарди ахбороти баҳисобгирӣ;

❖ тартиби ба амалории назорат аз болои амалиётҳои хоҷагӣ, инчунин дигар қарорҳои барои ташкили ҳисобгирӣ зарур.

Корхонаи саноатӣ бояд тарзҳои пешбурди ҳисобгирии муҳосибиро, ки ҳангоми ташаккулёбии сиёсати ҳисобдорӣ интихоб намудааст ва ба баҳогузорӣ ва қабули қарорҳои истифодабарандагони ҳисоботи муҳосибӣ таъсир мерасонанд, кушода диҳад. [5]

Ба тарзҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ҳангоми ташаккулёбии сиёсати ҳисобдории корхонаи саноатӣ қабул гардидаанд, ва ба кушодадиҳӣ дар ҳисоботи муҳосибӣ мансубанд, тарзҳои истеҳлоки воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва дигар дороиҳо, баҳодиҳии захираҳои истеҳсолӣ, молҳо, истеҳсолоти нотамом ва маҳсулоти тайёр, эътирофи фоида ва фурӯши маҳсулот, молҳо, корҳо, хизматҳо ва дигар тарзҳои аҳамиятнок буда дохиланд.

Ҳаҷми тавлидоти саноатӣ дар Тоҷикистон дар моҳи январи соли 2025 афзоиш ёфтааст.

Дар ин бора Оҷонсии омори кишвар хабар додааст. Ҳамин тариқ, суръати афзоиш дар моҳи аввали сол 16,1% ташкил дод, хабар медиҳад шӯъба.

Гуфта мешавад, ки дар моҳи январ дар кишвар беш аз 3,7 ҳазор корхонаи саноатӣ фаъолият кардааст. Гузашта аз ин, шумораи бештари иншооти саноатӣ дар шимоли кишвар – дар вилояти Суғд ҷойгир шудаанд.

Корхонаҳои аз фаъолият бозмонда дар соҳаҳои саноатии зерин ба қайд гирифта шудаанд:

• соҳаи саноати хӯрокворӣ - 16 корхона;
• соҳаи саноати масолеҳи сохтмон - 21 корхона;
• соҳаи саноати сабук ва пилла - 17 корхона;
• соҳаи саноати мошинсозӣ, мудофиа ва химия - 7 корхона;
• соҳаи саноати маъданҳои кӯҳӣ - 3 корхона;
• соҳаи саноати ангишт - 6 корхона;
• дигар соҳаҳо, (аз ҷумла табъу нашр) – 4 корхона.

Тибқи маълумотҳои вазорати саноат ба ҳолати 1 январи соли 2025 дар ҷумҳурӣ 3774 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли пешина ба миқдори 330 корхона зиёд мебошад.

Дар ин давра, дар қаламрави кишвар 740 корхонаю коргоҳи нав (528 корхонаи саноатӣ) бунёд гардида, дар маҷмуъ 18193 ҷойи кории нав, аз ҷумла дар ВМКБ 43, вилояти Суғд 164 корхона, вилояти Хатлон 89, НТҶ 91 ва шаҳри Душанбе 141 ба истифода дода шудааст.

Аз ҳисоби корхонаҳои нав дар давраи ҳисоботӣ зиёда аз 134,7 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст.

Иқтисоди рақамӣ раванде мебошад, ки асоси онро истифодаи технологияҳои муосири рақамикунӣ ташкил менамояд. Гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ барои корхонаҳои саноатии кишвар имконияти беҳтар намудани вазъи молиявии онҳоро таъмин менамояд. Зеро он имконияти кам намудани вақти барориши маҳсулоти нав ба бозорро таъмин намуда, дараҷаи чандирии истеҳсолотро баланд мебардорад. Он инчунин сифати маҳсулот ва самаранокии ҷараёни истеҳсолотро беҳтар намуда, дар охир ба беҳтар шудани рақобатпазирии саноат ва зиёдшавии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ оварда мерасонад.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25.03.2011 с. №702, ш. Душанбе
2. Баҳисобгирии молиявӣ: Дастури таълимӣ. Душанбе, «Ирфон», 2011 – 315 с.
3. Бухгалтерский учет для руководителя. В.А. Быков, С.М. Бычкова, М.Л. Пятов, М.В. Семенова, Я.В. Соколов. – М.: «Проспект», 2000.
4. Бобоев М.У. Управленческие аспекты учета в легкой промышленности. – Душанбе: “Ирфон”, 2014. – 176 с.
5. Низомова Т.Д. Иқтисодиёти саноат. - Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2020 с.


## ТАШАККУЛ, ТАСНИФОТ ВА БАҲОДИҲИИ МАСРАФИ НЕРӮИ БАРҚ ТИБҚИ СБҲМ


**Раҷабов Садриддин Раҳматуллоевич** - ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Кучаи Нахимов, 64/14 734067 ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон.E-mail: rajabov.2022@mail/ru. Телефон: (+992) 933323803.



Ҳамчун мафҳуми умумииқтисодӣ, хароҷот дар раванди хоҷагидорӣ истифодаи моддаҳо ва қувваҳои гуногуни табиатро тавсиф мекунанд. Зери мафҳуми хароҷоти иқтисодӣ арзиши имкониятҳои аз даст рафта, яъне миқдори пулеро, ки ҳангоми варианти аз ҳама судманди имкониятҳои алтернативии истифодаи захираҳои муҳим ба даст овардан мумкин аст.

Ҳамзамон, хусусияти хоси ҷузъҳои арзиши корхонаҳои таъминоти барқ, дар таркиби тарифии хизматрасониҳои истеҳсолӣ ҷудо намудани хароҷоти таъмир, хароҷоти нерӯи барқ, барои эҳтиёҷоти хоҷагӣ ва хароҷоти истифодаи шабакаҳои барқии дигар литсензиягирандагон интиқолдиҳандагон ба ҳисоб меравад.



**Калидвожаҳо:** баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоравӣ, хароҷот, стандарт, нерӯи барқ, корхона , таъминотгар, соҳибкорӣ


## СОСТАВ, КЛАССИФИКАЦИЯ И ОЦЕНКА ПОТРЕБЛЕНИЯ ЭЛЕКТРОЭНЕРГИИ ПО ДАННЫМ МСФО


**Раджабов Садриддин Рахматуллоевич -** ассистент кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. улица Нахимова, 64/14 734067 ш. Душанбе, Республика Таджикистан.E-mail: rajabov.2022@mail/ru. Телефон: (+992) 933323803.

Как общеэкономическое понятие затраты в экономическом процессе описывают использование различных веществ и сил природы. Под понятием экономических издержек понимается стоимость упущенных возможностей, то есть сумма денег, которую можно получить при наиболее выгодном варианте альтернативной возможности использования важных ресурсов.

При этом особенностью составляющих стоимости предприятий электроснабжения в тарифном составе производственных услуг является выделение затрат на ремонт, затрат на электроэнергию, на бытовые нужды и затрат на пользование электрическими сетями других поучателей леценлий и операторов связи.

**Ключевые слова:** финансовый учет, управленческий учет, затраты, стандарт, электроэнергия, предприятие, поставщик, бизнес

## COMPOSITION, CLASSIFICATION AND ASSESSMENT OF ELECTRICITY CONSUMPTION ACCORDING TO ISMH DATA

**Rajabov Sadriddin Rakhmatulloevich.** - assistants of the Accounting Department of the Tajik State University of Finance and Economics. Nakhimov street, 64/14 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan. E-mail: rajabov.2022@mail.ru. Phone: (+992) 933323803.

As a general economic concept, costs in the economic process describe the use of various substances and forces of nature. The concept of economic costs is understood as the cost of lost opportunities, that is, the amount of money that can be obtained with the most profitable option of an alternative opportunity to use important resources.

At the same time, the peculiarity of the cost components of electricity supply enterprises in the tariff composition of production services is the allocation of costs for repairs, costs for electricity, for household needs and costs for the use of electrical networks of other licensees and communication operators.

**Key words:** financial accounting, management accounting, costs, standard, electricity, enterprise, supplier, business

Дар айни замон, тафсири «харочот» дар Низомномаҳои баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ амалан мутобиқ карда шудаанд. Аммо, стандартҳои баҳисобгирӣ аз нуқтаи назари тафсири иқтисодии харочот фарқиятҳои назаррасро доро мебошад. Ҳамчун мафҳуми умумииқтисодӣ, харочот дар раванди хочагидорӣ истифодаи моддаҳо ва қувваҳои гуногуни табиатро тавсиф мекунанд. Олими ҳисобдон Шобеков М., чунин мешуморад, ки харочот – ин ифодаи харчи пулии навъҳои гуногуни захираҳои иқтисодӣ (меҳнат, ашёи хом, маводҳо, воситаҳои асосӣ, захираҳои молиявӣ) дар чараёни истеҳсол, муомилот ва тақсими маҳсулоту молҳо мебошад [1]. Зери мафҳуми харочоти иқтисодӣ арзиши имкониятҳои аз даст рафта, яъне миқдори пулеро, ки ҳангоми варианти аз ҳама судманди имкониятҳои алтернативии истифодаи захираҳои муҳим ба даст овардан мумкин аст, фаҳмида мешавад. Ба андешаи мо, харочоти иқтисодии ҳама гуна захираҳое, ки барои истеҳсоли маҳсулот (хизматрасонӣ) интихоб шудаанд, ба андозаи фоидаи эҳтимолии иқтисодӣ аз

истифодаи он, ба беҳтарин имконоти имконпазири истифодаи ин захира баробар аст, фаҳмида мешавад.

Мафҳуми масрафи иқтисодӣ дар муқоиса бо маҳдудияти захираҳо, миқдори вариантҳои истифодаи онҳо алоқаманд аст [13,89с]. Дар мавриди тафсири хароҷот дар қонунгузории баҳисобгирӣ ҳамон ҳароҷот - маблағи дилхоҳ хароҷоти корхона оварда мешавад, ки дар шаклҳои пулӣ, моддӣ ё ғайримоддӣ ифода ёфтааст ва барои амалисозии фаъолияти хоҷагидорӣ амалӣ мешавад, ки дар натиҷа камшавии фоидаи иқтисодӣ дар шакли хориҷ шудани дороиҳо ё зиёд шудани ӯҳдадориҳо ба амал меояд ва ба камшавии сармояи худӣ оварда мерасонад (ба истиснои тағйирот дар сармоя аз ҳисоби бозгирифти ё тақсимоти он аз ҷониби соҳибмулкон) [12,56с]. Дар баҳисобгирии идоракунӣ (аз ҷумла, дар таҷрибаи байналмилалии пешбурди он) аксар вақт сухан дар бораи хароҷоте меравад, ки ҳангоми он, миёни масъалаҳои афзалиятноки баҳисобгирӣ бақайдгирии харакати воситаҳои пулӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегиранд [13,114с].

Мушаххасоти хароҷоти овардашуда тибқи стандартҳои миллӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ амалан бо мундариҷа қариб якхела мебошанд. Якум, ба фаҳмиши ҳаёти хоҷагидорӣ аз мавқеи назарияи арзиши меҳнат асос ёфтааст, ки ҳамкорӣ дар раванди истеҳсолии се омили асосӣ (нерӯи корӣ, предмети меҳнат ва воситаи меҳнат) бо шарҳи мувофиқи мафҳуми арзиш, ҷузъҳо ва сохтори онҳо пешбинӣ мекунад. Гузашта аз ин, мафҳуми хароҷот - ин харҷи меҳнати зинда ва таҷассуми он дар маҳсулоти истеҳсолшуда мебошад. Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ (аз ҷумла, корхонаҳои энергетикии Тоҷикистон) баҳисобгирии хароҷотро тибқи:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» [5,25с];

- дастурҳои соҳавӣ оид ба ташаккули арзиши аслии истеҳсол, интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ ва гармӣ [5,49] ва ғайра ба роҳ мемонанд. Маълумоти баҳисобгирии хароҷоти баҳодиҳӣ ва таҳлили иҷрои нишондиҳандаҳои банақшагирифта, барои анҷом додани ҳисобҳои таҳлилӣ ва иқтисодӣ, барои муайян кардани натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои таъминкунандаи нерӯи барқ ва самаранокии воқеии чорабиниҳои ташкилӣ ва техникӣ истифода бурда мешавад. Дар айни замон, хароҷоти корхонаҳои таъминкунандаи барқ аз арзиши нерӯи харидашуда (пардохт аз ҷониби ШСХК «Барқи Тоҷик» барои манбаи нерӯи барқи харидоришуда бо фурӯши минбаъдаи он ба истеъмолкунандагони худӣ дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият), хароҷоти фаъолияти амалиётӣ, хароҷоти молиявӣ ва дигар хароҷот иборатанд.

Ба хароҷоти марбут ба НБМ 7/2001, ки ба арзиши аслии маҳсулот дохил мешаванд (кор, хизматрасонӣ), тааллуқ доранд:

1) масрафи бевоситаи моддӣ

- арзиши ашёи хом ва маводҳои асосӣ, ки асоси маҳсулоти истеҳсолшаванда (хизматҳои расонидашаванда), маҳсулоти нимтайёр ва ҷузъҳои харидашуда, ёрирасон ва дигар маводҳоро ташаккул додаанд, бевосита ба объекти мушаххаси хароҷот мансуб дониста мешаванд;

2) хароҷоти мустақим ба пардохти меҳнат

- музди меҳнат ва дигар пардохтҳо ба кормандоне, ки ба истеҳсоли молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо машғуланд ва бевосита ба объекти мушаххаси хароҷот мансуб дониста мешаванд;

3) дигар хароҷоти мустақим - ҳамаи хароҷоти дигари истеҳсолӣ, ки метавонад мустақиман ба объекти мушаххаси хароҷот мансуб дониста шавад;

4) хароҷоти бариловаи истеҳсолии тағйирёбанда ва доимии тақсимшаванда. Мувофиқи НБМ 7/2001, аз ҷумла моддаи алоҳидаи «Фарсудашавии воситаҳои асосӣ», ки ба ҷараёни истеҳсолӣ ҷалб карда шудааст, аз таркиби арзиши аслӣ ҷудо карда намешавад. Фарсудашавии воситаҳои асосии ба истеҳсоли умумӣ нигаронидашуда (сехӣ, минтақавӣ, хаттӣ) ва фарсудашавии дороиҳои ғайримоддии ба истеҳсолоти умумӣ (сехӣ, минтақавӣ, хаттӣ) нигаронидашуда, ҳамчунин хароҷоти давраи ояндаро низ, ба таркиби хароҷоти бариловаи истеҳсолӣ дохил мекунанд [7,78с]:

Хароҷоти корхонаҳои таъминкунандаи барқ барои интиқол ва дастраснамоӣ барқ

Арзиши нерӯи барқи харидоришуда; хароҷоти амалиётӣ; дигар хароҷоти хароҷоти маъмурӣ; арзиши аслии истеҳсолӣ; дигар хароҷоти амалиётӣ; хароҷоти технологии нерӯи барқ

1) хароҷоти идоракунии истеҳсолот (пардохти музди меҳнати кормандони идоракунандаи дастгоҳҳои сеҳҳо; маблағҳо барои чорабиниҳои иҷтимоӣ ва суғуртаи тиббӣ, идоракунии бахшҳои истеҳсолӣ, хароҷоти пардохти сафари хизматии кормандони сеҳҳо ва ғайра);

2) хароҷоти нигоҳдорӣ, истифода ва таъмир, суғурта, амалиётҳои иҷоравии воситаҳои асосӣ, дигар дороиҳои ғайригардони ба умумистеҳсолӣ нигаронидашуда;

3) хароҷоти такмил додани технология ва ташкили истеҳсолот;

4) хароҷоти гармидиҳӣ, рӯшноӣ, обтаъминкунӣ, партови об ва нигоҳдории иншоотҳои дигари истеҳсолӣ;

5) хароҷоти хизматрасонии раванди истеҳсолӣ;

6) хароҷот ба ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва ҳифзи муҳити зист;

7) дигар хароҷот:

- камомадҳо ва талафот аз нуқснокии маводҳои арзишнок дар сеҳҳо; - пардохти бозистии истеҳсолӣ ва ғайра. Қайд кардан ҷоиз аст, ки унсурҳои хароҷоти дигар, дар масъалаҳои ворид намудан ба арзиши аслӣ асосноккунии алоҳидаро тақозо мекунад. Методи мазкур дорои истифодаи амалӣ аст, аммо он гуна ки натиҷаҳои тадқиқот тасдиқ карданд, дар бахши ҳисоб кардани арзиши аслӣ

- рӯйхати хароҷоти мустақим ва ғайримустақими истеҳсолӣ ба НБМ 7/2001 пурра мувофиқат намекунад.

Агар дар бораи хароҷоти корхонаи таъминкунандаи барқ дар умум гӯем, ҳам ба интиқол ва ҳам ба таъминот машғул аст, пас таҳлили сохтори тасдиқшудаи хароҷот (дар мисоли якчанд корхона) нишон дод, ки дар ҳаҷми умумии хароҷоти амалиётӣ 90 % хароҷот ба интиқоли нерӯи барқ ва танҳо 10 % ба таъминот марбут аст.

Ба хароҷоти харидории нерӯи барқ аз корхонаҳои таъминкунандаи барқ, арзиши нерӯи барқи харидоришаванда дар бозори яклухт дохил мешавад, ки аз тарафи ШСХК «Барқи Тоҷик» тибқи шартномаи ба имзо расида, пардохт карда шуда, харидорӣ бо мақсади фурӯши ояндаи он ба истеъмолкунандагони худӣ (ниҳоӣ) гузаронида мешавад.

Чи тавре, ки таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, дар унсурҳои якхелаи хароҷот аз фаъолияти амалиётӣ хароҷоти гуногуни корхонаҳои таъминкунандаи нерӯи барқ ҷой дошта метавонанд

Хулоса кардан мумкин аст, ки барои корхонаҳои таъминоти барқ аз таркиби унсурҳои хароҷоти моддӣ ҷудосозии чунин моддаҳо ба мисли зарф ва маводҳои зарфӣ мувофиқ нестанд. Ҳамзамон, хусусияти хоси ҷузъҳои арзиши корхонаҳои таъминоти барқ, дар таркиби тарифии хизматрасониҳои истеҳсолӣ ҷудо намудани хароҷоти таъмир,

хароҷоти нерӯи барқ, барои эҳтиёҷоти хоҷагӣ ва хароҷоти истифодаи шабакаҳои барқии дигар литсензиягирандагон интиқолдиҳандагон ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади объективияти маълумот ва имконияти таъсири оперативӣ ба муносибгардонии ҷузъи ташаккулёфтаи хароҷоти таъмин ва интиқоли нерӯи барқ дар тарифҳои пардохти нерӯи барқ, дар тадқиқи мо хароҷот ба назар гирифта шуданд: аз рӯи унсурҳои иқтисодӣ; аз рӯи моддаҳои хисобкунии арзиши аслӣ; мутобиқи хусусиятҳои баҳисобгирӣ ва иқтисодӣ, ҷойҳои пайдоиш ва ғайра.

Маълум шуд, ки нисбати равиши тафриқавии эътирофи хароҷоти амалиётӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши хароҷоти идорашаванда ва идорнашаванда талабот мавҷуд аст.

**Адабиёт**


1. Хусусиятҳои ташакуллёби баҳисобгирии идоракунӣ ва марҳилаҳои рушди он Сабзаева М.С.

2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Бо назардошти тағйироту иловаҳо ба санаи 01.01.2022 бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ): Душанбе, Шарқи озод.-2017.-672 с.

3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 1334; аз 02.01.2019. www.mmk.tj

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ» (Ахбори Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2010 г., №7, мод. 563)

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. душанбе, 25 марти соли 2011, № 702. http://minfin.tj/downloads

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия». ш. Душанбе, 12 январи соли 2010, №587.

7. Мирзоалиев, А.А. Формирование и развитие рынка аудиторских услуг в Республике Таджикистан. [Текст] / А.А.Мирзоалиев Автореферат дис. … канд. эконом, наук., Душанбе.-2003.

8. Мирзоалиев, А.А., Бобоев Ш.Н. Хароҷоти бариловаи истеҳсолӣ: мушкилоти баҳисобгирӣ тибқи СБҲМ [Матн] / А.А. Мирзоалиев, Ш.Н.

9. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ – хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ – хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ. 27. 05. 2011, № 41. http://minfin.tj/downloads

10. Холиқова, С.Х. Аудит. [Текст] Китоби дарсӣ / Х.С. Холиқова, М.Э. Турдиев, Х.Ҳ. Ҷураева, Б.С. Шодиев, А.А. Мирзоалиев, С.М. Тураева // Бохтар, 2019.-480 с.


## ОСНОВНЫЕ АСПЕКТЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В ГОСУДАРСТВЕННОМ СЕКТОРЕ РТ


**Султонова Савсан Мохирхуджаевна** – старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон 900182885


Модернизация экономического механизма любого государства самым тесным образом связана с бухгалтерским учетом, анализом и контролем. Бухгалтерский

бюджетный учет в настоящее время играет ведущую роль в системе управления организацией. В условиях рыночной экономики повышаются требования к ведению бухгалтерского учета в государственном секторе: он должен отвечать требованиям международных стандартов, удовлетворять потребностям внутренних и внешних пользователей информации, выявлять резервы повышения эффективности деятельности и быть "языком бизнеса".

**Ключевые слова:** Бюджет, государственный сектор, бухгалтерский учет, модернизация, международный стандарт.

## ҶАНБАҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛДИҲИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР БАХШИ ДАВЛАТИИ ҶТ

**Султонова Савсан Мохирхуджаевна –** муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14. Телефон: 900182885

Навсозии механизми иқтисодии ҳар як давлат бо ҳисобдорӣ, таҳлил ва назорат алоқаманд аст. Дар айни замон баҳисобгирии муҳосибӣ дар системаи идоракунии ташкилотҳо нақши асосӣ мебозад. Дар шароитии иқтисоди бозорӣ талаботи бурдани баҳисобгирӣ буҷавии муҳосибӣ афзоиш меёбад: он бояд талаботи стандартҳои байналмиллалиро қонеъ гардонад, ки ба талаботи истифодабарандагони дохилӣ ва берунии иттилоот ҷавобгӯ бошанд, захираҳо барои беҳтар кардани самаронокии фаъолият ошкор намояд ва "забони бизнес" шуда тавонад.

**Калидвожа:** буҷет, бахши давлатӣ, ҳисобдорӣ, навоварӣ, стандартҳои байналмилалӣ.

## MAIN ASPECTS OF IMPROVING PUBLIC SECTOR ACCOUNTING RT

**Sultonova Savsan Mohirhudzhaevna -** an assistant of department is an record-keeping of the Tajik state finances- economy university. Address: Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Phone: 900182885

Modernization of the economic mechanism of any state is closely connected with accounting, an alysisand control. Accounting now plays a leading role in the organization's management system. In the conditions of a market economy, the requirements for accounting are increased: it must meet the requirement so finter national standards, meet the need so fin tern aland extern aluser so fin formation, identify reserve estoimproveper form an ceandbe the "language of business."

**Keywords:** Budget, public sector, accounting, modernization, international standard.

В современное время основой формирования правового механизма регулирования бухгалтерского учета является сочетание государственного и негосударственного регулирования. При этом роль бухгалтеров, аудиторов должна повышаться в вопросах разработки стандартов бухгалтерского учета в государственном секторе, предварительной экспертизы решений государственных органов в области бухгалтерского учета и отчетности. Особой компетенцией государственного регулирования должно быть обобщение практики постановки и ведения бухгалтерского учета в государственном

секторе, распространение опыта в данной сфере, издание новых методических материалов по ведению бухгалтерского учета в государственном секторе, в том числе в специальных секторах экономики государственной сферы.

Сотрудникам сферы управления - бухгалтерам, юристам и аудиторам необходимо уметь решать поставленные задачи достоверности и надежности бухгалтерской финансовой отчетности в соответствии с требованиями Международного стандарта финансовой отчетности, а также с учетом традиций и правил бухгалтерского учета и аудита в зарубежных странах.[3]

Совершенствование системы бухгалтерского учета в бюджетных и научных организациях - это постоянный процесс обоснования и реализации самых рациональных форм, методов, способов и путей ее создания (реструктурирования) и развития в государственном секторе. Рационализация ее отдельных вопросов, контроль и выявление специфических вопросов на основе непрерывной оценки соответствия системы учета и контроля внутренним и внешним условиям функционирования учета в бюджетных организациях.

Современные условия конкуренции на рынке и непрерывное изменение конъюнктуры рынка предопределяют повышение достоверности учётной и аналитической информации бюджетных и научных организаций о своей деятельности. Это способствует введению новых функций учёта, контроля и организации хозяйственных операций в бюджетных и научных организациях. В связи с этим был утверждён Закон РТ за № 702 от 25.03.2011 г. «О бухгалтерском учёте и финансовой отчётности». В данном Законе указывается право по организации внутреннего контроля каждого хозяйствующего агента [1]. Необходимость организации бухгалтерского учёта в условиях рынка и с учётом повышения требований к информации о деятельности организации требует от бухгалтеров более рационального планирования внутреннего учёта и контроля учётно-аналитической информации.

Итак, концепция совершенствование методологии учета, анализа и аудита систематизирует специальные модели учета для критериев, получаемой управленческой информации, центров ответственности и сегментов деятельности; определяет сферу бюджетного учета в современных условиях и способствует достижению оперативных, тактических и стратегических целей в государственном секторе.[6]

В связи с этим важной целью контроля бухгалтерского учёта выступает постоянный мониторинг поступающей информации, правильность оформления бухгалтерской документации, которая является источником для принятия управленческих решений, расчёта финансовых результатов, планирования доходной и расходной частей бюджета и прогнозирования дальнейшей деятельности организации. Контроль и инвентаризация также необходимы для того, чтобы своевременно определить причин нарушения нормативно-правовых и законодательных документов, проведения предупреждающих и профилактических процедур. Последние следует проводить с целью профилактики, чтобы не происходили нарушения, а также для выявления различных причин, способствующих привести к действиям, нарушающих нормы закона. Выявление различных причин возможно осуществлять только на основании бухгалтерского учёта, так как он ведёт учёт всех хозяйственных операций на протяжении всей деятельности экономического агента.

**Литература**

1. Закон РТ “О бухгалтерском учете и финансовой отчетности”, от 25 марта 2011 года, № 702.

2. Гуруҳбандии даромад ва хароҷот ва нақшаи ягонаи ҳисобҳо -26.01.2015 №173.

3. Инструкция «О порядке заполнения хозяйствующими субъектами форм квартальной и годовой бухгалтерской (финансовой) отчетности составляемая в соответствии с МСФО. Распоряжение Минфина РТ от 24 ноября 2004г., Душанбе-2004г., 64с.

4. Методические указания по инвентаризации имущества и финансовых обязательств (утверждены Приказом Минфина РТ от 2000г. №49).

5. Борисов А.Б. Большой экономический словарь. — М.: Книжный мир, 2003. — 895 с.

6. Довгялло, Я. П. Механизмы реализации учётной политики в условиях внедрения новых стандартов в бюджетных организациях / Я. П. Довгялло, С. М. Султонова // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2022. – № 1(76). – С. 42-53. – EDN KZDPAT.

## НАҚШИ ИҚТИСОДИ САБЗ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷалилзода Умриҷон Абдураззоқ** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, магистранти курси 1-уми ихтисоси 1-250108- баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: umrijonj@gmail.com, Tel: +992 00-133-94-80.

Дар маколаи мазкур муаллиф нақши иқтисоди сабз дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди барраси қарор додааст. Дар ин замина, самтҳои асосии рушди иктисодиёти сабз дар соҳаҳои асосии иктисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Иктисодиёти сабз ҳамчун иктисодиёте муаррифи карда мешавад, ки ба баландбардории сатҳи некуаҳволии мардум равона карда шуда, ба рушд иқтисодии мамлакат таъсири мусбӣ мерасонад. Яке аз самтҳои асосии рушди иктисодиёти сабз ин сармоягузориҳо барои дастраси ва истифодаи оқилонаи захираҳои об ва қувваи барқ мебошад, чун ки дар ояндаи наздик яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишварҳои пешрафта ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти сабз, рушди энергияи сабз, сармоягузорӣ ба иқтисодиёти сабз, сабзгардонӣ, беҳдошти муҳити зист, маҳсулоти экологии тоза.

## РОЛЬ ЗЕЛЁНОЙ ЭКОНОМИКИ В ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Джалилзода Умриджон Абдураззок** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, студент 1 курса магистратуры, специальность 1-250108 - бухгалтерский учет, анализ и аудит. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Электронная почта: umrijonj@gmail.com, тел.: +992 00-133-94-80.

В данной статье автор рассматривает роль зеленой экономики в экономическом развитии Республики Таджикистан. В этом контексте представлены основные направления развития зеленой экономики в основных секторах народного хозяйства Республики Таджикистан. Зеленая экономика определяется как экономика, направленная на повышение

благосостояния людей и оказывающая положительное влияние на экономическое развитие страны. Одним из основных направлений развития зеленой экономики являются инвестиции в доступ к водно-энергетическим ресурсам и их рациональное использование, поскольку это станет одним из приоритетных направлений экономики развитых стран в ближайшем будущем.

**Ключевые слова:** зеленая экономика, развитие зеленой энергетики, инвестиции в зеленую экономику, экологизация, улучшение окружающей среды, экологически чистая продукция.

## THE ROLE OF THE GREEN ECONOMY IN THE ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Jalilzoda Umrijon Abdurazzoq** - Tajik State University of Finance and Economics, 1st year master's student, specialty 1-250108 - accounting, analysis and audit. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. E-mail: umrijonj@gmail.com, Tel: +992 00-133-94-80.

In this article, the author examines the role of the green economy in the development of the economy of the Republic of Tajikistan. In this context, the main directions of the development of the green economy in the main sectors of the national economy of the Republic of Tajikistan are presented. The green economy is presented as an economy that is aimed at improving the well-being of the people and has a positive impact on the economic development of the country. One of the main directions of green economy development is investments in access to and rational use of water and energy resources, as in the near future it is considered one of the priority directions of the economy of developed countries.

Keywords: green economy, green energy development, investment in green economy, greening, environmental improvement, ecologically clean products.

Иқтисоди сабз - иқтисодиётест, ки барои нигоҳ доштани некӯаҳволии ҷомеа тавассути истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, инчунин таъмини баргардонидани маҳсулоти ниҳоӣ ба давраи истеҳсолот равона шудааст. Пеш аз ҳама, иқтисоди сабз ба истифодаи иқтисодии ин захираҳое, ки ҳоло ба талафи (маъданӣ - нафту газ ва ангишт) дахл доранд ва истифодаи оқилонаи захираҳои беталаф ба назар мерасанд. Дар маркази иқтисоди сабз – ин технологияи тоза ё сабз ба ҳисоб меравад. Тибқи иттилои коршиносон, рушди иқтисоди сабз ба кишварҳои ҷаҳон имкон медиҳад, ки буҳрони экологие, ки аллакай характери глобалӣ пайдо кардааст то андозае паст намояд.

Иқтисоди сабз яке аз самтҳои муосири илми иқтисод буда, тайи ду даҳсолаи охир ба арсаи илм ворид гардидааст ва дар доираи он бахшҳои дигари иқтисод, ки аз ҷузъҳои табиати муҳити атроф вобастагӣ доранд, баррасӣ мешаванд. Аз ин рӯ, солҳои охир ибораи иқтисоди сабз вирди забони олимон, сиёсатмадорон, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаҳои ҳифзи муҳити зист, кишоварзӣ, энергетика, иқтисод ва ҳоказо мечархад. Консепсияи иқтисоди сабз ғояҳои мухталифи улуми иқтисод ва фалсафа, аз ҷумла иқтисоди феминистӣ, иқтисоди захиравӣ, иқтисоди экологӣ, иқтисоди муҳити зист, зиддиистеъмолот, муқобил ба ҷаҳонишавӣ, сиёсати сабз ва назарияи муносибатҳои байналмилалиро дарбар мегирад.

Айни замон ҷомеа моҳияти ибораи иқтисоди «сабз»-ро ба маъноҳои мухталиф фарқ мекунад. Гурӯҳи аввал чунин меҳисобанд, ки ин соҳаи нави иқтисод буда, табиати муҳити

зистро беҳтар мегардонад. Тарафи дуюм ин ифодаро ҳамчун технологияи нав ва як навъи экосистема, ки ба кӯмаку фоидаоварӣ ба табиат даъват мекунад, мефаҳманд. Гурӯҳи сеюм чунин мепиндоранд, ки он марҳилаи нави гузариши рушд буда, мақсади асосиаш истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза аст. Дар маҷмуъ, иқтисоди сабз ба технология тоза ё «сабз» асос ёфтааст.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи қаблии Паёми солонаи худ низ ба Маҷлиси Олӣ доимо аз ташаккул ва рушди ояндаи «иқтисоди сабз» ёддовар мешуданд. Масалан дар Паёми дар таърихи 23 декабри соли 2022 ба Маҷлисӣ Олӣ пешниҳод намудаи Роҳбарии Олии давлат қайд намудаанд, ки «…такроран таъкид менамоям, ки бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолии он, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти содирот, ташаккули «иқтисоди сабз»… равона карда шавад». Ҳамзамон Пешвои миллат, таъкид намудаанд, ки дар шароити таҳаввулоти босуръату пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим бояд дар кишвар тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии сармоягузорӣ ба таври васеъ истифода бурда шаванд.

Як нуктаро низ бояд қайд намуд, ки солҳои охир рушди бомароми соҳаи энергетика ба рушди “энергияи сабз” ва раванди саноатикунонии босуръати кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст. Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои азнавсозӣ, яъне таъмиру таҷдиди низоми энергетикии кишвар 85,7 млрд. сомонӣ равона карда шуда, низоме, ки дар 75 соли замони гузашта муҳлати истифодаи аксари таҷҳизоти он қариб ки ба анҷом расида буд, таҷдиду азнавсозӣ карда шуд.

Чи тавре, ки Пешвои миллат дар Паёми навбатии имсола қайд намудаанд, дар ин давра танҳо барои азнавсозии неругоҳҳои барқи обии амалкунанда беш аз 11,3 млрд. сомонӣ равона гардида, неругоҳи барқи обии «Сарбанд» пурра таҷдид ва иқтидори он 30 мегаватт зиёд карда шуд. Инчунин, таҷдиди неругоҳҳои «Норак» ва «Қайроққум» бомаром идома дошта, баъди ба анҷом расидани корҳо иқтидори онҳо, дар маҷмӯъ, 423 мегават афзоиш меёбад. Нуктаи муҳим ин аст, ки неругоҳҳои зикршуда баъди азнавсозӣ боз даҳсолаҳои дигар хизмат менамоянд [5].

Дар маҷмӯъ, иқтисодиёти сабз ҳамчун иқтисодиёте муаррифи карда мешавад, ки ба баландбардории сатҳи некуаҳволии мардум равона карда шуда, адолати иҷтимоиро таъмин созад. Хусусиятҳои асосии чунин иқтисодиёт аз омилҳои зерин дар бар мегирад:

- истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, пеш аз ҳама, захираҳои замину об;
- нигоҳдори ва зиёд намудани сармояи табиӣ;
- паст намудани ифлосшавии муҳити зист;
- паст намудани партовҳои истеҳсолӣ ва карбонӣ;
- пешгирии нобудшавии хизматҳои низоми экологӣ ва гуногунии биологӣ;

Дар даҳ солаи охир, мавзуи иқтисоди сабз аз ҷониби олимону мутахассисони соҳаи иқтисодиёт дар форумҳою ҳамоишҳои сатҳи байналмилалӣ аз ҷониби сарони давлатҳо ва роҳбарони сатҳҳои гуногуни давлатдори мавриди барраси карор гирифта истодааст. Дар бораи иқтисоди сабз Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон дар Паёмашон соли 2018- ро Соли рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардуми эълон карданд, ки он яке аз самтҳои асосии рушди иқтисоди сабз дар мамлакат ба ҳисоб меравад. Ин раванд ба рушди соҳаи сайёҳӣ, пеш аз ҳама, туризми экологӣ, сохтмони иншооти табобатию

санаторӣ, базаҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои тандурустӣ имкониятҳои васеъро фароҳам овард. Пеш аз ҳама, дастгирии давлатии соҳаи сайёҳӣ, рушди инфрасохтори бозорӣ ва таблиғи ширкатҳои ватание, ки ба ҷалби сайёҳон ва истеҳсоли обҳои нӯшокӣ машғуланд, лозим аст, ки тавассути ин омилҳо имкониятҳои васеи ҷалби сармоягузориро ба иктисоди сабз ба роҳ монанд [1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси ҷаҳон аз захираҳои обӣ ва пиряххо бой буда 93 фоизи онро кӯҳ ва кухпораҳо ташкил медиҳанд. Вобаста ба ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираи бойи пиряххо низ ҷой дорад. Аз сабаби тағйирёбии иқлим ва дигар шудани сайёра ин пиряххо сол аз сол об шуда истодаанд ва моро зарур аст барои нигоҳдорӣ ва самаранок истифодаи онҳо чораҳои зарурӣ андешем. Дар раванди тезутунд шудани муносибатҳои бозорӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт истифодаи оқилона ва самараноки ин пиряххо дар рушд ва нумӯи иқтисоди сабзӣ нақши калидӣ дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун аъзои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар рафти ҳалли ин масъалаҳо бетараф набуда барои пешгирӣ ва самаранок истифодабарии пиряххо саҳми худро гузошта истодааст.

Барои рушди иқтисоди сабзӣ истифодаи технологияи замонавӣ нақши муҳим мебозад. Рушди иқтисоди сабзӣ мамлакати моро аз бӯҳрони экологӣ раҳо намуда барои пешрафти сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии мардумон нақши муҳим хоҳад гузошт. Яке аз самтҳои асосии пушбурдани «Иқтисоди сабз» ин баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ ба ҳисоб меравад [4 саҳ 54 ].

Дар маҷмуъ барои расидан ба ҳадафҳои меҳварии сиёсати умумибашарӣ оид ба рушди иқтисодиёти сабз зарур аст, ки тамоми давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ новобаста аз эҳтиёҷмандиашон оид ба захираҳои алтернативии табиӣ ташаббускорӣ ва ҳамбастагии муштаракро тақвият бахшанд, ки ин ба беҳтар шудани сифати ҳаёти инсон оварда мерасонад.

**Адабиёт**

1. Алишоев Х.Ҳ. Нақши «Иқтисоди сабз» дар иқтисодиёти Тоҷикистон конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Иқтисоди «сабз» –заминаи бунёдии рушди устовор» бахшида ба рушди «Иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 ш. Хоруғ 2024.

2. Исайнов Ҳ. Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ. /Ҳ.Р.Исайнов – Душанбе: Ирфон, 2018. - 648 с.

3. Кодиров, Ф. А. Повышение конкурентоспособности промышленных предприятий в условиях смены технологического уклада: экосистемный подход / Ф. А. Кодиров // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2024. – Т. 2, № 4(44). – С. 93-101.

4. Неъматуллои Мирзошоҳ, Алиева Зарагул Саидалиевна “Иқтисоди сабз - самти муҳими рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Паёми – ДДМИТ, 2020.

5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон аз 28 декабри соли 2024.

6. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037. Душанбе – 2022.

## МОҲИЯТ, МАЗМУН ВА ТАЪИНОТИ ҲУҶҶАТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

**Тилакмуродова Сурайё Давлатмуродовна** - ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14. Телефон: 93-563-02-53.

**Саидов Зуҳурбек** - донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-96010103, факултети "Муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ".

Талаботи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳо, муассисаҳою ташкилотҳо ин ҳуҷҷатнок кардани ҳар як амалиёт мебошад. Хар як амалиёти дохилибонкӣ бо ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ба расмият дароварда мешавад, ки ин ҳуҷҷатҳоро ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ меноманд.

**Калидвожа:** Ҳуҷҷат, баҳисобгирии муҳосибӣ, амалиёт, ташкилот, коркарди маълумот, гардиши ҳуҷҷатҳо.

## СУТЬ, СОДЕРЖАНИЕ И НАЗНАЧЕНИЕ БУХГАЛТЕРСКИХ ДОКУМЕНТОВ

**Сурайё Давлатмуродовна** – ассистент кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 93-563-02-53.

**Саидов Зухурбек** - студент 2-го курса, специальность 1-96010103, факультет ‘‘Международных экономических отношений’’ .

Основным требованием бухгалтерского учета на предприятиях, в учреждениях и организациях является документальное оформление каждой операции. Каждая внутрибанковская операция оформляется бухгалтерскими документами, которые называются первичными документами.

**Ключевые слова:** Документ, учет, операции, организация, обработка данных, документооборот.

## ESSENCE, CONTENT AND PURPOSE OF ACCOUNTING DOCUMENTS

**Tilakmurodova Surayo Davlatmurodovna** - an assistant of department is  an record-keeping of the Tajik state finances- economy university. Address: Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Phone: 93-563-02-53.

**Saidov Zuhurbek** - 2nd year student, specialty 1-96010103, faculty of ‘‘International economic relations’’

The main requirement of accounting at enterprises, institutions and organizations is the documentary registration of each operation. Each intra-bank operation is registered by accounting documents, which are called primary documents.

**Key words:** Document, accounting, operations, organization, data processing, document flow.

Баҳисобгирии муҳосибӣ таъмингари ягонаи ахбори иқтисодии бо ҳуҷҷатҳо асоснокгардида ва банизомдаровардашуда дар бораи мавҷудияти воқеӣ ва истифодабарии амволу уҳдадориҳои бонк, равандҳои хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои фаъолияти бонкҳо баҳисоб меравад. Дар шароити муосири рақобатнок бонкҳоро зарур аст, ки низоми босамари

баҳисобгирии муҳосибиро ташкил намоянд ва бояд ҳуҷҷатгузории алоҳидаи амалиётҳои хоҷагиро таъмин намоянд. Фаъолияти идоракунӣ бо ҳуҷҷатҳо алоқа дорад, зеро барои қабул намудани ҳар гунна қарор оид ба масъалаи муҳокимашаванда иттилоот зарур аст, ки ҳуҷҷат барандаи он мебошад. Ҳуҷҷат дар соҳаи идоракунӣ объекти меҳнат мебошад. Аз ин рӯ такмил додани кор бо ҳуҷҷатҳо самти муҳимтарини афзун намудани маҳсулнокии меҳнати идоравӣ мебошад.[3]

Аҳамияти бо ҳуҷҷатҳо ва иттилоот таъмин намудани идоракунӣ дар ҳамбастагӣ бо инкишофи ҷамъият, алоқаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоии он, зиёд шудани ҳаҷмҳои иттилооти ҳуҷҷатӣ пайваста меафзояд. Асоси ташкилии низоми баҳисобгирӣ дар бонки тиҷоратӣ ҳуҷҷатгузорӣ мебошад. Ҳуҷҷат амалиёти хоҷагидориро тасдиқ мекунад ва барои сабтҳо ба феҳристҳои ҳисоб асос мебошад.

Ҳуҷҷат интиқолдиҳандаи маълумоти муайян мебошад, ки тавассути он амалиёти хоҷагидорӣ ба қайди аввалия гузаронида мешаванд. Барандаҳои иттилоотӣ метавонанд шакли перфолент, перфокарт, магнитӣ, коғазӣ дошта бошанд. [5]

Ҳамаи ҳуҷҷатҳо аз реквизитҳо иборат аст. Тафсилоти ҳуҷҷат маълумотҳои зарурӣ ва маълумоте мебошанд, ки ҳуҷҷат бояд дошта бошад, то қувваи ҳуқуқӣ дошта бошад ва барои анҷом додани амалиёт асос бошад. Вобаста аз хусусияти амалиёти хоҷагидорӣ ва низоми коркарди маълумот, ворид кардани тафсилоти иловагӣ иҷозат дода мешавад.

Шахсоне, ки ҳуҷҷатро таҳия ва имзо кардаанд, барои саривақтӣ ва дурустии эҷоди он, риояи мӯҳлати интиқол барои инъикос дар баҳисобгирӣ, эътимоднокии маълумоти дар ҳуҷҷат мавҷудбуда масъуланд.

Ҳуҷҷатгузорӣ маҷмӯи ҳуҷҷатҳои расман эътирофшуда, ки дар шакли муайян тартиб дода шудаанд ва маълумоти пешбинишударо дар бар мегиранд. Ҳуҷҷатҳо метавонанд баҳисобгирӣ, техникӣ, лоиҳавӣ, конструкторӣ, молӣ ва ғайра бошанд. Гардиши ҳуҷҷатҳо ин ҳаракати ҳуҷҷатҳо аз лаҳзаи таҳия ё гирифтани онҳо аз дигар ташкилотҳо то истифодаи онҳо барои сабтҳои баҳисобгирӣ ва сипас ба бойгонӣ интиқол додани онҳо мебошад.

Дар шароити муосир барои баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ такмил додани кор бо ҳуҷҷатҳо зарур аст, зеро ҳар як қарори идоракунӣ ҳамеша ба иттилоот ва ҳуҷҷати хидматӣ асос ёфтааст.

Ҳисобдории муҳосибӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини системаи идоракунии молиявии ҳар як корхона, ташкилот ё муассиса ба ҳисоб меравад. Барои амалӣ намудани баҳисобгирии дуруст ва самаранок, истифодаи ҳуҷҷатҳои махсус зарур аст, ки онҳо ҳамчун асос барои сабти амалиётҳои молиявӣ хидмат мекунанд. Ин ҳуҷҷатҳо ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ном доранд.[4]

Ҳамин тавр, моҳияти ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ дар он аст, ки онҳо ҳамчун воситаи сабт, тасдиқ, назорат ва таҳлили фаъолияти молиявии субъект хизмат мекунанд ва бидуни онҳо муҳосибии қонунӣ ва шаффоф ғайриимкон аст.

Мазмуни ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ маҷмӯи маълумотҳоеро дар бар мегирад, ки амалиёти анҷомдодаро ба таври возеҳ ва равшан тавсиф мекунад. Ҳар як ҳуҷҷати муҳосибӣ дорои унсурҳои ҳатмии зерин мебошад:

1. Номи ҳуҷҷат – номи намуди ҳуҷҷат (масалан, “Фактура”, “Ордери хароҷотӣ” ва ғайра).

2. Санаи тартибдиҳӣ – санаи анҷоми амалиёти молиявӣ.

3. Шумораи силсилавӣ – рақами мушаххаси ҳуҷҷат.

4. Маълумот дар бораи ҷонибҳо – ном, суроға ва дигар маълумоти шахсони иштироккунанда дар муомила.

5. Мазмуни амалиёт – тавсифи кӯтоҳи амалиёти молиявӣ (масалан, фурӯши мол, пардохти маош ва ғайра).

6. Миқдор ва арзиши амалиёт – миқдори мол/хизматрасонӣ ва арзиши умумии он.

7. Имзоҳо ва муҳрҳо – имзои шахсони масъул, муҳри ташкилот (ҳангоми зарурат).

Ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ҳамчун воситаи асосии робитаи байни воқеияти иқтисодӣ ва сабти муҳосибӣ хизмат мекунанд. Онҳо имкон медиҳанд, ки тамоми маълумотҳо бо дақиқӣ ва боварӣ сабт шуда, дар оянда барои таҳлили молиявӣ, андозсупорӣ ва ҳисоботдиҳӣ истифода шаванд.

Ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ барои амалӣ гардидани чанд вазифаи муҳими молиявӣ ва маъмурӣ хидмат мекунанд. Аз ҷумла:

1. Асоси ҳуқуқӣ барои сабти амалиёт – ҳар як амалиёт бо ҳуҷҷати дахлдор асоснок карда мешавад.

2. Воситаи ташкили муҳосибӣ – бе ҳуҷҷат муҳосиб метавонад сабт ва ҳисоботи дурустро анҷом надиҳад.

3. Воситаи назорат ва санҷиш – ҳуҷҷатҳо имкон медиҳанд, ки амалиётҳо санҷида шаванд ва ҳолатҳои сарфу хароҷоти беасос пешгирӣ гарданд.

4. Манбаи таҳлили молиявӣ – барои таҳияи ҳисобот, таҳлил ва банақшагирии фаъолияти иқтисодӣ маълумотҳо аз ҳуҷҷатҳо гирифта мешаванд.

5. Далели ҳуқуқӣ – ҳангоми баррасии баҳсҳо дар додгоҳ ё бо мақомоти андоз, ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ далели асосӣ мебошанд.

6. Низоми ҳисоботдиҳӣ – ҳуҷҷатҳои аввалия манбаи асосӣ барои таҳияи ҳисоботҳои молиявӣ ва андозӣ мебошанд.

Хулоса ин, ки ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ яке аз унсурҳои калидии идоракунии молиявии ташкилот мебошанд. Онҳо на танҳо воситаи сабти маълумот, балки асоси ҳуқуқӣ ва далели амалиёти воқеӣ мебошанд. Ба воситаи ҳуҷҷатҳои дуруст тартибдодашуда, ташкилот метавонад фаъолияти молиявии худро бо қонун, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ мутобиқ намояд. Аз ин рӯ, аҳамият додан ба сифати таҳия, нигаҳдорӣ ва истифодаи ин ҳуҷҷатҳо вазифаи муҳими ҳар як муҳосиб ва роҳбари ташкилот ба шумор меравад.

**Адабиёт**

1. Қонунҳои ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 07.08.2020, №1722;

2. Калтырина А.В. Деятельность коммерческих банков/Под редакцией–М.: Феникс 2016.

3. Шариф Раҳимзода . Муомилоти пулӣ қарз ва бонк.-Китоби дарсӣ .-Душанбе «ЭР-граф» 2009

4. Банковское дело.Учебник Под ред.проф .О.И. Лаврушина.-М.Финансы и статистика. 2002

5. Султонова С., Шарифова Р., Тилакмуродова С. Ҳуҷҷатгузории муҳосибӣ. Васоити таълимӣ КВД «Матбаа», 2023

6. Кодиров, Ф. А. Формирование системы стратегического управленческого учета на предприятиях текстильной промышленности Республики Таджикистан / Ф. А. Кодиров, Ш. Садриддин // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2020. – № 4(52). – С. 66-71.

## МАВҚЕИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ВА МИЁНА ДАР ИҚТИСОД ВА ҒАЙРИСАМАРАНОКИИ ОН

**Шодиев Кӯҳзод Қурбонбоевич** – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел: 908108686 E-mail: kuhzod-8686@mail.ru

Дар мақола таҳлили муқоисавии меъёрҳои гузаронидани субъектҳои соҳибкорӣ ба соҳибкории хурд ва миёна мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Таҷрибаи хориҷӣ, камбудиҳо ва афзалиятҳои шаклҳои хурди хоҷагидорӣ баён карда шудаанд. Заминаҳои иқтисодии соҳибкории хурд ва миёна тавсиф карда шудаанд. Бесамар будани иқтисодӣ ва аҳамияти иҷтимоии соҳаи соҳибкории хурд исбот гардидааст. Пудрати ва субпудратӣ ҳамчун шакли ҳамкории соҳибкории хурду миёна ва истеҳсолоти калон дар умум аз вобастагии устувории соҳибкории хурд ва миёна аз сиёсати саноатӣ вобаста будани онҳо баён карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** соҳибкории хурду миёна, меъёрҳои корхонаҳои хурд, бесамарии иқтисодӣ, ғайрисамаранокӣ, иқтисодӣ – ичтимоӣ, истеҳсоли маҳсулот, андоз, имтиёзҳо, маблағгузорӣ, захираҳои истеҳсолӣ, сифати маҳсулот, рушди устувор, рақобатпазирӣ, таҳлили муқоисавии меъёрҳо.

## МЕСТО МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛСТВА В ЭКОНОМИКЕ И ЕГО НЕЭФФЕКТИВНОСТЬ

**Шодиев Кухзод Курбонбаевич** – кандидат экономически наук, доцент, заведующий кафедрой экономического анализа и статистики, Таджикского государственного финансово-экономического университета, Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел: 908108686. E-mail: kuhzod-8686@mail.ru

Проведен сравнительный анализ критериев отнесения субъектов предпринимательства к малого и среднего предпринимательства. Описан зарубежный опыт. Сформулированы минусы и преимущества малых и средних форм хозяйствования. Описаны экономические ниши малого и среднего предпринимательства. Проанализирован влияние налогового фона и политики преференций на обмельчали малого и среднего предпринимательства. Доказана экономическая неэффективность и социальная значимость сектора малого и среднего предпринимательства. Субконтрактность как форма кооперации малого среднего и крупного производства связывается с зависимостью устойчивости малых и средных предприятий от промышленной политики в целом.

**Ключевые слова:** малое и среднее предпринимательство, стандарты малых предприятий, экономическая неэффективность, неэффективность, экономико-социальная, производство продукции, налог, льготы, финансирование, производственные ресурсы, качество продукции, устойчивое развитие, конкурентоспособность, сравнительный анализ норм.

## THE PLACE OF SMALL AND MEDIUM ENTERPRISE IN THE ECONOMY AND ITS INEFFICIENCY

**Shodiev Kuhzod Kurbonbayevich** - Candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of economic analysis and statistics, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Tel: 908108686. E-mail: kuhzod-8686@mail.ru

A comparative analysis of the criteria for classifying business entities as small businesses has been carried out. Foreign experience is described. The disadvantages and advantages of small forms of management are formulated. The economic niches of small business are described. The influence of the tax background and the policy of preferences on the reduction of small and medium-sized businesses is analyzed. The economic inefficiency and social significance of the small business sector has been proven. Subcontracting as a form of cooperation between small business and large-scale production is associated with the dependence of the sustainability of small enterprises on industrial policy in general.

**Key words:** small and medium-sized businesses, standards of small enterprises, economic inefficiency, inefficiency, economic and social, production, tax, benefits, financing, production resources, product quality, sustainable development, competitiveness, comparative analysis of standards.

Нақши соҳибкории хурд ва миёна дар рушди иқтисодиёт баҳсбарангез баҳисоб рафта ба муносибати минтақаҳо ва миқёси дастгирии соҳибкории хурд ва миёна аз шумораи андозсупорандагони калон ва саҳми онҳо дар ташаккули манбаи андози минтақавӣ вобаста мебошад.

Муҳаққиқони амрикоӣ ҳамеша дар ақидаи он буданд, ки асоси иқтисоди Амрико-ро соҳибкории бузург ташкил медиҳад ва соҳибкории хурд ва миёнаро ҳамчун дуюмдарача ҳисоб мекарданд, вале дар солҳои охир соҳибкории хурд ва миёна (ширкатҳои венчурӣ) асосан мағзи соҳибкории Амрикоро ташкил медиҳанд. Дар Аврупо, шояд танҳо дар Британияи Кабир нисбатан ба наздикӣ (дар 50 соли охир) соҳибкории хурд ва миёна дастгирӣ ёфт, пеш аз он идеяи иқтисодиёти соҳибкории калон бартарӣ дошт.

Дар амалияи ҷаҳонӣ ягон меъёри ягонаи соҳибкории хурд ва миёна вуҷуд надорад. Баъзан дар матбуоти даврагӣ муқоисаҳои нодурусти байналхалқии нақши корхонаҳои хурд дар иқтисодиёти мамлакатҳои гуногун пайдо мешаванд. Меъёрҳои таснифи корхона ба соҳибкории хурд ва миёна кадомҳоянд? Тафовут дар меъёрҳои таснифоти соҳибкории хурд ва миёна аз тафсири гуногуни миқдории корхонаҳое вобаста аст, ки миқёси (баъзан самтҳои) фаъолияташон ба онҳо имкон намедиҳад, ки муддати тӯлонӣ бидуни дастгирии давлат, бо назардошти имкони воқеии буҷетҳои давлатӣ, яъне имтиёзноки қарздиҳӣ, ҳавасмандгардонии андоз, аз ҷумла бо суръатҳои тез кам кардани меъёрҳои пардохтҳои асосӣ, фармоишҳои давлатӣ ва ғайра, фаъолият кунанд.

Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар ташкили заминаи институтсионалӣ ва дастгирии ташкилию иқтисодии рушди фаъолияти соҳибкорӣ имкон дод, ки механизмҳои таъминоти методӣ ва меъёрии ташкили фаъолияти танзими давлатӣ ва дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ таҳия карда шаванд. Аммо то инҷониб омӯхтан ва фаъолона истифода бурдани таҷрибаи хориҷӣ дар шароити Ҷумҳурии Точикистон, махсусан дар хоҷагии қишлоқ аҳамияти калони назариявӣ, методӣ ва амалӣ дорад. Вобаста ба ин, мо зарур мешуморем, ки таҷрибаи кишварҳои пешрафта, бахусус кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва баъзе

кишварҳои ИДМ оид ба шаклу механизмҳои ташкил ва дастгирии рушди соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ омӯхта шавад.

Бояд гуфт, ки дар ИА таърифи умумии соҳибкории хурду миёна бори аввал соли 1996 аз ҷониби Комиссияи Аврупо пешниҳод шуда буд ва таърифи нав аз 1 январи соли 2005 мавриди истифода қарор гирифт. Кишварҳои узви ИА дар истифодаи консепсияи пешниҳодшуда мустақиланд, гарчанде ки истифодаи он аз ҷониби Комиссия, Бонки сармоягузории Аврупо ва Хазинаи сармоягузории Аврупо ташвиқ карда мешавад. Ҳамчун калиди муваффақияти сиёсати нави рушди соҳибкории хурду миёна "Иштироки самараноки тамоми ҷонибҳои манфиатдор дар сатҳҳои гуногун: хусусӣ, минтақавӣ, миллӣ, давлатӣ ва аврупоӣ гузошта шудааст" [1, С. 249-252].

Аз таърифи пешниҳодшуда, соҳибкории хурду миёна дар ИА ба се категория тақсим мешавад. Аз соли 2005 инҷониб категорияи нави корхонаҳои хурд бо мақсади татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ҷорӣ карда шуд, ки бояд мушкилоти мушаххасеро, ки ин корхонаҳо дучор мешаванд, ҳал кунанд.

Корхонаҳои хурд «корхонаҳое мебошанд, ки то 10 нафар корманд доранд ва гардиши мол ё бақияи умумӣ аз 2 миллион евро зиёд нест. Корхонаҳои хурд корхонаҳое мебошанд, ки то 50 нафар корманд доранд ва гардиши мол ё бақияи умумии на бештар аз 10 миллион евро мебошад. Ба корхонаҳои миёна корхонаҳое дохил мешаванд, ки шумораи кормандонашон на бештар аз 250 нафар, инчунин гардиши мол на бештар аз 50 миллион евро ё тавозуни умумии на бештар аз 43 миллион евро мебошад. Сарчашмаҳои гурӯҳбандии субъектҳои соҳибкорӣ дар ИА дар ҷадвали 1 оварда шудаанд [1].

Таърифи нав ба субъектҳо вогузор мекунад, ки меъёрҳо, ҳаҷми фурӯш ё арзиши воситаҳои асосиро интихоб кунанд, то муайян кунанд, ки оё субъект ба соҳибкории хурду миёна тааллуқ дорад, зеро масалан, корхонаҳои хизматрасонӣ, бахусус соҳаи савдо, даромади солонаи онҳо нисбат ба корхонаи истеҳсолӣ.

Дар Иттиҳоди Аврупо шахсе, ки ба соҳаи фаъолияти иқтисодӣ машғул аст, новобаста аз шакли ҳуқуқӣ, субъекти фаъолияти соҳибкорӣ эътироф карда мешавад.

Ҷадвали 1.

Категорияҳои соҳибкорӣ дар Иттиҳоди Аврупо

| № | Категория | Шумураи коргарон, одам-наф. | Гардиши солона млн. евро | Арзиши фонҳои асосӣ, млн. евро |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Хурд | <10 | <=2 | <=2 |
| 2 | Миёна | <50 | <=10 | <=10 |
| 3 | Калон | <250 | <=50 | <=43 |

Манбаъ: Annual Report on European SMEs 2013/2014 — A Partial and Fragile Recovery [Электронный ресурс]. URL: http://ec.europa.eu /enterprise/policies/sme /facts-figures-analysis /performance-review /files /supporting-documents /2014 /annual-report-smes-2014 - en.pdf (дата обращения: 14.09.2024).

Барои дақиқ муайян кардани катигорияҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар ИА дастурҳои махсуси назоратӣ ҷорӣ карда шудаанд, ки тибқи онҳо ҳангоми таҳлили шумораи кормандон ва нишондиҳандаҳои молиявӣ робитаи соҳибкории хурду миёна бо дигар корхонаҳо ё сармоягузорон ба назар гирифта мешавад. Вобаста ба ин мақоми субъект ҳамчун шарики худмухтор ва ё бо роҳи ҷамъиятии дигар алоқаманд муайян карда мешавад. Дар давлатҳои

узв, Бонки сармоягузории аврупоӣ ва Хазинаи сармоягузории аврупоӣ сиёсати махсусро оид ба пардохти андозҳо як қатор имтиёзҳо барои корхонаҳои хурду миёна ҷорӣ намудаанд,

Консепсияи таҳия ва татбиқи сиёсати махсус дар робита ба тиҷорати хурду миёна дар Иттиҳоди Аврупо ба нақши назарраси иҷтимоию иқтисодии ин субъектҳо дар рушди иқтисодии кишварҳои узв асос ёфтааст. Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо соҳибкории хурду миёна манбаи асосии шуғл, ташаббусҳои соҳибкорӣ ва фаъолсозии равандҳои инноватсиони мебошанд.

Таҳлили таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки дастгирии соҳибкории хурду миёна бо чанд роҳ сурат мегирад [2, С.19-31]. Аз ҷумла,

- тавассути рушди намояндаи умуми (масалан, сиёсатҳои корхонаҳои хурду миёна);

- гузаронидани машваратҳо бо корхонаҳои хурду миёна дар саросари Аврупо бо мақсади муайян кардани мушкилоте, ки онҳо дучор мешаванд;

- бо роҳи паҳн намудани таҷрибаи пешқадам;

- ҳалли ҳамбастагии байни узви давлатҳои Иттиҳоди Аврупо.

Бояд гуфт, ки дастгирии рушди соҳибкории хурду миёна дар Иттиҳоди Аврупо на танҳо бо тадбирҳо ва механизмҳои институтсионалӣ, балки усулҳои иқтисодӣ, бахусус маблағгузории рушдро низ истифода мебарад. Масалан, Комиссияи Аврупо як қатор барномаҳоро барои дастгирии корхонаҳои хурду миёна дар шаклҳои гуногун аз қабили хайрияҳо, қарзҳо ва дар баъзе ҳолатҳо бoваринок маблағгузорӣ мекунад. Ин шаклҳои дастгирӣ тавассути барномаҳои дар сатҳи миллӣ ё минтақавӣ идорашаванда ё тавассути Фонди сохтории ИА дастрас мебошанд.

Миқёси соҳибкории хурд ва миёна бо сиёсати макроиқтисодӣ ва сатҳи технологӣ ва дар ниҳоят интихоби байни соҳаҳои меҳнатталаб ва сармояталаб муайян карда мешавад. Ҳиссаи зиёди меҳнати дастӣ, масалан, дар Тоҷикистон дар хароҷоти умумии меҳнат шарти ҳатмии инкишофи шаклҳои хурди хоҷагидорӣ мебошад, зеро соҳибкории хурд ва миёна бо кам будани таркиби техникии сармоя хос мебошанд. Барои ҳисоб кардани чандирии ивазкунии меҳнат бо сармоя ва баръакс коэффисиенти ивазкунӣ истифода мешавад. Тамоюли умумиҷаҳонӣ кӯчонидани меҳнати дастӣ ба воситаи автоматикунонидашуда мебошад, дар ҳоле ки соҳаҳои татбиқи меҳнати дастӣ боқӣ хоҳанд монд.

Дар таҳқиқотҳои алоҳида муҳаққиқони ватанӣ исбот шудааст, ки рушди соҳибкории хурду миёна ба унсурҳои иҷтимоию фраҳангӣ [2] низ алоқаманд буда, рушди он имконият медиҳад ҳадафҳои саноатикунонӣ дар сатҳи иқтисодиёти деҳот амалӣ карда шуда [3], тавассути такмили сохтор ва низоми фаъолият рақобатпазирии соҳикорӣ баланд бардошта шавад [4].

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1) нисбат ба саҳми соҳибкории хурду миёна дар кишварҳои гуногун бо сабаби меъёрҳои комилан мухталифи рушди иқтисодиёти соҳибкории хурд ва миёна тасниф ва муқоиса кардани онҳо комилан нодуруст аст;

2) соҳибкории хурду миёнае, ки имрӯз мавҷуд аст, аз рӯи сохтори худ, ва бартарият доштани корхонаҳои савдо ба иқтисодиёт таъсири мусбат намерасонад;

3) мавҷуд набудани меъёрҳои ягонаи тасниф ба корхонаҳои хурду миёна;

4) рушди сусти механизми молиявӣ, ба рушди соҳибкории хурду миёна халал мерасонад [6. С 41-47].

Дар мамлакатҳое, ки иқтисодиёти тараққиёбанда доранд, рушди соҳибкории хурд ва миёна низ ҷиҳати амиқи сиёсӣ - ташаккули идеологияи бозор, заминаи воқеии бозор ва муҳити рақобат дорад.

**Адабиёт**

1. Annual Report on European SMEs 2013/2014 — A Partial and Fragile Recovery [Электронный ресурс]. URL: http://ec.europa.eu /enterprise/policies/sme /facts-figures-analysis /performance-review /files /supporting-documents /2014 /annual-report-smes-2014 - en.pdf (дата обращения: 14.09.2024).

2. Кодиров, Ф. А. Социально-культурные аспекты формирования предпринимательской среды в Республике Таджикистан / Ф. А. Кодиров, С. Х. Сафарова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – № 1-4-1(57). – С. 187-190.

3. Кодиров, Ф. А. Вопросы индустриализации и развития малого и среднего бизнеса в сельской местности Республики Таджикистан / Ф. А. Кодиров, К. К. Шодиев // Вестник Ошского государственного университета. – 2018. – № 3. – С. 83-87.

4. Кодиров, Ф. А. Реинжиниринг бизнес-процессов как фактор повышения конкурентоспособности предпринимательской деятельности / Ф. А. Кодиров, С. Фаррухзода, С. М. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/8. – С. 15-18.

5.Патласов О.Ю. Критерии отнесения заемщиков к субъектам малого бизнеса в коммерческих банках. // Вестник Омского регионального института (региональный научно-практический журнал), 2015. С. 19-31.

6. Патласов О.Ю., Гордусенко А.В. Субъекты малого и среднего бизнеса: критерии, структура, финансовый механизм. // Омский научный вестник, 2011. № 6 (102). С. 41-47. – Режим доступа: Субъекты малого и среднего бизнеса: критерии, структура, финансовый механизм (cyberleninka.ru)

7. Шодиев, К. К. Роль и место малого и среднего предпринимательства в современных условиях / К. К. Шодиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/10 (219). – С. 249-252.

## ТАҲЛИЛИ ОМОРИИ СОХТОРИ СОҲАВИИ ҚАРЗҲО ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**Холов Рустам Шермаҳмадович** - н.и.и., дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

**Бурҳонов Б.Ҷ.** - муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

Дар мақола доир ба мафҳуми қарз ва нақши он дар рушди ичтисоди миллӣ сухан рафта, дар асоси истифадаи маълумотҳои низоми бонкӣ ва татбиқи усулҳои гуногун нишондиҳандаҳои омории қарз ҳисоб карда шудаанд. Диққати асосӣ ба ҳисоби тамоюли миёнаи квадратӣ ва коэффитсиенти лапиш равона гардида, пешниҳоди қарз дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт бо назардошти талаботи воқеии ин соҳаҳо мавриди таҳлил қарор

гирифтааст. Ҳамчунин, тағйиёбии сохторӣ қарзҳо бо воситаи нишондиҳандаҳои тафовути сохторӣ омӯхта шуда, сохтори пешниҳоди қарз дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Инчунин дар асоси истифодаи коэффитсиенти регрессия ва чандирӣ сатҳи вобастагии ММД ва ҳаҷми қарзҳои пешниҳодшуда дар иқтисодиёт таҳлил гардида, аз натиҷаи ҳисоб хулоса пешниҳод шудааст.

**Калидвожаҳо:** қарзи бонкӣ, динамикаи қарзҳо, тамоюли миёнаи квадратӣ, коэффитсиенти лапиш, индекси Салай, коэффитсиенти регрессия ва чандирӣ.

## СТАТИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СТРУКТУРЫ КРЕДИТОВ В НАЦИОНАЛЬНОМ ЭКОНОМИКЕ

**Холов Рустам Шермахмадович** - к.э.н., и.о., доцент кафедры экономического анализа и статистики Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14.

**Бурхонов Б.Дж.** - старший преподаватель кафедры экономического анализа и статистики Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14.

В статье рассматриваются понятие кредита и его роли в развитии национальной экономики, на основе использования данных банковской системы и применения различных методов рассчитываются статистические показатели кредита.

Основное внимание сосредоточено на расчете среднеквадратического тренда и коэффициента эластичности, а также анализируется предложение кредитов в различных отраслях экономики с учетом реальных потребностей этих отраслей. Также с помощью показателей структурных различий изучается структурное изменение кредитов и анализируется структура кредитного предложения в различных отраслях национальной экономики. На основе использования коэффициентов регрессии и эластичности проанализирован уровень зависимости ВВП от объема кредитов, предлагаемых в экономике, и представлен выводы по результату расчета.

**Ключевые слова:** банковский кредит, динамика кредитования, среднеквадратический тренд, коэффициент отклонение, индекс Салаи, коэффициент регрессии и эластичность.

## ATISTICAL ANALYSIS OF THE STRUCTURE OF LOANS IN THE NATIONAL ECONOMY

**Kholov Rustam Shermahmadovich** - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the department of economic analysis and statistics of the Tajik State University of Financial Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14.

**Burkhonov B.J.** - senior lecturer of the department of economic analysis and statistics of the Tajik State University of Financial Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14.

The article examines the concept of credit and its role in the development of the national economy, based on the use of banking system data and the application of various methods, statistical indicators of credit are calculated.

The main attention is focused on the calculation of the root mean square trend and the elasticity coefficient, and the supply of loans in various sectors of the economy is analyzed, taking into account the real needs of these industries. Also, using indicators of structural differences, the structural change in loans is studied and the structure of the credit supply in various sectors of the national economy is analyzed. Based on the use of regression coefficients and elasticity, the level of dependence of GDP on the volume of loans offered in the economy is analyzed, and conclusions are presented based on the calculation result.

**Key words:** bank credit, lending dynamics, root mean square trend, coefficient of deviation, Szalai index, regression coefficient and elasticity.

Бояд қайд намуд, ки дарёфти муштариёни боэътимод ва додани қарзҳо бо фоизҳои нисбатан паст ба соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан ба бахши истеҳсолӣ аз рӯи имкониятҳои мавҷуда бо назардошти идоракунии хавфҳо муаммои рузмара мебошад. Ин масъалаи мубрам мунтазам дар мадди назари Роҳбарияти Олии кишвар қарор дошта, пайваста дар Паёмҳои солонаи Пешвои миллат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Барои мисол, дар Паёмҳои қаблӣ қайд гардидааст, ки дар панҷ соли охир шумораи қарзгирандагон аз 564 ҳазори соли 2018 то ба 2 миллиону 336 ҳазор дар соли 2022 расида, 4,1 баробар афзоиш ёфтааст, ки фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ ва соҳибкоронро нишон медиҳад. Дар ин давра ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 55 миллиард сомониро ташкил кард, ки 36 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд. Лекин ин нишондиҳандаҳо барои расидан ба ҳадафҳои стратегии мо, аз ҷумла саноатикунонии босуръат ҳоло ҳам нокифоя мебошанд.[2]

Аслан масъалаи пешниҳоди қарз ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ ва дастрасӣ ба маблағҳои қарзӣ баҳсталаб ва қобили таваҷҷӯҳ буда, дар ин самт омузиши омории тағйирёбии сохтори он муҳим ҳисобида мешавад.

Дар назар бояд дошт, ки аслан мафҳуми қарз дар қолабҳои гуногун шарҳ дода шуда, дар тасаввуроти мардум нофорам ифода меёбад ва андешаҳо нисбат ба он мухталиф, яъне мусбӣ ва манфӣ мебошанд.

Аз дигар ҷиҳат бе қарз ва пешниҳоди маблағҳои қарзӣ таъмини мунтазамии рушди макроиқтисодиро тасаввур кардан ғайри имкон аст, зеро талабот ба маблағҳои қарзӣ бо назардошти васеъ гардидани ҳаҷми воқеии истеҳсолот мунтазам рӯ ба афзоиш аст. Аз ин нуқтаи назар омузиши таркиб, сохтор ва таъиноти истифодаи маблағҳои қарзӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт муҳим дониста шуда, дар таҳлили иқтисодӣ ва омории сохтори қарзҳо методологияи муайян истифода бурда мешавад.

Функсияҳои бештар маъмули оморӣ, ки дар таҳлили динамикаи қарзҳо истифода мегарданд, ин функсияи хатти рост, экспоненсиалӣ, индексҳои мавсимӣ, моделҳои аддетивӣ ва мултипликативӣ, усули экстраполятсия ва интерполятсия, модели автокорреliатсия ва регрессия мебошанд.

Дар асоси истифадаи маълумотҳои омори бонкӣ барои таҳлили қарзҳо ва динамикаи тағйирёбии он усулҳои гуногун, яъне функсияи хатти рост, тамоюли миёнаи квадратӣ ва коэффитсиенти лапишро истифода бурда мешавад. Бо истифода аз функсияҳои
н
о
м

[2] Иқтибос аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар соли 2022.



р
г
а
р
д

**Ҷадвали 1. - Ҳисоби нишондиҳандаҳои тамоюли миёнаи квадратӣ ва коэффитсиенти лапиш**

| Солҳо | Ҳаҷми қарзҳо (Y) | t | t^2 | Y*t | Ẏ(t)=a0+a1t | (Y-Ȳt) | (Y-Ȳt)^2 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 12 543,2 | -4 | 16 | - 50 172,8 | 7 427,9 | 5 115,3 | 26166201,2 |
| 2016 | 8 000,6 | -3 | 9 | - 24 001,8 | 8 416,7 | - 416,1 | 173155,8 |
| 2017 | 7 680,0 | -2 | 4 | - 15 360,0 | 9 405,6 | - 1 725,5 | 2977485,6 |
| 2018 | 7 612,8 | -1 | 1 | - 612,8 | 10 394,4 | -781,5 | 7736987,0 |
| 2019 | 9 555,3 | 0 | 0 | | 11 383,2 | -1 827,9 | 3341388,5 |
| 2020 | 10 001,4 | 1 | 1 | 10 001,4 | 12 372,0 | -2 370,7 | 5620021,7 |
| 2021 | 13 682,3 | 2 | 4 | 27 364,5 | 13 360,9 | 321,4 | 103301,1 |
| 2022 | 14 382,1 | 3 | 9 | 43 146,3 | 14 349,7 | 32,4 | 1051,0 |
| 2023 | 18991,2 | 4 | 16 | 75964,8 | 15 338,5 | 3 652,7 | 13342167,3 |
| Σ | 102 448,8 | | 60 | 59 329,6 | 102 448,8 | | 59461759,3 |
| 2024 | | | | | 16 327,3 | | |
| 2025 | | | | | 17 316,2 | | |
| 2026 | | | | | 18 305,0 | | |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ. солҳи (2015-2024).**

Аз баробарии **ẏ(t)=$a_0$+$a_1$t,** параметрҳои **$a_0$ ва $a_1$**—ро меёбем.

$a_0=\frac{\sum Y}{n}$=11383,2; $a1 = \frac{\sum Yt}{\sum t^2} = 988{,}8$:

**$a_1$**-афзоиши миёнасолонаи қарзҳо дар давоми сол

**$a_0$**-нишондиҳандаи миёнаи ҳаҷми қарздиҳӣ буда, аз рӯйи ин функсия афзоиши маблағҳои қарзӣ то соли 2026 ба 18305,0 млн. сомонӣ пешгӯи карда мешавад.Чунин тамоюл дар ҳолате ҷой дорад, ки ба ҳисоби миёна афзоиши қарзҳо дар давоми сол 988,8 млн сомонӣ ва ҳаҷми миёна қарздиҳӣ ба 11383,2 млн сомонӣ баробар бошад.

Коэффитсиенти лапиш ва устувории сатҳи қарзҳо ба 26 % баробар аст, ки ин нишондиҳанда то андозае ноустувор набудани динамикаи тағйирёбии қарзҳои пешниҳодгардидаро дар иқтисодиёт ифода менамояд. Яъне раванди пешниҳоди қарзҳо ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт бо назардошти талаботи ин соҳаҳо мунтазам дигаргун шуда истодааст.

$$(Y)=\sqrt{\frac{\sum(y_i - Y_t)2}{n-p}} = \sqrt{\frac{59461759{,}3}{9-2}}=2914{,}54; \quad Y(t) = \frac{\delta y(t)}{ẏ}=\frac{2914{,}54}{11383{,}2}= 0{,}26 \text{ ё } 26\%:$$

Раванди тағйирёбандагии пешниҳоди қарзҳоро дар шакли нақшавӣ чунин нишон додан мумкин аст.

**Сарчашма: Дар асоси ҷадвали 1 аз тарафи муаллиф таҳия карда шудааст.**

Пешниҳоди қарз дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт бо назардошти талаботи воқеии ин соҳаҳо муҳим дониста мешавад, аз ин нуктаи назар омӯзиши оморӣ ҳолати пешниҳоди маблағҳои қарз ба ин соҳаҳо мавриди таҳқиқ қарор дода мешавал. Аз маълумотҳои омори бонкӣ бар меояд, ки дар давоми солҳои 2015-2023 ба соҳаи ҳаётан муҳим, яъне кишоварзӣ ҳаҷми пешниҳоди қарзҳо 75,6 фоиз зиёд гардидааст. Лекин, дар соҳаи саноат ва сохтмон якбора кам гардидани маблағҳои қарзӣ ба назар мерасад, ки мутаносибан аз 50,3 то 78,4 фоиз коҳиш ёфтааст ва ҳаҷми қарзҳои истеъмолӣ дар ин давра бамаротиба зиёд гардидааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, қайд кардан зарур аст, ки нақши қарз дар иқтисодиёт назаррас буда, то андозае метавонад ба рушди он таъсиргузор бошад ва заминаро барои афзоиши ҳаҷми воқеии ММД, нишондиҳандаи асосии макроиқтисодӣ муҳайё созад.

Ҳамзамон, ташкилотҳои қарзӣ метавонанд бо назардошти сиёсати идоракунии қарзҳо, афзалият ва имкониятҳои ҷойдошта пешниҳоди маблағҳои қарзиро ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт бо назардошти афзалияти ин соҳаҳо ва омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ин самт тақвият бахшанд.

**Адабиёт**


1. И.И., Елисеева Статистика - М.: Наука. 2007 – 563 саҳ.
2. М.Г., Назаров. Статистика Финансов. – Омега -Л Москва : 2007 – 407 саҳ.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар соли 2022.
4. Бюллетени омори бонкӣ. солҳои (2015-2024).
5. Холов Р.Ш., Таҳлили сохтори таъсири омилҳо ба сатҳ ва динамикаи монетизатсияи иқтисодиёт. Холов Р.Ш. / Паёми ДДТТ (маҷалаи илмӣ) №1(35) Душанбе 2021.
6. https://nbt.tj/tj/statistics/statistical_bulletin.php - сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон


## ҲАМБАСТАГӢ ВА ҲАМВОБАСТАГИИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ


**Ҳалимзода Музаффар Ҳалим**-доктори фалсафа PhD-и кафедраи таҳлили иқтисоди ва омор Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 919107078 muzaffar2694@mail.ru



Ҷаҳонишавии муносибатҳои молиявӣ манбаи муҳимми тағйирёбии сатҳу сифат ва баҳодиҳии фаъолияти низоми бонкии ҳар як кишвар мебошад, ки онро ҳамчун фишанги устуворӣ ва муҳим дар рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳисобидан зарур аст.

Дар мақолаи мазкур диққати асоси ба ҳамбастагии низоми бонкӣ ба рушди иқтисодиёти мамлакат нигаронида шудааст.



**Калидвожаҳо:** Фаъолияти бонкӣ,иқтисодиёт,ҳамбастагии низоми бонкӣ,равандҳои ҷаҳонишавии бонкӣ.


## КООРДИНАЦИЯ И ЦЕЛОСТНОСТЬ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ В КОНТЕКСТЕ ГЛОБАЛИЗАЦИИ


**Халимзода Музаффар Халим** - доктор философии PhD , кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического

университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 919107078 muzaffar2694@mail.ru

Глобализация финансовых отношений является важности изменения уровней и оценки качества банковской системы каждой страны, которая считается стабильностью и важным развитием в развитии мировой экономики.

В этой статье основное внимание банковской системы сосредоточено на развитии экономики страны.

Ключевые слова: банковская деятельность, экономика, завершение банковской системы, банковские миры.

## COORDINATION AND INTEGRITY OF THE BANKING SYSTEM IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION

**Khalimzoda Muzaffar Khalim** - Doctor of Philosophy PhD, Department of Economic Analysis and Statistics of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: 919107078 muzaffar2694@mail.ru

The globalization of financial relations is the importance of changing levels and the quality assessment of the banking system of each country, which is  stability and important development in the development of the world economy.

In this article, the main attention of the banking system is focused on the development of the country's economy.

**Key words:** banking, economics, completion of the banking system, banking worlds.

Боназардошти андешидани чораҳои зарурӣ ва фароҳам овардани шароит, таъмини ҳамоҳангии рушди низоми бонкӣ бо сатҳи рушди иқтисодиёт ҳамчун масъалаи доимӣ ва зарурӣ боқӣ мемонад. Ин тамоюл раванди рушди фаъолияти бонкҳоро ҳамчун як фишанг ва омили дорои таъсири самаранок ба ҳавасмандгардонии рушди иқтисоди миллӣ ва татбиқи сиёсати баробарии молиявӣ тавассути низоми бонкӣ инъикос мекунад. Дар робита ба раванди ҷаҳонишавӣ эҳтимолияти паҳншавии равандҳои ноустуворӣ байни низоми бонкию дигар низомҳо ва сиёсати молиявии давлат афзоиш меёбад.

Занҷираи ҳамвобастагии низоми бонкӣ ба иқтисодиёт доимӣ буда, онҳо дар сатҳи дохилӣ ва берунӣ ба ҳамдигар таъсир мерасонанд.

Ҷаҳонишавӣ раванди умумибашарии баҳамоӣ ё ҳамгироӣ ва якҷояшавии иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва динӣ мебошад. Чунин тафсир дар шароити имрӯза характери умумииқтисодӣ ва умумибашарӣ дорад. Ҷараёнҳои печида ва мураккаби равандҳои ҷаҳонишавии молиявӣ, ки асосан бо буҳронҳо алоқаманданд, асосан ду тамоюли муҳим ва хосро дар бар мегиранд, аввал, либерализатсияи молиявии бозори хизматрасониҳои электронӣ мебошад, ки қисмати бештари он ба низоми бонкӣ хос аст ва дар марҳалаи аввал омили асосии тақвияти минбаъдаи муносибатҳои байнисоҳавӣ мебошад. Ин зуҳуроти ҷаҳонишавиро метавон чун заминаҳои зарурии такмили минбаъдаи бозори молиявӣ баррасӣ намуд, ки онҳо таъсири бевоситаро ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратии аксар кишварҳои ҷаҳон бо баланд бардоштани шиддатнокии интегратсияи онҳо дар ҳамгироии иқтисодии ҷаҳонӣ ва фазои молиявӣ таъмин менамоянд. Зери либерализатсияи молиявӣ

маҷмуи чорабиниҳое фаҳмида мешаванд, ки барои паст кардани шиддатнокӣ ё бекор кардани назорат аз болои сохторҳои институтсионалӣ, воситаҳо ва амалиёти агентҳои гуногуни бахшҳои бозори молиявӣ роҳандозӣ мегарданд. Дар зери либерализатсияи бозори хизматрасонии молиявӣ бошад, маҷмуи чорабиниҳое фаҳмида мешаванд, ки баҳри паст кардани монеаҳои савдо, таъмини даромад бо хизматрасониҳои молиявӣ барои таъминкунандагони хориҷӣ ифода меёбад.

Ин равандҳо бевосита ба фаъолияти низоми бонкии мамлакат дахл дошта, пешбарандаи низоми мунтазами хизматрасониҳо дар сатҳи иқтисодиётро ба ӯҳда доранд. Яке аз сиёсатҳои ба такмили низоми хизматрасониҳои дохилӣ, аз он ҷумла ба бонкҳо мусоидаткунанда ин протексионизм мебошад. Протексионизм – сиёсати савдои давлат, ки ба маҳдудкунии воридоти молу хизматрасониҳо равона шуда, мақсади он дастгирии молистеҳсокунандагони ватанӣ, зиёд кардани ҷойҳои корӣ ва таъмини иҷрои нишондиҳандаҳои дигари иҷтимоию иқтисодӣ мебошад[1 с.9] .

Рушди босуботи низоми молиявию бонкӣ дар як қатор давлатҳои пешрафта (ҳам давлатҳои пешрафта ва кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта) боиси тақвияти инноватсияҳои фарогир аст, ки ҷараёни амалиётгузорониро сода мегардонад. Қайд кардан зарур аст, ки комёбиҳо ва як қатор нобарориҳо дар сатҳи низоми молиявию бонкӣ, ки он ба либерализатсияи шароити амалигардонии фаъолияти бонкӣ хос аст, ба баланд бардоштани рақобатпазирии низоми молиявии кишвар мусоидат намуда, мувозинати рушди ин онҳоро нигоҳ медорад.

Марҳилаи муосири рушди равандҳои ҷаҳонишавии молиявӣ дар заминаи дигаргуншавии институтсионалии низоми молиявии ҷаҳонӣ сурат мегирад:

✓ бартараф намудани маҳдудиятҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ дар роҳи ҳаракати байнидавлатӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ;

✓ таъсис, қабул ва эътирофи меъёрҳои байналмилалӣ, кодексҳо, маҷмуи қоидаҳои беҳтарини пешбурди амалиётҳои молиявӣ бо мақсади назорати хавфҳо дар низоми молиявӣ.

Дар шароити имрӯза мақсади асосии фаъолияти ҳар як ташкилоти қарзӣ гирифтани фоида мебошад ва, пеш аз ҳама, дар ҷараёни инкишофи соҳаҳо ба имконоти иқтидори захиравии бонкӣ ва бо кадом роҳ дастгирӣ намудани бахшҳои иқтисодӣ аҳаммият додан зарур аст. Дар ноилшавии ин ҳадаф фароҳам овардани шароити пардохтпазирӣ ва рақобатпазирӣ муҳим ва зарурӣ буда, дар ин муҳит мутамарказ кардани гурӯҳи бонку ташкилотҳои қарзии дохилию хориҷӣ муҳим мебошад.

Рақобати бонкӣ ин рақобати доимии бонкҳо аз ҳисоби ишғоли ҳиссаи афзалиятноки бозор баҳри мустаҳкам намудани мавқеи худ дар бозори байнибонкӣ ва дар натиҷа, рушди бахши воқеии иқтисодиёт мебошад.

Раванди дигаре, ки ҳангоми рушди бахшҳои гуногун пайдо мешавад, ин ташкили бонкҳои бузург мебошанд, ки маҳсулоти бештари пасандозӣ, пардохтӣ ва қарзиро пешниҳод намуда мавқеи худро ба таври дақиқ муаян менамоянд.

Маълум аст, ки бонкҳои низомсоз ва пуриқтидор дар ҳама ҳолат кӯшиш менамоянд, ки дар бозор ҳамаи имкониятҳои бонкҳо ё ташкилотҳои қарзии дар сатҳи хурд фаъолияткунандаро ба даст гирифта, мавқеи онҳоро маҳдуд намоянд. Низоми бонкӣ муҳимтарин унсури иқтисоди бозорӣ мебошад, ки вазифаҳои асосии он амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳои байни субъектҳои хоҷагидорӣ дар дохили кишвар ва ҷаҳони беруна,

қарздиҳӣ ба фаъолияти иқтисодӣ, ҷамъоварии пасандозҳо, табдилдиҳии онҳо ба сармоягузорӣ мебошанд.

Рушди бахши воқеии иқтисодиёт, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, бозори молиявӣ, баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ бештар ба сатҳи рушди низоми бонкӣ вобаста аст. Норасоиҳои дар фаъолияти низоми бонкӣ бавуҷудомада эҳтимолан барои тамоми иқтисодиёт оқибатҳои харобиовар доранд. Аз ин рӯ, ҳама давлатҳо барои таъмини самаранокӣ ва рушди низоми бонкии худ тадбирҳо меандешанд[5 с.8]. Ба андешаи мо, ҳиссаи низоми бонкӣ, новобаста аз гаронии меъёри фоизи хизматрасониҳои онҳо, пайваста зиёд шудани фишорҳо ба ин масъала, онҳо дастгирии субъектҳои иқтисодӣ ва аҳролиро идома дода, вазифаҳои худро бо масъулияти баланд иҷро менамоянд.

Дар ҳама давру замон иқтисодиёт ба низоми бонкӣ ҳамбастагии ногусастанӣ дошта, рушди мутақобилаи онҳо аз нишондиҳандаҳои мусбати байнияктдигарӣ вобастагии зиёд дорад ва дар аксар маврид онҳо якдигарро пурра мегардонанд. Дар дигар маврид, вобаста ба меъёрҳои баҳодиҳӣ ба рушди иқтисодиёти ин ё он давлатро, пеш аз ҳама, тавассути суботи низоми бонкии он баҳо медиҳанд, ки чунин тамоил ҳамбастагӣ ва ҳамвобастагии низоми бонкиро дар затҳи зарурӣ ба иқтисодиёт инъикос менамояд.

Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамбастагии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт хусусиятҳои занҷиравӣ дошта, он аз риояи таносуби як қатор меъёрҳои дутарафа ва бисёртарафа вобастагии зиёд дорад. Вобаста ба ин, занҷираи алоқамандии низоми бонкӣ ва иқтисодиётро дар расми 1.1. дидан мумкин аст.

**Расми 1.1.** Занҷираи ҳамбастагӣ ва ҳамвобастагии низоми бонкӣ бо иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Аз таҳлили занҷираи самтҳо ва соҳаҳои мухталифи ҳамбастагӣ ва ҳамвобастагии низоми бонкӣ ва иқтисодиёт маълум мегардад, ки ин масъала на танҳо дар давлатҳои пешрафта, балки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аҳаммияти зиёд дошта, дар ҳама шароит таъсири мутақобилаи онҳо эҳсос мегардад. Дар асоси аёниятҳои расми мазкур, ки унсурҳои асосии ҳамвобастагии муносибатҳои умумисоҳавиро ифода менамояд, қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлолӣ низоми бонкӣ унсури асосии иқтисодиёт ва муҳаррики пешбарандаи он маҳсуб ёфта, дар таркиби он ҳамчун шоҳраги асосӣ боқӣ мондааст. Ҷиҳати таъмини ҷараёнҳои ҳамгироӣ махсусияти ташаккули фондҳои пулӣ ва фароҳам овардани шароити рақобат бартарии хизматрасонӣ муҳим ва зарурӣ буда, ин масъала омили асосии рушди тарафҳои манфиатдор мебошад. Зеро дар шароити иқтисоди кушод ва ба бозори бонкӣ ворид шудани ҳар гуна бонку ташкилотҳои қарзӣ зарурати тақвияти захираҳои пулию қарзӣ ва иқтидори навоварии бонкро тақозо менамояд. Бинобар ин, дар бозори кушод ва беҳудуди бонкӣ масъалаи рақобату рақобатпазирӣ махсусан дар шароити иқтисоди бозорӣ бояд ҳадафи асосии ҳар як ташкилоти қарзӣ бошад. Танҳо чунин афзалияти инкишофёбӣ имкон медиҳад, ки оид ба самаранокии қарорҳои қабулшуда дар муқоиса бо рақибон дар бозори мавҷудаи бонкӣ тадқиқоти маркетингӣ дуруст ба роҳ монда шавад. Новобаста аз он ки низоми бонкӣ соҳаҳои мухталифи иқтисодиётро дастгирӣ менамояд, ҳиссаи он дар иқтисодиёт ҳамеша муҳим ва назаррас мебошад. Дар асоси ишораҳои дар расм овардашуда вобастагии бахши бонкӣ дар таъмини рушди иқтисодиёт ва мувозинати бефосилаи он ин агар, аз як тараф, дар қисмати таркибии он пайваст бошад, ки он бо шумораи бонкҳо ва сатҳи умумии дороиҳои он вобаста аст, аз дигар тараф, ҳамвобастагии он бо захираҳои фаъоли бонкӣ, ба монанди пешниҳоди қарзҳо, хизматрасониҳо ва меъёри фоизи пасандозҳое, ки бонкҳо ба мизоҷон медиҳанд, вобастагӣ дорад.

Бояд иброз намуд, ки вобаста ба таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таҳлилҳои амиқи нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ва ҳамвобастагии онҳо ба устувор гардонидани низоми бонкӣ дар сатҳи зарурӣ андешидани чораҳои зарурӣ мувофиқи мақсад мебошад:

- фароҳам сохтани шароити мусоиди дохилиидоравӣ дар низоми бонкӣ боназардошти тағйироти дар иқтисодиёт бавуҷудоянда;
- тақсимоти дурусти кадрӣ дар сатҳи идоракунӣ ва роҳбарикунанда бо назардошти малака, таҷриба, дониш ва қобилияти навоварӣ дар низоми бонкӣ;
- тақсимоти дурусти захираҳо ва сафарбарсозии онҳо ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва соҳаҳои нисбатан бехатар;
- додани аҳаммият ба мустаҳам намудани захираҳои пулӣ аз ҳисоби воситаҳои худӣ ва дар заминаи ин афзоиш додани амалиётҳои сердаромад;
- бо роҳи риояи меъёрҳои пардохтпазирӣ зиёд намудани боварии мизоҷон ба низоми бонкӣ;
- баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи техникаву технологияҳои муосир;
- аз низом хориҷ намудани кормандоне, ки ҳадафи ғайрикорӣ доранд;

- зиёд намудани амалиётҳои ғайринақдӣ дар сатҳи иқтисодиёт, аз он ҷумла амалиёти қарзӣ ва пардохтӣ;

- дарёфти механизмҳои самараноки ба раванди ҳамгироии низоми бонкӣ ва иқтисодиёт нигаронидашуда.

**Адабиёт**


1. Бурыкин, А.Д. Содержание и сущность опытного метода расчёта затрат [Текст] / А.Д. Бурыкин // Финансово-экономический вестник. – 2020. - №2 (22). – С. 9.
2. Махшулов С.Ҷ. Қарзҳои бонкӣ ҳамчун сарчашмаи муҳими молиявии захираҳо барои истеҳсоли маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ/ Махшулов С.Ҷ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,- Душанбе -2018-№11-С.6-11
3. Муминов А.Б. Пул, қарз, бонк / А.Б.Муминов, Т.Т.Муслихова // ш.Душанбе, соли 2014, 126 с.
4. Махшулов С.Ҷ., Ҷулиев М.Ҳ. Равандҳои идоракунии осебпазирии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.Ҷ Махшулов., М.Ҳ. Ҷулиев Паёми молия ва итисод. Маҷалаи илмӣ-амалӣ Душанбе,2021 -№4 (28)-С.147-156
5. Хайрзода, Ш.К. Место и роль банковской системы в политике достижения финансовой устойчивости национальной экономики [Текст] / Ш.К. Хайрзода // Финансово-экономический вестник. - 2020. - №2(22). – С.8.


## ТАШКИЛ ВА ТАҲЛИЛИ МУЗДИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


**Эмомов Муҳамад Давлатович** – муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел: 918875710.



Дар мақола ташкил ва таҳлили музди меҳнат дар шароити муосир дар корхонаҳои ҷумҳури мавриди омӯзиш қарор гирифта, як қатор вазифаҳои асосии ислоҳоти ташкили музди кор ба монандӣ гузоштан ва таъмини кафолати давлатӣ дар соҳаи музди шуғлмандон, пурзӯр намудани ҳимояи қонунии ҳуқуқҳои корманд дар бобатӣ сари вақт гирифтани музди меҳнат, ба таври қатъӣ баланд бардоштани андозаи амалии музди меҳнат ва баланд бардоштани потенсиалии мотиватсионии музди меҳнат барраси карда шуда, мавриди таҳлил қарор дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** меҳнат, музди кор, ислоҳот, корхона, иқтисодиёт, шуғлмандон, аҳолӣ, коргар, танзим.


## ОРГАНИЗАЦИОННОЕ ОБРАЗОВАНИЕ И АНАЛИЗ ЗАРАБОТНОЙ ПЛАТЫ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ


**Эмомов Мухамад Нолович** - старший преподаватель кафедры экономического анализа и статистики Государственного университета финансов и Таджикистана. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Натимов 64/14. Тел: 918875710.



В статье формирование заработной платы в современных условиях изучения на предприятиях репозиции работника укрепляет правовую защиту работника, укрепляя минимальную гарантию заработной платы и увеличивает минимальные гарантии заработной платы и повышение заработной платы.

**Ключевые слова:** работы, заработная плата, реформы, предприятие, население, югкимон, население, гражданское население, население, гражданское население, население, гражданское население, гражданское население, население, гражданское население, население, гражданское население, гражданское население, население, гражданские лица, население, гражданское население, население, кувшина.

## ORGANIZATIONAL EDUCATION AND ANALYSIS OF WAGES IN MODERN CONDITIONS

**Emomov Mukhamad Novovich** - senior teacher of the Department of Economic Analysis and Statistics of the State University of Finance and Tajikistan. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Natimov 64/14. Tel: 918875710.

In the article, the formation of wages in modern conditions of study at enterprises of the employee reposition strengthens the legal protection of the employee, strengthening the minimum guarantee of wages and increases the minimum guarantees of wages and raising wages.

**Key words:** work, wages, reforms, enterprise, population, Yugkimon, population, civilian population, population, civilian population, population, civilian population, civilian population, population, civilian population, population, civilian population, civilian population, population, civilians, population, civilian population, population, jug.

Дар маҷмӯи омилҳои иқтисодии тақозои қувваи корӣ яке аз ҷойҳои марказиро музди меҳнат ишғол мекунад. Аз ин ҷо вазифа ба миён меояд, ки музди меҳнат аз тарафи фурӯшандагони қувваи корӣ – коргарони кироя таҳлил шуда, арзаи онҳо ба ҷои корӣ, ҳавасмандии иҷтисодӣ ва иҷтимоӣ муайян карда шавад.

Қонуни тақозо қонуни бозорӣ буда, дар бозори мол ба таври васеъ истифода мешавад. Дар ҳамаи ин бозорҳо нарх унсури (элементи) танзимкунандаи арза ва тақозои мол ва хизматҳо мебошад. Моле, ки дар ин бозорҳо амал мекунад - қувваи кории махсус аст. Дар бозори меҳнат қонуни тақозо нисбати дигар бозорҳои мол на он қадар рост амал мекунад. Алоқамандии зич байни ҳаракати нархи мол ва тақозои он мавҷуд нест. Баландравии нархи меҳнат зарур нест, ки ба зиёдшавии тақозои он барад ва ҳамчунин пастравии нархи қувваи корӣ-ба камшавии шумораи шуғлмандон [1]. Дар ин бора набудани хоҳиши кормандон барои аз кор рафтан бо сабаби паст шудани музди кор шаҳодат медиҳад.

Дар амал музди меҳнати баланд дутарафа амал мекунад: аз як тараф, вай вобаста аз афзалияти мақсадҳои иқтисодии рафтори кормандон метавонад тақозоро ба меҳнат зиёд кунад ва аз тарафи дигар, тақозоро ба меҳнат паст кунад.

Дар ин ҳолат истифодаи ду равияи асосӣ имконият дорад [6]:

1. Кӯшиши гирифтани даромади зиёд дар асоси шиддатнок истифодабарии вақти корӣ, инчунин истифодабарии вақти холӣ- истироҳатӣ;

2. Кӯшиши гирифтани вақти холии зиёд. Ин равия асос меёбад ба гирифтани музди меҳнати баланд, ки кормандро аз ҷиҳати моддӣ хуб таъмин мекунад. Дар ин асос ба корманд хоҳиши пайдо намудани вақти холии бисёртар пайдо мешавад. Ин тавр гузоштани масъала, яъне музди меҳнати баланд асоси ҳавасмандии кам шудани тақозои меҳнат мегардад. Ин раванд номи «Самараи даромад» - ро гирифтааст.

Ҳамин тариқ аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки музди меҳнати баланд на ин ки тақозои меҳнатро ҳавасманд мегардонад, инчунин метавонад онро паст кунад. Чунин шакл гирифтани

масъала дорои аҳамияти ҷиддӣ мебошад: вай таъсири яктарафаи музди баланди меҳнатро барои амалиёти тақозои қувваи корӣ, ки бо формулаи зерин ифода меёбад: «музди меҳнати баланд - тақозои баланди қувваи корӣ», инкор мекунад.

Дар мавриди таҳлили алоқамандии байни дараҷаи музди меҳнат ва динамикаи тақозои қувваи корӣ бо назардошти он, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ афзоиши музди меҳнат дар асоси омилҳои характери объективӣ ва субъективӣ дошта маҳдуд мегардад ва ин самараи таъсири онро ба бозори меҳнат сахт паст мекунад [3].

Ба ин гурӯҳи омилҳо рақобат дохил мешавад. Пештар аз тарафи мо моҳияти рақобат ҳамчун омили васеъшавии арза ба қувваи корӣ ошкор карда шуда буд. Ба сифати чунин рақобат баромад мекунад рафтори соҳибкор, ки вайро маҷбур мекунад ҳаҷми сармояро зиёд кунад, ба такрористеҳсоли васеъ замина гузорад, то ки ба истеҳсолот шумораи зиёди қувваҳои кории навро ҷалб намуда, дар ҳамин асос дараҷаи шуғлро баланд бардорад. Ин ҳамагӣ як тарафи таъсири рақобат ба бозори меҳнат мебошад. Дар ҳақиқат мақоми рақобат характери дутарафа дорад. Аз ин ҷо рақобат на ин ки ҳамчун омили васеъшавии арза ба меҳнат, инчунин якбора ҳамчун омили кам кардани арза ба қувваи корӣ, озодкунии онҳо аз доираи истеҳсолот, яъне зиёдшавии тақозои қувваи корӣ ва дар ин асос афзоиши бекорӣ баромад мекунад.

Бояд қайд кунем, ки рақобат ҳамчун маҳдудкунандаи афзоиши музди меҳнат баромад мекунад. Гирифтани фоидаи зиёд ҳамчун мақсади асосии соҳибкорӣ буда, бо ин мақсад кам кардани хароҷотҳои истеҳсолот, сарфа намудани ҳамаи захираҳои ба истеҳсолот ҷалбшуда, мебошад. Умуман кам кардани хароҷотҳо бо мақсади баланд бардоштани фоиданокии истеҳсолот,қонуни асосии иқтисодиёти бозорӣ мебошад. Бинобар ин дар раванди фаъолият рақобати байни корхонаҳо, ширкатҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ борҳо зиёд мегардад.

Музди меҳнат ё нархи қувваи корӣ қисми асосии хароҷотҳои истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо бармеояд, ки он дар баробари аз ҳисоби дигар захираҳо кам кардани хароҷотҳои умумиистеҳсолӣ, инчунин аз ҳисоби кам кардани хароҷотҳо ба қувваи корӣ низ иҷро мегардад. Ин қонуни иқтисоди бозорӣ мебошад [5]. Дар баробари ин паст кардани хароҷотҳои истеҳсолӣ аз ҳисоби сарфаи музди меҳнат - омили асосӣ ба муқобили афзоиши фонди музди меҳнат мебошад.

Бинобар ин қайд кардани музди меҳнати баланд ҳамчун омили зиёд шудани тақозои меҳнат на ҳама вақт дуруст аст.

Махсусан дар шароити иқтисоди бозорӣ бузургии музди меҳнат набояд аз доираи ҳадди маҳсули меҳнат бо ифодаи пулӣ гузарад. Вай наметавонад аз нуқтае, ки фоида ба пастравӣ майл мекунад, баланд шавад, чунки ин ҳолат ба корхона ва ширкатҳо зарар меорад. Дар шароити бозор кам кардани хароҷотҳо, махсусан хароҷотҳои ғайриистеҳсолӣ мақсади асосии соҳибкорон ба шумор меравад [8]. Вале кам кардани хароҷотҳо монеаи асосии гирифтани афзоиши музди меҳнат ба ҳисоб рафта, ба динамикаи тақозои қувваи корӣ таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, зарурияти кам кардани хароҷотҳои истеҳсолӣ ҳамчун шарти обеъективии бо мақсади соҳибкорӣ гирифтани фоидаи бисёр дар шароити рақобати озод - ба натиҷаи дутарафа меорад. Аз як тараф, сарфа аз ҳисоби қувваи корӣ, боздоштани афзоиши музди меҳнатро ки ба маҳдудшавии афзоиши тақозои меҳнат меоварад, ифода менамояд. Аз дигар тараф, паст кардани хароҷот ба ин захира баҳри тахмини рақобатнокии маҳсулот ва гирифтани фоидаи баланд ногузир ба маҳдудшавии тақозои қувваи корӣ, аз кор озодшавии кормандон, озодкунии онҳо аз шуғл ва бинобар ин ба зиёдшавии тақозои қувваи корӣ дар бозори меҳнат оварда мерасонад.

Монанди ин дутарафагӣ натиҷаи муқобилияти обеъктивӣ аст, ки дар раванди якҷоя амал кардани қонунҳои бозор, аз он ҷумла қонуни арза ва тақозо дар бозори меҳнат пайдо мешаванд ва доимо амалӣ мегарданд. Мувофиқи қонуни тақозо, чи қадаре ки нархи қувваи корӣ, яъне музди меҳнат, баланд бошад, ҳамон қадар тақозои ин мол баланд мешавад.

Аммо ин муқобили қонуни арза мебошад [4]. Зеро мувофиқи он чӣ қадаре ки нарх ба қувваи корӣ баланд бошад, ҳамон қадар ба ин мол арза паст аст. Дар доираи масъалаи тақозои қувваи корӣ ва арза ба он, шуғл ва бекорӣ ин зиддият дар иқтисоди бозорӣ мавҷуд буд, ҳаст ва чунин боқӣ мемонад.

Азнавсозиҳои иқтисодие, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ дар мамлакат мегузаранд, ба муносибатҳои махсуси иҷтимоӣ - шугли ахолиӣ оварда истодаанд. Аз як тараф, дар сатҳи давлатӣ идора ва назорати музди кор гузаронида намешавад, чунки назорат ва ташкили он ба корхонаҳо вогузор шудааст, аз дигар тараф, танзими маҳаки бозории музди кор ҳоло пурра ба кор надаромадааст. Ин ба он оварда расонид, ки равандҳо дар соҳаи ташкили музди кор дар як дараҷаи муайян характери стихиявӣ (номуташакилона ва бенизомиро) гирифтаанд. Музди кор функсияи худашро пурра иҷро намекунад, махсусан такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандиро. Дар баробари ин ва дар дараҷаи баланд нақши танзимашро иҷро намуда танҳо нақши иҷтимоиро мебозад ва тадриҷан аз моҳияти бевоситаи муносибатҳои шугли ахолиӣ дур мешавад. Дар бисёр мавридҳо музди кор аз алоқамандӣ бо самаранокии шугли ахоли, натиҷаҳои истеҳсолӣ, рақобатнокии маҳсулоти истеҳсолшаванда дур аст. Қатъи назар аз мураккабии шугли ахолии мутахассисон ва коргарон тамоюли баробарҳақдиҳӣ ба назар мерасад. Фарқияти калон дар бузургии он ҷой дорад. музди шуглмандони аксари кормандон дар бисёр мавридҳо дараҷаи арзандаи ҳаёти онҳоро қонеъ кунонида наметавонад.

Андозаи ҳадди ақали музди кор имрӯз кафолати иҷтимоӣ шуда наметавонад. Ҳамчунин бадии кор боз дар он аст, ки он нақши ба худаш хосро-нормативи - техникиро набозида истодааст.

Дар доираи музди корбаландравии тафриқа дар дараҷаи музди шуглмандони байни соҳаҳо, минтақаҳо ва корхонаҳо дида мешавад. Таркиби музди кор нобаробар шудааст: қисми аз тариф зиёди он дар бисёр корхонаҳо якчанд маротиба аз қисми тарифии он зиёд мебошад. Ин зарурияти ҳарчи зудтар аз нав дида баромадани системаи тарифиро дар корхонаҳо дорад бо он сабаб, ки тариф вазифаи худ - баҳодиҳии базавии натиҷаҳои шугли ахолиро бояд иҷро намояд.

Музди шуглмандони паст дар кори асосӣ, сари вақт пардохт накардани он, ба муносибати кормандон ба вазифаи худ таъсири манфӣ мерасонад ва ин яке аз сабабҳои асосии шуғли дуюми онҳо мегардад. Низоми ҳамроҳи иҷтимоӣ, ки яке аз механизмҳои асосии танзими бозори шуглмандонва гузоштани нархи қувваи корӣ ба ҳисоб меравад, бисёр суст ба амал омада истодааст.

Нишондиҳандаи асосӣ барои гузоштани ҳадди ақали музди кор бояд хизмат кунад, ҳадди ақали буҷаи истеъмолӣ, на ин ки ҳадди ақали рӯзгузаронӣ, ки он дар маънои имрӯзааш таъмини афзалияти афзоиши музди кор ва даромади аҳолӣ нисбати афзоиши нархро ифода мекунад. Ташкили музди кор бояд мӯътадил инкишоф ёфта, маҷмӯи тағйиротҳоро дар маблағгузории талаботҳои иҷтимоӣ, ислоҳоти хоҷагии коммуналӣ – манзилӣ, таъминоти нафақа ва ғайра бояд ба назар гирад.

Такмилдиҳии механизми танзими музди кор ва аз нав барқароркунии вазифаҳои он ҷорӣ намудани ислоҳотро дар ин соҳа талаб мекунад.

Мақсади ислоҳот - ба ҳар як нафар аҳолии қобили шуглмандонмуҳайё намудани шароитҳое мебошад, ки ба онҳо имконият диҳад, то ки бо шугли ахолии худашон ба дараҷаи хуби зиндагӣ, таъмини иҷрои вазифаҳои такрористеҳсолӣ, ҳавасмандӣ, танзим ва иҷтимоии музди кор ноил гарданд.

Асоси ин ҳама муваффақ шудан барои кормандони кироя оид ба гирифтани музди шуглмандони арзанда, шуғл, кафолати иҷтимоӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии ислоҳоти ташкили музди кор чунинанд [3]:

–гузоштан ва таъмини кафолати давлатӣ дар соҳаи музди шуглмандон, пурзўр намудани ҳимояи қонунии ҳуқуқҳои корманд дар бобатӣ сари вақт гирифтани музди шуғлмандон;

–ба таври қатъӣ баланд бардоштани андозаи амалии музди шуғлмандон;

–ба таври даврагӣ наздик намудани ҳадди ақали музди кор ва басти тарифии разряди 1-уми сеткаи ягонаи таърифӣ (СЯТ) ба бузургии ҳадди ақали буҷаи истеъмолӣ;

–рушди механизмҳои бозории танзими музди шуғлмандон;

–ислоҳ намудани тафриқаи беасос дар пардохти музди кор дар корхонаҳои (ташкилотҳои) соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт;

–роҳ надодан ба қонунвайронкуниҳо дар байни шуғли аҳоликашон бо аломатҳои миллӣ, шаҳрвандӣ, ҷинсият, салоҳияти динӣ, аъзои иттифоқи кассаба дар бораи музди шуғлмандон, ки мувофиқи принсипи музди баробар барои шуғли аҳолии баробар (мувофиқ) муайян карда мешавад;

–баланд бардоштани потенсиалии мотиватсионии музди шуғлмандон.

Дар раванди ҳалли ин вазифаҳо бояд аз он ҷиҳат муносибат намуд, ки музди кор маънои маҷмуӣ (комплексӣ) ва ҳаматарафа дорад.

**Адабиёт**


1. Адамчук В. В., Ромашов О. В., Сорокина М. У. Экономика и социология труда: Учебник для вузов – Москва: ЮНИТИ, 2000.
2. Буланов В.С., Волгина Н.А. Рынок труда, Москва, 2003.
3. Кодиров, Ф. А. Вопросы формирования мотивации труда в государственной службе Республики Таджикистан / Ф. А. Кодиров, Ш. К. Бадалов // Экономика Таджикистана. – 2018. – № 1. – С. 123-127.
4. Исламов С. И. Сущность человеческого капитала – В сб: Переходный период: Тенденции социального и экономического развития Таджикистана, Душанбе, 2001.
5. Никифорова А. А. Рынок труда: Занятость и безработица – Москва, 1991.
6. Нурмахмадов М.Н. Рыночная экономика: Проблемы организации труда, Душанбе, Дониш, 1991.
7. Шлендер П. Э. Рынок труда, Москва, 2004.
8. Зарплата – цена рабочей силы. - В кн.-Экономика (курс лекций), книга 1, Владимир, 1996.


## ТАЪМИНОТИ ПУЛИИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МОЛИЯВӢ-ҚАРЗӢ

**Баротов Азиззулло Абдуғаниевич** – ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроғаб 734067, Ҷумҳурии тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кўчаи нахимов 64/14. Телефон: +992 988 84 04 24

**Эмомов Муҳаммадбашир Давлатович** – муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға6 734067, Ҷумҳурии тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи нахимов 64/14.

Таъмини пулии иқтисодиёт ҳамчун ҷузъи муҳими бонкдорию танзими муносибатҳои молиявии кишвар баромад намуда, фишанги асосии ташаккул ва инкишофи бахшҳои хоҷагии халқ ва барномаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад. Дар мақолаи мазкур, бо мақсади амиқ ошкор намудани ҳамалоқамандии байни нишондиҳандаҳои алоҳида ва муайян кардани дараҷаи таъсиррасонии онҳо ба сатҳ ва тавсифи ҳолати кунунии монетизатсияи иқтисодиёт модели корелиатсия ва регресияи хаттӣ истифода гаштааст. Дар воқеъ вазъи кунунии сифати таъминоти иқтисодит бо пул ҳамчун омили ҷудогона; дар рушди иқтисодиёти миллӣ аз нигоҳи илми омори иқтисодӣ баҳогузорӣ гаштааст.

**Калидвожаҳо**: монетизатсия, рушди иқтисодиёт, намояи нархҳои истеъмолӣ, модели корелиатсия ва регресияи хаттӣ, унсури пулӣ, дороиҳои молиявӣ, тавварум

## ДЕНЕЖНОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ ЭКОНОМИКИ В РЕГУЛИРОВАНИИ ФИНАНСОВО-КРЕДИТНЫХ ОТНОШЕНИЙ

**Баротов Азиззулло Абдуганиевич** – доцент кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: +992 988 84 04 24

**Эмомов Мухаммадбашир Давлатович** – старший преподаватель кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.

Денежное обеспечение экономики выступает важнейшей составляющей банковского дела и регулирования финансовых отношений страны, является основным рычагом формирования и развития отраслей народного хозяйства и социально-экономических программ. В данной статье с помощью корреляционно-линейной регрессионной модели были глубоко выявлены взаимосвязи между отдельными показателями и определена степень их влияния на уровень и характеристику текущего состояния монетизации экономики. Фактически, современное состояние качества обеспеченности экономики деньгами как отличительный фактор; Развитие национальной экономики оценено с точки зрения экономической статистики.

**Ключевые слова:** монетизация, экономическое развитие, индекс потребительских цен, корреляционная и линейная регрессионная модель, денежный элемент, финансовые активы, товар

## MONETARY SECURITY OF THE ECONOMY IN THE REGULATION OF FINANCIAL-CREDIT RELATIONS

**Barotov Azizzullo Abduganievich** – Assistant Professor of the Department of Economic Analysis and Statistics of the Tajik State University of Finance and Economics. Address6 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: +992 988 84 04 24

**Emomov Muhammadbashir Davlatovich** – Senior Lecturer of the Department of Economic Analysis and Statistics of the Tajik State University of Finance and Economics. Address6 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14.

Monetary security of the economy acts as an important component of banking and regulation of financial relations of the country, and is the main lever for the formation and development of sectors of the national economy and socio-economic programs. In this article, in order to deeply reveal the interrelationship between individual indicators and determine the degree of their influence on the level and description of the current state of monetization of the economy, a correlation and linear regression model was used. In fact, the current state of the quality of the economy's provision with money as a separate factor in the development of the national economy was assessed from the point of view of economic statistics.

**Keywords:** monetization, economic development, consumer price index, correlation and linear regression model, monetary element, financial assets, inventory

Маврид ба зикр аст,таъминоти пулии иқтисодиёт (монетизатсияи иқтисодиёт) ҷузъи таркибии муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ мебошад. Солҳои охир масъалаи мазкур дар ҷомеаи муосир мавриди баҳсу музокира қарор гирифта, барои муайяннамоии ҳолати таъминоти иқтисодиёт бо пул тарзҳои мухталиф истифода гашааст, ки ин раванд боиси зарурияти таҳқиқоти омори-иқтисодӣ вобаста ба вақтро талаб мекунад. Дар адабиётҳои иқтисодӣ ин ҳолат монетизатсияи иқтисодиёт ифода ёфтааст, ки ҳамчун таносуби нишондиҳандаи васеъи ҳаҷми пулӣ ба маҷмуи маҳсулоти дохилии номиналӣ муаян карда мешавад. Мутобиқи методикаи ҳисоб коэффисенти монетизатсия ду нишондиҳандаи калидӣ дорад, яъне ММД-и номиналӣ ва унсури пули ($M_4$).

Сохтор ва миқдори нишондиҳандаҳои ҳаҷми пул дар мамлакатҳо гуногунанд ва аз сатҳи ташкили низоми молиявӣ-қарзӣ, ҳамзамон рушди бозори пули мамлакат вобаста аст. Масалан, дар Англия панҷ унсури пулӣ, Фаронса бошад даҳ, Олмон се, дар ҷумҳурии мо бошад панҷ агрегати пулӣ истифода мегардад. Бояд қайд намоем, ки мутобиқи ақидаи иқтисодчӣ оморшиносӣ рус ЛаврушинО.И ҳаҷми (массаи) пул ҳамчун воситаи муомилот ва ҳаракати он тибқи таснифоти оморӣ дар самтҳои ҷудогона сурат мегирад.[6. саҳ.49.]

Барои андозагирии сатҳи монетизатсия унсурҳои пулӣ ҳамчун миқдори пули дар муомило тистифода мегарданд. Қобили қайд аст, ки унсурҳои зикргардида ҳамчун нишондиҳандаи ҳаҷмии умумӣ ва сохтори нишондиҳандаи ҳаҷми пул, ки аз якдигар бо дараҷаи ҷалби дороиҳои молиявӣ ва сатҳи бозоргирии онҳо ҷудогона тафовутпазиранд. Худи унсури пулӣ ҳамчун нишондиҳандаи оморӣ–ин ҳамаи дороиҳои молиявӣ, ки дар иқтисодиёти кишвар ба сифати пул истифода мегашта мебошад. Вобаста ба ин гуфтаҳо динамикаи унсурҳои пулии мамлакатро дар ҳашт соли охир дида мебароем:

**Ҷадвали 1. - Динамикаи унсурҳои пули Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2023.**

| Унсурҳои пулӣ | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $M_0$ | 4144 | 4054 | 4591 | 7588 | 10950 | 11810 | 15 332 | 18 058 |
| Суръати афзоиш | 1,21 | 0,97 | 1,13 | 1,65 | 1,44 | 1,07 | 1,29 | 1,17 |
| $M_1$ | 4789 | 4885 | 5403 | 8728 | 12258 | 13081 | 16 697 | 20 010,3 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Суръати афзоиш | 1,17 | 1,02 | 1,10 | 1,61 | 1,40 | 1,06 | 1,27 | 1,20 |
| $M_2$ | 5627 | 5726 | 6535 | 10238 | 13982 | 14748 | 18 937 | 22504,5 |
| Суръати афзоиш | 1,18 | 1,01 | 1,14 | 1,56 | 1,36 | 1,05 | 1,28 | 1,18 |
| $M_3$ | 5627 | 5726 | 6535 | 10238 | 13982 | 14748 | 18 937 | 22504,5 |
| Суръати афзоиш | 1,18 | 1,01 | 1,14 | 1,56 | 1,36 | 1,05 | 1,28 | 1,18 |
| $M_4$ | 8492 | 9092 | 10790 | 14788 | 18018 | 18721 | 22 155 | 26 139,9 |
| Суръати афзоиш | 1,19 | 1,07 | 1,18 | 1,37 | 1,21 | 1,03 | 1,18 | 1,17 |

**Сарчашмаи маълумот:**Блютени омори бонкӣ № 12. Солҳои 2016 2023 ва2024.

Зимнан қобили қабул аст, ки нишондиҳандаҳои зерин мутобиқ ба меъёрҳои назариявӣ аз он ҷумла «қоидаи пул»-и М. Фридмен бояд суръати афзоиш аз 10 % боло бошанд, ки ин меъёрро низ ба ғайр аз соли 2021 мушоҳида кардан мумкин аст. [2. саҳ.236.]

Унсури пулии $M_3$, ки таҳлили динамикаи он дар ҷадвал оварда шудааст, дар мамлакати мо унсури асосӣ барои муайян кардани сатҳи монетизатсия истифода мегардад, ки сатҳи ноустувории тағйирёбии ин унсури пулӣ мушоҳида мегардад, ки таъсири бевосита ба сатҳи иқтисод мерасонад.

Сатҳи монетизатсия инъикоскунандаи қобилияти низоми молиявӣ тағийрдиҳии сармоя барои иштирок дар раванди истеҳсолот мебошад. Сатҳи баланди монетизатсия ба фароҳамоварии шароит ва устувории рушди иқтисодиёт, инчунин баландшавии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Инчунин дар солҳои охир устувории тамоили афзоиши сатҳи таъминоти пули иқтисодиёт мушоҳида карда мешавад, хусусан дар соли 2020 коэффициенти мазкур ба 31,7% баробар гаштааст, ки дар муқоиса бо соли 2013 10,8 банди фоизӣ зиёд гардидааст. Бояд тазаккур дод, ки новобаста аз афзоиши сатҳи монетизатсия қимати ин нишондиҳанда аз нишондиҳандаи миёнавазни сатҳи байналмилалӣ (50%) пастар буда тибқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 бояд ба (33,2%) зиёд карда шавад.

Динамикаи сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт ва яккатор нишондиҳандаҳои ташаккулдиҳандаи ин равандро, ки барои асоснок намудани гуфтаҳо бо рақамҳои омори расмӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

**Ҷадвали 2. - Нишондиҳандаҳои ташакулдиҳандаи динамикаи раванди монетизатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2023** ( млн,сомонӣ)

| **Нишондиҳандаҳо** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Унсури пулии (М4) | 8492 | 9092 | 10790 | 14788 | 18018 | 18721 | 22155 | 26139,9 |
| ММД | 54471.1 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 118181,7 | 130791,5 |
| Сатҳи монетизат-сия бо % | 20,9 | 19,9 | 22,2 | 27,1 | 29,1 | 27,2 | 28,6 | 31,7 |
| **Намояи нархҳои истеъмолӣ бо %** | 3,7 | 7,4 | 5,1 | 6,1 | 6,7 | 3,8 | 0,3 | 9,4 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Суръати рушди иқтисодиёт бо %** | 7,5 | 7,4 | 6,4 | 6,9 | 7,1 | 7,3 | 7,5 | 7,3 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷ.Т. соли 2024, Тоҷикистон:30-соли истиқлолият маҷмўаи оморӣ, ва Бюллетени омори бонкӣ 2019 сол саҳ.82 ва 2023 сол саҳ.12,14,22.

Бо ақидаи мо нақши Бонки миллии Тоҷикистон дар танзими нишондиҳандаҳои ташаккулдиҳандаи динамикаи ҷараёни монетизатсия бузург арзёбӣ мегардад. Ҳамаи ин ба он оварда расонид, ки дар доираи музокираи илмӣ алоқаманд бо натиҷаи сатҳи монетизатсия, афзоиши сусти он, дар як сатҳ қарор доштани сатҳи тавварум ва суръати рушди иқтисодиёт боиси пайдоиши мубоҳиса барои ҳалли масъалаи мазкур гаштааст.

Хулоса алоқаманд бо ин гуфтаҳо ба яккатор муаммоҳо ва пешниҳодҳо ақидаҳои хешро муттамарказ менамоем, ки аз он ҷумла ба муаммоҳои методологии динамикаи баҳодиҳии сатҳи монетизатсия дар танзими муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ дохил мешавад;

1. Зарурияти интихоби нишондиҳандаи мувофиқи миқдори (унсур) пули дар муомилот буда ва танзими унсурҳо вобаста ба раванд**.**

2. Зарурияти интихоб ва мувофиқатии нишондиҳандаҳои калидии иқтисодиёт вобаста ба вакт.

3. Мувофиқ ба нишондиҳандаҳои асосии сатҳи монетизатсия, истифода аз таҳлилҳои намуда, зарурияти танзими унсурҳои пулӣ вобаста ба ҳолати бозорӣ ва бозоргирӣ дар давраи муаян.

4. Банақшагирӣ вобаста ба танзими унсурҳои пулӣ ва тавассути он метавонанд, самти рушди ояндаи сатҳи монетизатсия ва устувории иқтисодиёти миллиро дар танзими муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ муайян намоянд.

5. Таҳияи ташабуссҳои стратегӣ барои ҷалби захираҳои маҳдуд баҳри татбиқи бовари ба хизматрасонии бонкӣ.

6. Барои ноил гардидан ба ҳадаф ва истифодабарии максималии бартариятҳо дар муҳити дохилӣ ва берунӣ.

### Адабиёт


1. Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030. (Бахши молиявӣ) саҳ.
2. А.Н. Илларионов**.,** Реальный валютный курс и экономический рост. «Вопросы экономики», №2 2002 г..
3. Блютени омори бонкӣ 12 (270) 2017г. с.18
4. Блютени омори бонкӣ 7 (276) 2020г. с.15-17.
5. Блютени омори бонкӣ 12 (305) 2023г. с.14-22.
6. ЛаврушинО.И. Основы денежно кредитный политика: проблемы и решения // Банковские услуги, 2002, № 3.
7. Омори солонаи ҶТ соли 2024 саҳ. 215.
8. Тоҷикистон: 30 –соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмўаи оморӣ.
9. Тураева М.О. «Сиёсати пулию-қарзӣ» Стратегияи развития Таджикистан саҳ. 89.
10. Финансы. Денежное обрашение. Кредит: Учебник /по редакции професора Г.Б. Полияка , 2003 С.31-45.
11. Ризокулов. Т.Р Проблемы инфляции в экономике Таджикистана. - Душанбе: Ирфон, 2006.
12. Ризокулов Т.Р «О некоторых монетарных факторах макроэкономической нестабильности в условиях становления рыночной экономики» Стратегия и развития Таджикистан саҳ. 93 соли 2008.

## НАҚШИ ИҚТИСОДИЁТӢ САБЗ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**Хамидова Ниссо Мирзоалиевна** – ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ДДМИТ). Суроға: 734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, маҳаллаи Нахимов 64, хонаи 30. Телефон: 906333977.

Дар баробари ин иқтисоди сабз бояд, ки ба таъсиси ҷойҳои нави кори равона карда шавад, яъне бояд дар иқтисоди сабз шуғл афзоиш ёбад; дар соҳаи кишоварзӣ, ҷангал, энергетикӣ, нақлиёт ва дигар захираҳои барақароршаванда. Иқтисодиёти сабз аз ҷониби бисёриҳо бо сабаби хатари паст шудани даромади онҳо дар муддати кӯтоҳ қабул карда намешавад.

## РОЛЬ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

**Хамидова Ниссо Мирзоалиевна** - ассистент кафедры экономического анализа и статистики Государственного университета финансов и экономики Таджикистана (ГФЭТ). Адрес: 734067 Республика Таджикистан, ш. Душанбе, район Сино, микрорайон Нахимова 64, каб. 30. Телефон: 906333977.

При этом зеленая экономика должна быть направлена на создание новых рабочих мест, то есть в зеленой экономике должна увеличиваться занятость; в сельском хозяйстве, лесном хозяйстве, энергетике, транспорте и других возобновляемых ресурсах. Зеленая экономика многими не принимается из-за риска падения их доходов в краткосрочной перспективе.

## THE ROLE OF THE GREEN ECONOMY IN THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

**Khamidova Nisso Mirzoalievna -** assistant of the department of economic analysis and statistics of the State University of Finance and Economics of Tajikistan (SSIT). Address: 734067 Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Sino district, Nakhimov neighborhood 64, room 30. Phone: 906333977

At the same time, the green economy should be directed not to the creation of new jobs, so that employment should increase in the green economy; in agriculture, forestry, energy, transport and other renewable resources. The green economy is not accepted because of the risk of falling income and short-term perspective.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаашон ба Маҷлиси Олии мамлакат иброз доштан,ки бо дарназардошти он ки ягон мамлакат тараққиёти худро бе рушди энергетика таъмин карда наметавонад, мо расидан ба истиқлолияти энергетики ва истифодаи самарабахши неруи баркро ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегии давлат муаёян кардаем. Ҳукумати мамлакат бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ миллӣ бо истифода аз ҳамаи имкониятҳои сарчашмаҳои мавҷуда, хусусан, манбаҳои рушди энергияи сабз мунтазам чораҷӯйӣ карда истодааст.

Дар бораи дурнамои иқтисоди сабз сухан гуфта, ба масъалаҳои “ хунуккунӣ”-и идеалҳои намояндагони соҳибкорӣ ва доираҳои роҳбарикунандаи роҳбарикунандаи бисёр кишварҳои пешрафта сухан рондан ғайриимкон аст. Вазири молияи Олмон дар соли ба вазирони молияи АИ дар Брюссел аз хатари иқтисоди сабз барои бозори меҳнат нигарони намуд . Ба ақидаи ӯ, афзоиши энергияи барқароршаванда метавонад ҷойҳои кориро коҳиш диҳад. Ғайр аз ин, бояд дар хотир дошт, ки на ҳама корхонаҳо ва технологияҳои сабз воқеан аз ҷиҳати экологӣ маҳсулотҳои тозаро пешниҳод менамоянд.

Консепсияи иқтисоди сабз хеле баҳснок буда, муаммоҳои он аз ҷониби шумораи зиёди олимони кишварҳои гуногуни ҷаҳон пазируфта шудаанд. Таъкид шудааст, ки таблиғи ғояи иқтисоди сабз дар тамоми минтақаҳо дар заминаи навоварӣ имконпазир аст, ки ин лоиҳаҳоро метавон харид ва ё мустақилона ба даст овард. Имрӯз иқтисоди сабз ҳамчун заминаи рушди устувор баррасӣ карда мешавад, ки технологиҳои инноватсионии сабз воситаҳои асосии он ба ҳисоб меравaнд. Ин технологияҳо ба сарфаи энергия ва захираҳо, коҳиши партовҳои карбон, нақлиёти тоза, манбаъҳои алтернативии энергия, кишоварзии органикӣ ва рушди экологӣ асос ёфтааст. Аз ҳамин лиҳоз тамоми ҳукуматҳо ва соҳибкорон инчунин истеъмолкунандагони ҷаҳон стратегияи иқтисоди сабзро қабул кардаан.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки бояд ба соҳаи энергетикаи кишварамон диқати аввалиндараҷа дода, дар ин самт мутахассисони баланд ихтисосро омода намоем. Солҳои охир дар Тоҷикистон таҳаввулоти воқеии иттилоот дар робита ба иқтисоди сабз ба чашм мерасад. Мафҳуми иқтисоди сабз аз бисёр назрияҳо таркиб ёфтааст. Масалан, консепсияи WWF барои сайёраи зинда, ки он аз тарафи М.Вакернигел таҳия шудааст. Вазифаи асосии ин консепсия барои кам кардани истеъмоли барзиёд, исрофкоронаи захираҳо коҳиш додани партовҳо ва коҳиш додани таъсири экологӣ пешбини шудааст, ба сатҳи рушди устувор наздик шавад.

Иқтисоди сабз таърифҳои гуногунро дар бар мегирад, ки яке аз онҳо аз тарафи СММ пешниҳод гардидааст, ки чунин аст. Иқтисоди сабз иқтисодиётест, ки фоидаи дарозмуддат ва беҳбудии некуаҳволии мардум ва инчунин таъмини адолати иҷтимоиро дар бар мегирад.

Аз нуқтаи назари Б.Н.Порфирьев иқтисодиёти сазб як намуди фаъолияти иқтисодиест, ки дар заминаи навсозӣ ва афзоиш додани маҳсулнокии истеҳсол , беҳтар шудани сифати зиндагӣ ва муҳити зист ба вуҷуд меояд.

Дар бораи натиҷаҳои BRICS соли 2013 дар Африқои Ҷанубӣ В.Путин гуфта буд, “Ин рамзест, ки дар тамоми кишварҳои ҷаҳон диққати махсус на танҳо ба суръат балки ба сифати рушди иқтисодӣ дода шавад. Ин гузариш ба стандартҳои аз ҳама серталаб ва аз ҳама пешрафтаи экологӣ оварда мерасонад. Дар баробари ин қайд намуданд, ки маблағгузории лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи иқтисодиёти сабз аз ҷумла ҷори намудани технологияҳои камасрафро ба инобат гирем.”

Аз баски санадҳо ба имзо расидаанд, вале иқдомҳои воқеи қариб ба даст намеоянд, зеро дар пешбурди ғояҳои рушди устувор ва иқтисоди сабз дар кишвар ҳеҷ гуна муваффақият нест.Инчунин бояд дар назар гирифт, ки маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза дастраси ҳама истеъмолкунандагон нест(махсусан дар минтақаҳои Тоҷикистон).

Як қатор корхонаҳо метавонанд дар ҳолати зиёновар қарор гиранд – вақте ки хароҷот зиёд аст ва ба ҷои фоида талафот ба амал меоянд, ки дар натиҷа истеҳсолот қатъ карда мешавад. Як қатор ширкатҳо навовариҳои сабз ва сармоягузориҳои алоқамандро бори

гарони молиявӣ ва яке аз сабабҳои болоравии нарх мешуморанд, ки чунин хавотирӣ ва нигарониҳои рушди иқтисоди сабзро на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷаҳон бозмедоранд.

**Адабиёт**


1.Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 29 январи соли 2021.

2.Белых Л.П. Финансовый анализ в оценке инвестиции привлекательности предприятий // Бухгалтерский учет. 1999.- №10.

3."Доклад об экономике Таджикистана, лето 2021: Экономика восстанавливается, сложности остаются"

4.Комилов С.Ч., Низомова Т.Д. ва дигарон «Иктисоди корхона» (китоби дарси), - Душанбе: «Диловар- ДДМТ», 2001с.

5.А. П. Керашев. Экономика промышленного производства. - Учебник /Изд: ИНФРА М–НОРМА, 2005. – 256 с.

6.Экономика предприятия: Учебник / Под редакцией проф. С.Ф. Покропывного. - К.: Из-во "Хвиля-Прес", 2001.

7.Экономика предприятия: Учебник / Под общей редакцией проф., д.э.н. А.И. Руденко. - Минск, 2002г.


## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ПАЙДОИШИ ПУЛ ВА МОҲИЯТИ ИҚТИСОДИИ ОН


**Давлатёрова Бибигул Ҷумъаевна** - ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 040141414



Низоми пулӣ ҳамаи давлатҳои ҷаҳон маҷмуи муносибатҳои иқтисодиётро, ки бо ташаккулёбии пул ва бозори пулӣ ба роҳ мондани он (мавҷудияти ниҳодҳои дахлдор, корҳои ташкилӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ) алоқамнданд, инъикос менамояд.

Дар мақлаи мазкур ҷанбаҳои назарияви ва методологии муносибатҳои пулӣ бо хариду фурӯши молу хизматҳо, сармоягузорӣ, робитаҳои иқтисодии беруна, қарзи байналхалқӣ, амалиётҳои пулӣ, пайдоиши пул ва дигар муносибатҳои иқтисодӣ алоқамананданд, ҳамчунин мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Қайд карда мешавад, ки иқтисодиёти давлатҳои дар давраи гузариш қарордошта аз сатҳи бавуҷудоии тааккалҳои гуногун ва бартарии сиёсати пулии хориҷӣ вобастагӣ доранд.



**Калидвожаҳо:** бонк, пул, мол, иқтисодиёт, сиёсати пулӣ, таваррум, сиёсати фоизӣ, истеҳсолот, воҳиди пулӣ, пули миллӣ, ҳаҷми пул.


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПРОИСХОЖДЕНИЯ ДЕНЕГ И ИХ ЭКОНОМИЧЕСКАЯ СУЩНОСТЬ


**Давлатёровой Бибигул Джумаевна** - ассистент кафедры экономического анализа Государственного университета финансов и экономики Таджикистана. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 040141414



Денежная система всех стран мира отражает совокупность экономических отношений, связанных с образованием денег и их становлением на денежном рынке (наличие соответствующих институтов, организационная работа, правовые нормы).

В данной статье теоретико-методологические аспекты денежных отношений связаны с куплей-продажей товаров и услуг, инвестициями, внешнеэкономическими отношениями, международным долгом, денежными операциями, возникновением денег и другими экономическими отношениями.

Отмечено, что экономики стран переходного периода зависят от уровня разного экономического роста и преимущества внешней денежно-кредитной политики.

**Ключевые слова:** банк, деньги, товар, экономика, денежно-кредитная политика, инфляция, процентная политика, производство, денежная единица, национальная валюта, денежная масса.

## THEORETICAL ASPECTS OF THE ORIGIN OF MONEY AND THEIR ECONOMIC ESSENCE

**Davlatyorova Bibigul** - Assistant of the Department of Economic Analysis of the State University of Finance and Economics of Tajikistan. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: 040141414

The monetary system of all countries of the world reflects the totality of economic relations associated with the formation of money in the economic market (presence of relevant institutions, organizational work, legal norms).

In this article, the theoretical and methodological aspects of monetary relations are related to the sale and purchase of goods and services, investments, foreign economic relations, international debt, monetary transactions, the emergence of money and other economic relations.

It is noted that the economies of the countries in transition depend on the level of different economic growth and the advantages of external monetary policy.

**Key words:** bank, money, commodity, economy, monetary policy, inflation, interest rate policy, production, monetary unit, national currency, money supply.

Таърихи тамаддун аз пайдоиши одам, оила, қабилаҳо, халқиятҳо оғоз меёбад. Тараққиёти ҷамъият, маданият, истеҳсолот, гуногунии шароити зист, муносибу манфиатовар будани мавзӯҳои алоҳида барои истеҳсоли молҳои ҷудогона, пайдоишу пешрафти касби ҳунарманди зарурати тақсимоти ҷамъиятии меҳнатро ба миён овард.

Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар навбати зарурати мубодилаи маҳсули меҳнат, яъне мол талаб кард, зеро сарфи назар аз истеҳсоли як ё якчанд намуди маҳсулот аз тарафи шахси алоҳида ҳар як фард ба садҳо намуди маҳсулот эҳтиёҷ дорад ва он пурра ё қисман бояд қонеъ гардонида шавад. Ҳамин тариқ, зарурати мубодилаи мол байни шахсони алоҳида, гуруҳи одамон ва пешрафти истеҳсолот ба миён омад.

Низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи талаби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми пулии кишвар аз ҷониби Президенти он муайян карда мешавад.

Низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чузвҳои зерин иборат аст:

**-** Номи воҳиди пулӣ**.** Дар давлатҳои пешинаи тоҷикон асосан номҳои «динор», «дирам», «фулус», «рубл» (ҳангоми дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ будани кишварамон), «рубли тоҷикӣ» (солҳхои 1995-2000) истифода шудаанд. Пули миллии ҳозира - «сомонӣ» аз моҳи октябри соли 2000 дар муомилот буда, бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён ва дар асоси қарори комиссияи давлатӣ (соли 1992) номгузӣ шудааст. Мувофиқи талаботи қонун «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» сомонӣ воҳиди ягонаи пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Оиди моҳияти пул ақидаҳои гуногун мавҷуд аст. Аз ҷумла, И.Д. Мацкуляк қайд мекунад, ки пул ин «моли махсусест, ки ҳама намуди молҳо бо он иваз карда мешавад. Пул маҳсули махсус ба ҳисоб рафта, нақши эквиваленти универсалиро мебозад, ки дар навбати худ метавонад талаботҳои соҳиби худро қонеъ гардонад ». [10. с 7] Эдвин Долан пулро ҳамчун "забони бозор" тавсия намудааст, яъне фаъолияти тиҷоратӣ асосан аз намудҳои гуногуни пардохтҳои пулӣ иборат мебошад, ки ин пулҳо аз ҷониби касе баровардa ё ин ки қабул шудаанд [3. с 12 ]. Инчунин нарх низ дар муносибатҳои бозорӣ нақши назаррас дорад, чунки арзиши молҳо, хизматрасониҳо ва уҳдадориҳои молиявии оянда бо пул ифода меёбанд. Аз ин лиҳоз, моҳияти пул бояд дар асоси вазифаҳои иҷронамудааш муайян карда шавад ин: воситаи пардохти молҳо ва хизматҳо, воситаи ченкунии арзиш, инчунин воситаи нигоҳдории арзиш мебошад.

Иқтисодчии дигар Бенджамин Бернарке мегӯяд, ки моҳияти пул дар “дороиҳои иқтисодӣ асос ёфта, пардохтҳо метавонанд ҳам бо пули накд ва ҳам пулҳои ғайринақдӣ амалӣ гарданд” [2].

Олими дигари амрикоӣ Грегори Менкью оиди моҳияти пул чунин гуфтааст: “пул ин маҷмӯи дороиҳое мебошад, ки одамон барои хариди молу маҳсулот ва пардохти дигар намуди хизматҳо аз он мунтазам истифода мебаранд" [3. с 736].

Дар асоси таҳлили адабиётҳои иқтисодӣ, асарҳои олимони ватанию хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки пул – ин як воситаи муомилот буда, арзиши ҳамаи молҳо бо он муайян мегардад, яъне воситаи муҳими пешбаранда дар хариду фурӯши мол ба ҳисоб меравад. Дар ҳақиқат, пул молест, ки ҳамчун эквиваленти универсалӣ амал карда арзиши ҳамагуна молҳо бо он инъикос меёбад.

Пул яке аз ихтирооти бузургтарини инсоният ба ҳисоб меравад. Чӣ тавре, ки аз назарияхо бар меояд пул 7-8 ҳазорсол пеш, аниқтараш дар асрҳои II-III пеш аз мелод дар Вавилони қадим пайдо гардидааст [14.с 140]. Таърих аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар рафти эволютсия шакли пул аз пулҳои молӣ ба пулҳои филизӣ аз пулҳои филизӣ ба пулҳои қоғазию филизӣ аз инҳо ба пулҳои қоғазию қарзӣ шакл гирифта, то ба замони муосир омада расидааст.

- Ба пулҳои моли инҳо дохил мешаванд: ангишт, нон, пусти чорво, табар ва ғайраҳо.
- Ба пулҳои филизӣ инҳо дохил мешаванд: металҳои биринҷӣ, оҳан, мис, нуқра, тилло, платина.
- Ба пулҳои қоғазию филизӣ инхо дохил мешаванд: банкноттахо, пулҳои қоғазӣ ва тангаҳои сикказадашуда.
- Ба пулҳои қоғазию қарзӣ инҳо дохил мешаванд: чекҳо, васиқаҳо, вомбаргҳо ва ғайра.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳар як мамлакатро зарур аст, ки низоми пулии худро доро бошад.

Олими ватанӣ Раҳимзода Ш.М. дар китоби худ “Муомилоти пул ва қарз” оиди низоми пулӣ чунин қайд намудааст. “Тартиби ба конунхо асосёфтаи ташкилу танзими муомилоти пулӣ аз ҷониби давлат низоми пулӣ ном дорад” [13.с 256].

Ба ақидаи Белоусов Д.С. «Низоми пулӣ як шакли ташкилии муомилоти пулӣ мебошад, ки дар давлат таърихан рушд карда ва бо қонунҳо асосёфта, раванди доимии гардиши пулро ҳамчун воситаи муомилот ва пардохт таъмин менамояд” [1].

Низоми пулӣ – ин дастгоҳи муомилоти пулӣ дар кишвар мебошад, ки таърихан рушд ёфта ва бо қонунгузории миллӣ сабт шудааст. Он дар асрҳои 16 - 17 ҳангоми пайдоиш ва

таъсиси истеҳсолоти капиталистӣ, инчунин дар давлати мутамарказ ва бозори миллӣ ташаккул ёфтааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун «Дар бораи низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 1993 қабул гардида буд, ки он соли 1996 беэътибор дониста шуд.

Айни замон низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва дигар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Дар қонуни мазкур қайд карда шудааст, ки «Низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳиди расмии пулӣ, ташкил ва танзими муомилоти пулиро дар бар мегирад»[6.с 210].

Истифодаи низоми пулии молӣ - ба давраи аввали тараққиёти ҷамъият рост меояд. Дар он давра одамон барои қонеъ гардонидани талаботҳои худ як намуди молро ба намуди дигари мол иваз намуда, ё ин ки моли дар ихтиёрашон бударо ҳамчун пул истифода мебурданд. Масалан деҳқон миқдори муайяни гандумро бо чорво иваз мекард. Баъдан ҳангоми амали намудани муносибатҳои молиявӣ, аз байни ҳамаи молҳо молҳои муайян интихоб гардида, ҳамчун воситаи муомилот истифода бурда шуданд. Дар муомилот молҳо бо воситаи табар, пашмҳои чорво, сафол, сангҳо, нони чапотӣ, биринҷ ва дигар намудҳои гуногуни мол пардохт карда мешуданд, ҳатто дар Мисри қадим дар замони ҳукмронии Юлий Сезар ғуломон ҳамчун пул истифода мешуданд, яъне арзиши як ғулом ба се гов, шаш гӯсола, дувоздаҳ гӯсфанд рост меомад.

Чунин хулоса намудан мумкин аст, ки ҷиҳати мутобиқ гардонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба реҷаи нав - ҳадафгирии таваррум бо назардошти таъмини шаффофият ва мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ идома додани такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар баробари чорабиниҳои асосии зикргардида, инчунин нигоҳ доштани сатҳи мақбули захираҳои байналмилалӣ барои таъмини хизматрасонии уҳдадориҳои давлат ва муътадилии бозори дохилии пулӣ, таъмини ҳамоҳангӣ дар татбиқи сиёсати монетарию фискалӣ, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҷиҳати коҳиш додани ҳиссаи пули накд дар муомилот низ ба нақша гирифта шудаанд.

**Адабиёт**


1. Белоусов Д.С. Понятие денежной системы // https://be5.biz/pravo/f012/82
2. Бенджамин Бернарке. Манбаи электронӣ. https://take-profit.org/bloomberg-news/16183-kredit---
3. Грегори Менкью Макроэкономика. Пер. с англ. - М.: Изд-во МГУ, 1994.- 736с
4. Долан Э. Дж. Деньги, банковское дело и денежно-кредитная политика. – Л., 1991. – С. 12.
5. Конспект лекций Экономика.docx Upload https://studfile.net/preview/5630788/page:23/
6. Иброхимов И.Р., Ниёзов М.А. Муомилоти пул ва қарз / васоити таълимӣ Душанбе. "Ирфон". 2010. 210 саҳ.
7. Кэмпбелл Р. Макконелл, Стэнли Л. Брю. Экономикс: Принципы, проблемы и политика. – М., 1992. – С. 265.
8. Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», ш.Душанбе., №964., 13.06.2013с., 12 саҳ.

**9.** Муминов А.Б. Пул, қарз, бонк / А.Б.Муминов, Т.Т.Муслихова // ш.Душанбе, соли 2014, 126 саҳ.
**10.** Мацкуляк И.Д. О деньгах и денежных отношениях // Финансовая экономика. 2014. № 1. С. 7
**11.** Островский Л.Е. Ввнешне экономическая деятельность предприятия / Л.Е. Островский // г. Москва, 1999 г. 434 стр.
**12.** Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12.2018 [манбаи электронӣ]. URL: http: // www.president.tj.
**13.** Раҳимзода Ш. Муомилоти пул ва қарз / китоби дарсӣ (нашри дуюм). Душанбе. “ЭР-граф”. 2009. 456 саҳ.
**14.** Ҷорҷ Клейсон Самый богатый человек в Вавилоне. Стр.120
**15.** Ҷулиев М.Ҳ. Унсури асосии низомиасъори миллӣ ва марҳилаҳои инкишофи он .Паёми молия ва иқтисодӣ ДДМИТ №4 (29) 2021 ISSN 2663-0389 саҳ 260
**16.** Ҷураев Б.М. Пул, қарз ва бонк / Б.М.Ҷураев // ш. Душанбе, соли 2012, 114 саҳ.
**17.** World Bank. Is a Global Recession Imminent? September, 2022
**18.** World Economic Outlook, October 2022
**19.** www.lgpmn.org
**20.** Myfin.by — ваш гид в мире финансов! Денежно-кредитная система https://myfin.by/wiki/term/denezhnokreditnaya-sistema#:~:text=

## ХУСУСИЯТИ ҲАВАСМАНДКУНИИ КОРГАР ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Абдуллоева Ш.Ф.** – ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: abdulloeva4048shaha@mail.ru

Дар робита ба рушди босуръати ҷаҳони муосир ва дигаргуниҳои доимӣ, на танҳо дар иқтисодиёт, балки дар маҷмӯъ дар ҷомеа, ва бозори меҳнат нақши ҳавасмандкунии меҳнати кормандонро дар корхонаҳо ва ташкилотҳо бо истифодабарии роҳҳо ва усулҳои муоссири ҳавасмандкуни талаб менамояд. Раванди рушди истеҳсолот ва муносибатҳои меҳнатӣ доимо талабот ба қувваи кориро зиёд мекунад, аз ин рӯ самаранокии идоракунии кадрҳо дар шароити имрӯза бо ҷоий доштани мушкилотҳо дар ин самт муҳим ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо:** ҷаҳони муосир, иқтисодиёт, ҷомеа, бозори меҳнат, ҳавасмандкунии меҳнат, корхонаҳо, ташкилотҳо, усулҳои муосир, истеҳсолот, муносибатҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ, идоракунии кадрҳо, мушкилотҳо.

## ОСОБЕННОСТИ МОТИВАЦИИ РАБОТНИКОВ НА РЫНКЕ ТРУДА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Абдуллаева Ш.Ф.** - ассистент кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово – экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: abdulloeva4048shaha@mail.ru

В связи с быстрым развитием современного мира и постоянными изменениями, не только в экономике, но и в обществе в целом, рынок труда требует мотивацию труда работников в предприятиях и организациях с использованием современных методов и подходов. Процесс развития производства и трудовых отношений постоянно увеличивает спрос на рабочую силу, поэтому эффективность управления кадрами в современных условиях, учитывая существующие проблемы в этой сфере, считается важной.

**Ключевые слова:** современный мир, экономика, общество, рынок труда, мотивация труда, предприятия, организации, современные методы, производство, трудовые отношения, рабочая сила, управление кадрами, проблемы.

## FEATURES OF EMPLOYEE MOTIVATION IN THE LABOR MARKET UNDER MODERN CONDITIONS

**Abdullaeva Sh.F.** – Assistant at the Department of Economic Analysis and Statistics Tajik State Financial and Economic University. Address: K. Nakhimov 64/14, Dushanbe, 734067, Republic of Tajikistan. E-mail: abdulloeva4048shaha@mail.ru

Due to the rapid development of the modern world and constant changes, not only in the economy but also in society as a whole, the labor market requires employee motivation in enterprises and organizations using modern methods and approaches. The process of production development and labor relations continually increases the demand for labor, making effective personnel management in modern conditions, considering existing problems in this area, essential.

**Keywords:** modern world, economy, society, labor market, labor motivation, enterprises, organizations, modern methods, production, labor relations, workforce, personnel management, problems.

Имрузҳо дар рафти омузиши фаъолияти корхона ва нақши коргар дар он зарурияти омузиши захираҳои меҳнатӣ ба миён меояд.

Муносибатҳои ҷамъияти-меҳнатӣ барои баландбардории фаъолияти корхона дар самти идоракунии коргарон ва таъмини фаъолияти босифати онҳо ниёз ба ҳавасманкунии меҳнати коргарон дорад. Такмилу пешрафти истеҳсолот, суръатбахшии илму-техника боиси он мегардад, ки меҳнат гуногунтар ва бисерҷониба гардидаистодааст, аз ин рӯ мебояд барои нигоҳдоштани фаолияти хуби кори дар корхона ва баланд бардштани сифати маҳсулот рӯ ба ҳавасмандкунии кормандон намуд. [1, с. 76] Сифати меҳнат яке аз категорияҳои асосии таъсири – меъерии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот мебошад. [5, с. 64]

Ба ақидаи Б.А. Райзберг «Идоракунии сифати меҳнат» қисми васеъи раванди идоракунӣ аз ҷумла омӯзиши масъалаҳои сифати корҳои банақшагирӣ ва идоракунӣ, таҳияи накшаҳо ва барномаҳо, инчунин қабули қарорҳои идоракунии минбаъда ва назорати татбиқи онҳо мебошад. [1, с. 144]

Аз гуфтаҳои дар боло овардашуда бар меояд, ки нақши кормандон дар истеҳсоли маҳсулоти босифат ва рушди минбаъдаи фаъолияти корхона муҳим арзёби мегардад.

Таҳқиқотҳо оид ба масъалаи ҳавасмандии ҳосилнокии кори кормандон бо назарияҳои талабот, ҳавасмандӣ, таъмин ва устувории вобастагии диалектикии даромади корманд ба монанди: музди кори корман, мукофот, ҳавасмандӣ ва ғ., аз тахассуси ӯ ва натиҷаҳои охири кор алоқамандии зич дорад.

Бинобар ин аз нуқтаи назари методологӣ зарур аст, ки консепсия ва назарияи ҳавасмандгардони, ки ба талабот асос меёбад, таҳқиқ гардида, ҷанбаҳои беҳтаринаш бо назардошти талаботҳои имрӯзаи мамлакат истифода бурда шавад.

**Ҳавасмандӣ** - ин худ барангезии кормандон барои иҷрои ҳаракати мақсаднок мебошад. Ин раванди мураккаби барангезии кувваи дохилии корманд барои иҷрои мақсадҳои фардӣ ва дастаӣ мебошад.

**Ҳавасмандгардонии молиявӣ.** Қайд кардан ба маврид аст, ки барои бисер аз коргарон ҳавасмандкунии асосӣ пул ба ҳисоб меравад, аммо барои ҳавасмандгардонии кормандон баланд бардоштани музди меҳнат яку як бора шарт нест, чунки дигар роҳҳои ҳавасмандгардонии пуллӣ вуҷуд дорад ба монанди:

- ✓ мукофотҳои муқаррарӣ (семоҳа ва солона);
- ✓ мукофотҳои шахсӣ дар ҷамъбасти кор (вобастаги дарад аз натиҷаи кори худи корманд, барои ҳамин хуб кор намудани коргарро бо мақсади мукофотпуллӣ таъмин менамояд);
- ✓ мукофоти гурӯҳи корӣ (кормандонро барои тезтар ҷамъбастнамудани кор бо мақсади гирифтани мукофотпулӣ ҳавасманд мегардонад).

Вобаста ба ҳавасмандкунии молиявӣ боз дигар роҳҳои он вуҷуд дорад ба монанди:

- – тахфиф ба масулот ва хизматрасониҳои корхона;
- – омӯзиш аз ҳисоби корхона;
- – низомҳои шарикӣ ба монанди ҷалби муштариён ва ё номзадон ба ҷойҳои холии корӣ.
- – пардохти хароҷоти хурок, алоқаи мобилӣ, роҳ, бензин ва ғ.
- – дастгирии моддӣ (ба монанди ёрии молиявӣ дар вақти тавлиди кудак, кучидан, вазъи саломати ва ғ.)

**Ҳавасмандгардонии ғайримоддӣ.** Низоми ҳавасмандгардони дорои намудҳои гуногуни ғайримолиявӣ мебошад ба монанди:

- ➢ суғуртаи тиббӣ;
- ➢ обунашавӣ дар фитнесс-клуб ё ташкили чорабиниҳои варзишӣ дар худудӣ корхона;
- ➢ утоқҳои кори, ки аз тирезаҳояшон манзараҳои зебо метавон дид, миз ва курсиҳои қулай, техникаи нав ва ғ;
- ➢ туҳфаҳо дар идҳо;
- ➢ субҳона ва хуроки нисфирӯзии бепул.

**Ҳавасмандии маънавӣ.** Бисер аз кормандон ба дастаи ҳамкорони хуб ва муҳим будани иштироки онҳо дар ҷараёни коррӣ ҳавасманд мебошанд, аз ин рӯ ҳавасмандии маънавӣ ба намудҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- ➢ эътироф, баҳои шоиста, ситоиш барои вазифаи гузошташударо хуб анҷом додан
- ➢ ҳаққи сухан, шароити хуб ва бехатарро барои суҳбат намудани корманд бо роҳбарият таъмин намуд;
- ➢ минатдорӣ, барои пешниҳод, ташаббус ва танқид;
- ➢ ҷамъбастнамоии натиҷаҳо, мунтазам ба дастаи кормандон расонида шавад, ки натиҷаи кор ба кадом дараҷа расид ва кадом муттахасис нақши худро хуб гузошт.

Аз гуфтаҳои дар боло овардашуда фаҳмидан мумкин аст, ки намудҳои зиёд ва гуногуни ҳавасмандгардони мавҷуд аст. Аз ин рӯ намудҳои гуногуни ҳавасмандкуниро

метавон омехта намуд ва истифода бурд, чунки намудҳои зиёди ҳавасмандкунии истифода бурдан ҳамонқадар садоқати кормандро ба кор дар корхона зиёд мегардонад.

Ҳавасманд будани корманд ба кори худ ба болоравии истеҳсолот ва сифати маҳсулот оварда мерасонад. Аз ин ҷо бар меояд, ки дар рафти фаъолияти корхонаҳо усулҳои идоракунии кадрҳо хуб интихоб кардашаванд, то ки рушди босуръати корхонаро таъмин кард ва дар бозори маҳсулот ҷои худро дарёфт намуд.

**Адабиёт**


1. Адамчук В. В., Конкин Ю. П., Яковлев Р. А. Экономика труда. — М.: ЗАО «Финстатинфо».

2. Кодиров, Ф. А. Вопросы формирования мотивации труда в государственной службе Республики Таджикистан / Ф. А. Кодиров, Ш. К. Бадалов // Экономика Таджикистана. – 2018. – № 1. – С. 123-127.

3. Потемкин В. К. Качество управленческого труда. Учеб. пособие: изд. 2-е, перераб.


## АФЗАЛИЯТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ДАР РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДЁТИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН


**Давлатова Наргис Иззатовна** – ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ДДМИТ)



Иқтисодиёти рақамӣ чун маҷрои нави рушди иқтисодӣ дар асоси мубодилоти далелҳо, иттилоот дар реҷаи вақти воқеӣ пайваста бо истифодаи технологияҳои рақамӣ, мувофиқан ниҳодҳо, заминаҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва таҷрибаи соҳибкорӣ сурат гирифта, ба беҳтар шудани ҳосилнокии меҳнат, сатҳи зиндагӣ ва муҳити сармоягузорӣ мусоидат менамояд.



**Калидвожаҳо:** иқтисоди рақамӣ, иқтисоди миллӣ, рушди устувор.


## ПРЕИМУЩЕСТВА ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В УСТОЙЧИВОМ РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАНА


**Давлатова Наргис Иззатовна** – доцент кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета (ТГФЭУ)



Цифровая экономика как новый поток экономического развития, основанный на обмене фактами и информацией в режиме реального времени, формируется посредством использования цифровых технологий в соответствии с институтами, нормативно-правовой базой и деловой практикой, способствуя повышению производительности труда, уровня жизни и инвестиционного климата.



**Ключевые слова:** цифровая экономика, национальная экономика, устойчивое развитие.


## ADVANTAGES OF THE DIGITAL ECONOMY IN SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


**Davlatova Nargis Izzatovna** – Assistant Professor, Department of Economic Analysis and Statistics, Tajik State University of Finance and Economics (TSFEU)

Digital economy as a new stream of economic development based on the exchange of facts and information in real time, connected with the use of digital technologies, appropriate institutions, regulatory and legal frameworks and business practices, contributes to improving labor productivity, living standards and the investment climate.

**Keywords:** digital economy, national economy, sustainable development.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нави иқтисоди рақамӣ қарор дошта, тадбирҳои муассирро барои гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёт дар соҳаҳои гуногуни кишвар бароҳ монда, солҳои охир ба як қатор дастовардҳо ноил гаштааст, ки рақамикунонии соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла меҳнат, муҳоҷират, шуғли аҳолӣ ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ барои беҳтар намудани хизматрасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ ва соддагардонию шаффофияти фаъолияти сохторҳои давлатӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои олии рушди дарозмуддати Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар ва ҳамзамон ҳарчи зудтар ба сатҳи зиндагии кишварҳои дорои даромади миёна расонидани он чораҳои зарурӣ меандешад. Дар солҳои охир рушд бахшидани иқтисоди рақамӣ ба яке аз ҳадафҳои муҳимми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта баёнгари он аст, ки дар шароити рушди технологияи рақамӣ мо метавонем дар беҳбудбахшии соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ аз имкониятҳои он истифода намоем.

Хусусан, пайдоиши мафҳумҳои наве чун «Ҳукумати электронӣ» ва «иқтисоди рақамӣ» аз истифода шудани имкониятҳои технологияҳои муосир дар рушди соҳаҳои мухталиф дарак медиҳад. Лозим ба ёдоварист, ки дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон рушди иқтисоди рақамӣ аз бисёр ҷиҳат муҳим аст. Аз он ҷумла, истифодаи зарфиятҳои иқтисоди рақамӣ барои муқовимат бо зуҳуроти номатлуби коррупсионӣ дар кишвари мо муҳим мебошад. Соҳаи иқтисодӣ самти асосии рушди давлат аст, ҷорӣ намудани иқтисоди рақамӣ ба рушди сохтори иқтисодӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ мусоидат мекунад. Намунаи ин метавонад рушди фаъоли технология дар миқёси ҷаҳонӣ, дастрасии баландсуръати интернет, фарогирии васоити ахбори иҷтимоӣ, омӯзиши мошинсозӣ ва ғайра бошад. Дар ҷаҳони муосир технологияҳои рақамӣ қисми ҷудонашавандаи ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошанд.

Афзалияти иқтисодити рақамӣ дар он аст, ки он муносибатҳои доир ба истеҳсоли маҳсулот, коркард, нигаҳдорӣ ва интиқоли он, саривақт ва самаранок истифодабарии иттилоот ва далелҳои афзояндаро дарбар мегирад. Ҳукумати давлатҳои мухталифи олам ва албатта, дар радифи онҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам, муҳимияти масъалаи субот ва устувории рақобатпазириро дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ дарк намуда, стратегияҳои волотехнологии рушди иқтисодии кишвари худро таҳия месозанд, ки маркази ҷозибавии онҳоро индустрияи технологияҳои иттилоотӣ ташкил медиҳад.

Рақамикунонии иқтисодиёт ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки "дар шароити иқтисоди бозорӣ ва рақамикунонии фаъолияти идоракунӣ ва истеҳсолӣ мақомоти давлатӣ бояд сиёсати ягонаи иқтисодиро танҳо бо истифода аз механизмҳо, усулҳо ва усулҳои муосири танзим амалӣ намоянд. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ ҳамчун вазифаи асосии замони муосир дар назди мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 20 сол гузошта шудааст.

Дар доираи ин ташаббус рушди инфрасохтори ракамии, бехтар кардани дастраси ба хизматхои интернети, дасгирии дар сохаи технология ва таквияти барномахои таълими ва сохаи малакатхои раками пешбини карда шудааст.

Пахншавии технологияхои ракамии самти афзалиятноки рушди чомеа, иктисодиёти давлатии моро муайян мекунад. Хамзамон бо ин дар фазои иттилооти ва комуникатсиони инкилоби чахони ба назар мерасад.

Рақамикунонии босуръат бо тамоми соҳаҳои муҳими ҳаёт таъсири мусбат мерасонад. Иқтисоди рақамӣ бо истифодаи технологияи иттилоотӣ барои эҷод, ё мутобиқсозӣ,фурӯш ё истеъмоли молҳо ва хидматҳо ишора мекунад. Навгониҳои рақамӣ- бонкдории рақамӣ, тиҷорати электроӣ, таҳсилоти виртуалӣ, барномаҳои смартфон ваплатформаҳои ҳамкорӣ мебошад. Иқтисоди рақами ва иноватсия имконият медиҳад, ки монеъаҳои воридшави ба бозори молҳо ва хидматҳо барои корхонаҳои тиҷорати хурд ва миёна коҳиш дода шавад, ки дар натиҷаи шумораи бозингарони хурд дар бахшҳои анъанавии иқтисодиётт афзоиш меёбад. Иқтисодиёт дар ҳар марҳилаи рушди иҷтимоӣ ва таърихӣ ба маънои асил як фазои рақамиро ташкил медиҳад, ки мантиқӣ ва фаҳмидашаванда аст. Нишондиҳандаҳои фаъолияти ҳар як тиҷорат, инчунин истилоҳҳои иқтисодӣ бо рақамҳо ифода карда мешавад. Фоида, зиён, хароҷот, даромад, меъёрҳои андоз, заминаи андоз, андози меъёри асосӣ ва ғайраҳоро бо рақамикунони муайян карда мешавад. Аз солҳои 90-уми асри 21 як қатор кишварҳо бо истифодаи васеи истилоҳҳои рақамӣ ва навгониҳо дар соҳаи илм ва қонунгузории худ шурӯъ карданд.

Ҳамчунин Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон дар Паёми худ ҷорӣ намудани инаватсия ва таҷҳизоти рақамиро муҳим таъкид кард. Яъне аз ташаббусҳои калидӣ таъсиси Донишгоҳи иноватсия ва технологияҳои рақамӣ дар шаҳри Кӯлоб буд, ки ба рушди касбҳои баланди технологӣ ва омода кардани мутахасисон барои иқтисоди рақамӣ мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин бо ҷорӣ намудани зеҳни сунъӣ дар низоми маориф, ки самаранокӣ вамутобиқати он ба талаботи замонро бо таври назаррас афзоиш медиҳад, таъкид гардид. Ин иқдомҳо барои баланд бардоштани сифату низоми таълим ва тайёр кардани мутахассисон дар соҳаҳои гуногун имкониятҳои нав мекушоянд.

Тоҷикистони азизамон баъди соҳибистиқлол шуданаш баҳри ҳар ҷӣ бештар бо рақамикунонии соҳаи иқтисодиёт ва умуман мамлакат талош варзида, таи чанд соли охир бо талошҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон ба ин марҳила нав ворид шудаистодааст. Маҳз барои беҳтар шудани иқтисодиёти мамлакат Пешвои муаззами миллат дар паёми имсола ба Маҷлиси Олӣ солҳои 2025-2030-ро Солҳои рушди иқтисодиётӣ рақамӣ ва иноватсия эълон намуданд. Ҳамзамон дар Павёми имсола Пешвои миллат баён доштанд, ки дар низоми таълими муассисаҳо тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ ва равия омода кардани барномасозон ва дигар ихтисосҳои зарурӣ барои рушди иқтисодӣ рақамӣ ва барномасозӣ ҷорӣ карда мешавад. Дар баробари ин Пешвои миллат ба ҷавонон эътимоднокии худро иброз дошта, таъкид намуд, ки ҷавонон бояд барои рушди илму инаватсия саҳми арзишманди худро гузорад. Ягона роҳе, ки ба ҷавонон дар ин роҳ кумак менамояд аз нигоҳи Пешвои миллат, ин рӯ овардани онҳо ба илму дониш ва касбу ҳунар мебошад.

**Адабиёт**


1.Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 29 январи соли 2021.

2.Белых Л.П. Финансовый анализ в оценке инвестиции привлекательности предприятий // Бухгалтерский учет. 1999.- №10.

3."Доклад об экономике Таджикистана, лето 2021: Экономика восстанавливается, сложности остаются"

4. Кодиров, Ф. А. Конкурентоспособность промышленных предприятий в контексте перехода к цифровой экономике / Ф. А. Кодиров, Е. Ш. Мирзоева // Финансово-экономический вестник. – 2022. – № 4-2(34). – С. 218-228.

5.Комилов С.Ч., Низомова Т.Д. ва дигарон «Иктисоди корхона» (китоби дарси), - Душанбе: «Диловар- ДДМТ», 2001с.

6.А. П. Керашев. Экономика промышленного производства. - Учебник /Изд: ИНФРА М–НОРМА, 2005. – 256 с.

7.Экономика предприятия: Учебник / Под редакцией проф. С.Ф. Покропывного. - К.: Из-во "Хвиля-Прес", 2001.

8.Экономика предприятия: Учебник / Под общей редакцией проф., д.э.н. А.И. Руденко. - Минск, 2002г.

## ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ

**Одинаев Абдухолиқ Саторович** - муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон:919-33-63-63, E-mail: Odinaev-8686@mail.ru

Дар мақола асосҳои назариявии рушди бозори меҳнат мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шудааст. Бо овардани иқтибос аз баромадҳои роҳбари давлат мубрамияти таҳқиқи бозори меҳнат тасдиқ карда шудааст. Мақола фарогири нуқтаи назари намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла намояндагони равияи меркантилистӣ, физиократҳо, классикӣ, неоклассикӣ, кейнсионӣ, монетаристӣ мебошанд. Дар ҷамъбасти мақола хулосаю пешниҳодҳо аз таҳқиқоти гузаронидашуда бароварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** меҳнат, бозори меҳнат, шуғли аҳолӣ, сиёсати пулию қарзӣ, қувваи корӣ, талабот, таклифот, бекорӣ, МММ, ММД, соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, истеҳсолот, бозори меҳнати чандирӣ.

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ УСТОЙЧЕВОГО РАЗВИТИЯ ПРОДУКТИВНОЙ ЗАНЯТОСТИ В РЫНОК ТРУДА

**Одинаев Абдухолик Саторович** – старший преподаватель кафедры экономического анализа и статистики Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 919-33-63-63, E-mail: Одинаев-8686@mail.ru

В статье исследуются теоретические основы развития рынка труда. Важность исследования рынка труда подтверждается цитированием выступлений главы государства. В статье отражены взгляды представителей различных экономических школ, в том числе точки зрения представителей меркантилистского направления, физиократов, классиков,

неоклассиков, кейнсианцев, монетаристов, др. В заключении статьи сделаны выводы и предложения по проведенному исследованию.

**Ключевые слова:** труд, рынок труда, занятость, денежно-кредитная политика, рабочая сила, спрос, предложение, безработица, ВНП, ВВП, производство, гибкий рынок труда.

## THE LABOR MARKET IN ENSURING SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF PRODUCTIVE EMPLOUMENT

**Odinaev Abdukholiq Satorovich** - senior lecturer of the department of economic analysis and statistics of the Tajik State University of Financial Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14. Phone: 919-33-63-63, E-mail: Odinaev-8686@mail.ru

The article examines the theoretical foundations for the development of the labor market. The importance of labor market research is confirmed by the citation of speeches by the head of state. The article reflects the views of representatives of various economic schools, including the points of view of representatives of the mercantilist trend, physio crats, classics, neoclassics, Keynesians, monetarists others. In the conclusion of the article, conclusions and suggestions are made on the study.

**Key words:** labor, labor market, employment, monetary policy, labor force, demand, supply, unemployment, GNP, GDP, production, flexible labor market.

Бозори меҳнат нишондиҳандаи калидии самти иҷтимоӣ-иқтисодӣ тамоми кишварҳо баҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз мавзуи мазкур ҳамчун мубрамият дар тамоми кишварҳо аз он ҷумла мамлакатҳои тариқикарда мавриди баҳсҳо гардидаанд. Дар ҳолати омӯзиш ва ба роҳандозии чорабиниҳо дар асоси барномаҳои қабулгардида инчунин Стратегиҳо нишондиҳандаи дигар рушди бозори меҳнат  истифода мегардад. Худи рушди бозори меҳнат ва дар ин замина таъмин намудани шуғли аҳолӣ яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи омори иҷтимоию иқтисодии кишвар маҳсуб меёбад. Доир ба мушкилоти омори бозори меҳнат, инфрасохтори ба шуғл фарогирии аҳолӣ, инчунин рақобатпазирии захираҳои меҳнатӣ роҳбари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусан 26 январи соли 2021 таъкид намудаанд, ки «Дар сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дорад. Сатҳи касбияти коргарон низ ҳанӯз ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй набуда, ин масъала ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад». [5] Ҳошияи зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки новобаста аз таҳқиқи бозори меҳнат дар корҳои илмии доираи васеи муҳаққиқони ватанӣ, инчунин мақомоти ваколатдори танзими давлатии бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ то кунун мушкилоти ба фаъолияти босамари он таъсиррасон ба пуррагӣ ҳалли худро наёфтааст.

Новобаста аз он ки мушкилоти фаъолияти меҳнатии инсон таърихи тӯлонӣ дорад, аммо то кунун самтҳои алоҳидаи он то ҳадди зарурӣ таҳқиқ карда нашудааст ва роҳи ҳалли худро низ наёфтааст. Муносибатҳои соҳаи меҳнат дар низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъият асосӣ мебошанд, чунки:

- аввалан, меҳнат асос ва манбаи ҳаёти ҳар як одам мебошад;

-дуввум, меҳнат фаъолиятест, ки фард бо ёрии он қобилияти шахсии худро ташаккулу инкишоф медиҳад ва амалӣ мегардонад;

-саввум, таърихан тасдиқ карда шудааст, ки меҳнат афзалияти аввалиндараҷаи таҳаввулоти ҷамъиятии инсон баромад менамояд.

Фаҳмиши илмии иқтисодӣ-омории бозори меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ аз таълифоти илмии асосгузорони иқтисодии классикӣ, аз ҷумла корҳои илмии У.Петти, А.Смит, Д.Рикардо, Ж.Б.Сэй, Д.С.Милл маншаъ мегирад. Иқтисодчиёни зикршуда ба нерӯи ҳамаҷонибаи танзимкунандагони бозори меҳнат боварӣ дошта, таъмини шуғли пурраро зери таъсири онҳо имконпазир медонистанд [4, с.33]. Ба ақидаи онҳо талабот ва таклифот дар бозори меҳнат чун дигар бозорҳо мутавозин мебошанд. Аз ҷумла А.Смит то як андозае В.Петтиро ҳамчун ихтирокори барчастаи илми омор арзёби намуда буд.

Тибқи назарияи иқтисодии меркантилистон сарчашмаи асосии бойигарии давлат «тавозуни муносиби савдо», яъне зиёд будани содирот нисбат ба воридот маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин бунёд ва рушди корхонаҳои истеҳсолӣ, ки имконияти истеҳсоли молу маҳсулоти баландсифат ва дар бозорҳои дохилию берунӣ рақобатпазирро доранд, пеш меояд. Чунки субъектҳои мазкур дар баробари истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо ҷойҳои кориро таъсис медиҳанд, ки барои таъмини мувозинати талаботу таклифоти қувваи корӣ мусоидат менамоянд. Физиократҳо бошанд, чунин меҳисобанд, ки сарчашмаи ҳақиқии бойигарӣ замин ва дигар захираҳои табиӣ мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мамлакати аграрӣ мебошад, аз ин рӯ, рушди бозори меҳнат аз тариқи таъмини шуғли аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва дигар зерсоҳаҳои соҳаи аграрӣ омили сарватмандии захираҳои меҳнатӣ буда метавонад.

Дар муқобили назарияи меркантилистон ва физиократҳо дар илми иқтисодӣ баҳс оид ба зарурат ва имконияти дахолати давлатии иқтисодиёт шуруъ гардид. Дар чунин шароит иқтисодчии машҳур А.Смит дастгирии давлатии соҳибкориро асоснок шуморид ва аз нуқтаи назари иқтисодчиёни замонаш худро дар канор гирифта, ба чунин хулоса омада буд, ки бойигарии миллатҳо дар ҷараёни истеҳсолот ба вуҷуд меояд ва сарчашмаи асосии он меҳнати инсон мебошад [4, с.34]. А.Смит дар асари илмии худ «Тадқиқот оид ба табиат ва сабабҳои бойигарии халқҳо» ба доираи баҳси иқтисоддонҳои замони худ, аз ҷумла таҳқиқотҳои илмии тарафдорони мактаби меркантилистӣ ва физиократҳо ворид гардида буд.

Дигар классики машҳур Д.Рикардо дар таҳқиқоти илмии худ таҳти унвони «меъёри табиии музди меҳнат» муносибатҳои меҳнатиро зери таҳқиқ қарор додааст [2, с.421]. Меъёри табиии музди меҳнат, ки Д.Рикардо муайян намудааст, ба ҳадди ақҷали физиологӣ мувофиқат намуда, барои такрористеҳсоли муътадили коргарон зарур мебошад.

Яке аз намояндагони баъдиклассикӣ Ж.Б.Сей назарияи А.Смитро рушд дода, нақши бозорро дар қонеъ гардонидани талаботи одамон таҳқиқ намуд ва тартиботеро кор карда баромад, ки баъдтар бо номи «Қонуни Сэй» машҳур гардид. Ба ақидаи Ж.Б.Сей «истеҳсолот талаботи шахсии худро ба вуҷуд меоварад», яъне одамон истеҳсол ва фурӯши молҳоро бо мақсади харидани дигар молҳо амалӣ менамоянд. Хулоса, саҳми Ж.Б.Сэй дар назарияи бозори меҳнат дар бунёди назарияи се омили истеҳсолот: меҳнат, сармоя, замин, ки бо се сарчашмаи даромад: музди меҳнат, фоида ва рента мувофиқат менамояд, дида мешавад.

К.Маркс меҳнатро бо тартиби зерин маънидод намудааст: «.... меҳнат ҷараёне мебошад, ки байни инсон ва табиат мукаммал мегардад, яъне меҳнат ҷараёне дар назар дошта мешавад, ки инсон тавассути он фаъолияти худро бо табиат танзим ва назорат

менамояд» [3, с.188]. К.Маркс чунин меҳисобад, ки дар ҷараёни меҳнат қувваи корӣ ва ё қобилият нисбат ба меҳнат (қобилияти ҷисмонӣ ва маънавӣ), ки дар организм ва шахсияти фард ҷой дорад, истеъмол карда мешавад.

Дар охирҳои асри XIX самти неоклассикии назарияи иқтисодӣ ба вуҷуд омад. Назарияи мазкур нисбат ба назарияи классикӣ ва марксистӣ ба таври баландсуръат паҳн гардида, дар мафкураи мутафаккирони Ғарб ва ИМА тағйироти ҷиддиро ворид намуд. Таърихи илми иқтисодӣ гувоҳи он аст, ки самтҳо ва мактабҳои зерини неоклассикӣ арзи ҳастӣ намуда, мавқеи илмии худро доранд, аз ҷумла:

Чунин хулоса кардан мумкин аст, ки назарияи қарордодии шуғл ба принсипҳои устувории шуғл ва қатъӣ будани пурдохти меҳнат асос ёфта, унсури муҳими механизми фаъолияти бозори меҳнат баромад мекунад ва муносибати давомноки корфармову коргаронро таъмин минамояд.

Назарияи бозори меҳнати чандир, ки ба Р.Буае ва Г.Стэндинг хос мебошад, дар охирҳои солҳои 70-уми асри XX паҳн гардид, яъне дар ҳоле, ки дар кишварҳои рушдкардаи Ғарб дигаргуншавиҳои сохтории иқтисодиёт ба вуқуъ пайваста буданд. Назарияи бозори меҳнати чандирӣ имконият дод, то хароҷоти марбут ба азнавсозии иқтисодиёт коҳиш дода шавад, аз ҷумла бо роҳи: а) чандирӣ будани шакли кироя, аз кор озодкунӣ ва шакли шуғл; б) танзими чандирии пардохти меҳнат дар асоси истифодаи роҳҳои гуногун; в) танзими чандирии вақти корӣ ва муайянкунии меъёри ҳаракаткунандаи корҳо барои рӯзҳои кории аз меъёр берун; г) усулҳо ва шаклҳои чандири ҳифзи иҷтимоии коргарон, инчунин мутобиқшавии ҳаҷм, сохтор, сифат ва нархи қувваи корӣ бо талаботи тағйирёбанда ва пешниҳоди бозори меҳнат.

Натиҷаи таҳқиқи нуқтаи назари мутафаккирони илми иқтисод оид ба бозори меҳнат нишон дод, ки баъзе аз онҳо чунин ақида доранд, ки талабот ва таклифот дар бозори меҳнат чун дигар бозорҳо мутавозин мебошад. Қисми дигари онҳо, аз ҷумла А.Смит шуғли пурраро меъёри иқтисоди бозорӣ мепиндорад, ки бо ёрии «дасти ноаён» ба вуҷуд меояд. Ҳамчунин дар таълифоти илмии қисми дигари онҳо бозори меҳнат ҳамчун низоми гуногуннамуд ва динамикии ба қонунҳои бозорӣ тобеъбуда ва низоми ғайрифаъол маънидод шудааст.

Рушди фаъолияти тиҷоратӣ (аз ҷумла тиҷорати хӯрд), фаъолияти мустақили касбӣ, аз ҷумла рушди ҳунарҳои мардумӣ барои ташаккули инфрасохтори бозори меҳнат, таъмини шуғли ҳиссаи назарраси захираҳои меҳнатӣ ва ҳалли мушкилоти барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ мусоидаткунанда мебошанд [7, с.125]. Бо назардошти ин гуфтаҳо рушди фаъолиятҳои болозикрро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манотиқи он муҳим мешуморем. Чунки онҳо барои таъмини мувозинати талаботу таклифоти бозори меҳнат аз тариқи таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат менамоянд.

Ҳамин тавр, консепсияи бозори меҳнати чандир ташаккули шаклҳои гуногуни муносибатҳои мутақобилаи корфармоён ва коргарон, инчунин рушди устувори бозори меҳнатро дар назар дорад.

Дар натиҷаи таҳқиқи нуқтаи назари намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои таъмини фаъолияти бозори меҳнати рушдкарда андешидани чораҳои зеринро муҳим мешуморем.

1.Бунёди шароити интихоби озоди шуғл (интихоби озоди касбҳо, ва намудҳои фаъолият), яъне озодии пешниҳоди қувваи корӣ.

2.Таъмини озодии талабот ба қувваи корӣ. Бо мақсади риояи ҳатмии меъёрҳои қонунгузории меҳнат ва ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон аз мавқеи кафолати шуғл, шароити мусоиди меҳнатӣ ва пардохти меҳнат ба роҳ мондани кироя ва азкорхориҷкунии озоди коргарон аз ҷониби ҳама корфармоён новобаста аз шакли моликият.

3.Нархи озоди қувваи корӣ, яъне тағйироти пардохти меҳнат ва дигар сарчашмаҳои қонунии даромадҳо бо риоя гардидани қонунҳои амалкунанда ба роҳ монда шавад. Танзими ҳадди баланди даромадҳо бошад бо ёрии низоми андозӣ (андозбандии прогрессивӣ) амалӣ карда шавад.

4.Зарурати рушди рақобат дар бозори меҳнат, яъне мавҷуд будани рақобати комил байни касбҳои бонуфуз ва бенуфуз, байни қувваи кории баландихтисос ва пастихтисос, байни корфармоён ва коргарон ва ғ. Дар самти баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии қувваи корӣ роҳбари давлат низ дар яке аз паёмҳои худ ишора карда буданд: «........... сифати таҳсилот ва касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар беҳтар карда, ихтисосу ҳунарҳое, ки барои бозори меҳнат заруранд, таъсис дода шуда, ҷиҳати бо шуғл таъмин намудани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва занону бонувон тадбирҳои қатъӣ андешида шаванд» [6].

5.Ҳавасмандгардонии корфармоён, аз ҷумла фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва дигар корфармоёне, ки дар таъмини шуғли ҳиссаи назарраси кувваи корӣ саҳм доранд, аз тариқи пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, додани қарзҳо бо меъёри имтиёзноки фоиз ва ғ.

Бояд қайд намуд, ки ба инобат гирифтани пешниҳодҳои болозикр барои пешрафти ҷабҳаҳои илмӣ-техникӣ ва рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз ҳисоби фаъолияти босамари бозори меҳнати рушдкарда мусоидат менамояд.

**Адабиёт**

1.Добрынина А.И., Тарасевич Л.С.. Экономическая теория / под ред. А.И. Добрынина, Л.С. Тарасевич, 3-е изд. – СПб: «Питер», 2001.-544 с.

2.Кураков Л.П. Экономическая теория: Учебное пособие.- 5-е изд.доп.и перераб. – М.: ВУЗ и школа, 2002.- 448 с.

3.Маркс К. Капитал. Кн.1, т.1.М., 1978.-797 с.

4.Одегов Ю.Г., Руденко Г.Г., Лунева Н.К. Рынок труда (практическая макроэкономика труда): Учебник. М.: Альфа – Пресс, 2007.- 443 с.

5.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.–[Манбаи электронӣ].–26.01.2021.– Ҳолати дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 26.11.2022 с.).

6.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.–[Манбаи электронӣ].–21.12.2021.– Ҳолати дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 26.11.2022 с.).

7.Саидов Р.Н. Оценка жизнеспособности источники формирования доходов населения в Республике Таджикистан / Р.Н. Саидов // Финансово-экономический вестник (научно-практический журнал), Таджикского государственного финансово-экономического университета.– Душанбе, 2020.– № 4 (24). – С.122-129.

8.Шакиров Н.Ш. Вводный курс экономической теории (часть 1): Учебник для вузов экономических специальностей. – Академия управления « ТИСБИ», Набережные Челны, 2004.-254 с.

9.Шакиров Н.Ш. Проблемы регулирования рынка труда и занятости населения. Монография. – Казанский государственный университет культуры и искусств. – Казань, 2006.-236 с.

## РУШДИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Саидов Раҷабали Назифович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи ДДМИТ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. Нахимов 64/14, Тел. 787-03-87-87, E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

Дар мақола асосҳои методологии назорати давлатии молиявӣ дар асоси таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ зери таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки такмили методологияи назорати давлатии молиявӣ то андозае аз ягонакунии он байни мақомоти ваколатдор ва навкунии дигар унсурҳои методологӣ вобаста мебошад. Дар мақола ба сифати мушкилоти асосии методологии назорати давлатии молиявӣ бенизомии фаъолияти мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва номуайянии ҳуқуқии онҳо, инчунин, набудани консепсияи умумиқабулкардашудаи соҳа қайд шудааст.

**Калидвожаҳо:** назорати давлатии молиявӣ, захираҳои молиявӣ, ҳисоботи молиявӣ, идоракунии молия, таҳлил, баҳодиҳӣ, стандартҳо, консепсияи ягонаи назорати давлатии молиявӣ.

## РАЗВИТИЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО ФИНАНСОВОГО КОНТРОЛЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Саидов Раджабали Назифович -** кандидат экономических наук, доцент кафедры аудита и ревизии Таджикский государственный финансово-экономический университет.. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел., 787-03-87-87, E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

В статье рассматриваются методологические основы государственного финансового контроля на основе отечественного и зарубежного опыта. Автор отмечает, что совершенствование методологии государственного финансового контроля в определенной степени зависит от ее унификации среди уполномоченных органов и актуализации других методологических элементов. В статье в качестве основных методологических проблем государственного финансового контроля выделены неурегулированность деятельности органов государственного финансового контроля и ее правовая неопределенность, а также отсутствие общепринятой концепции сферы.

**Ключевые слова:** государственный финансовый контроль, финансовые ресурсы, финансовая отчетность, управления финансов, анализ, оценка, стандарты, единая концепция государственного финансового контроля.

## DEVELOPMENT OF STATE FINANCIAL CONTROL IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Saidov Radjabali Nazifovich -** PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Audit and Revision Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Tel., 787-03-87-87, E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

The article examines the methodological foundations of state financial control based on domestic and foreign experience. The author notes that the improvement of the methodology of state financial control to a certain extent depends on its unification among authorized bodies and the actualization of other methodological elements. The article highlights the unregulated activities of state financial control bodies and their legal uncertainty, as well as the lack of a generally accepted concept of the sphere, as the main methodological problems of state financial control.

**Key words:** state financial control, financial resources, financial reporting, financial management, analysis, assessment, standards, unified concept of state financial control.

Воқеан, назорати давлатии молиявӣ ба тамоми муносибатҳои ҷамъиятии соҳаи буҷетӣ, аз ҷумла ба механизми идоракунии давлатӣ тавассути марказонии захираҳои молиявии ҷамъкардашуда таъсири худро мерасонад. Бинобар ин, зарур аст, ки методологияи комил ва низоми босамари назорати давлатии молиявӣ бунёд карда шавад, то фаъолияти молиявии қонунии давлатӣ ва баҳодиҳии мақсаднокии он таъмин карда шавад.

Аз нигоҳи мо, самаранокии фаъолияти мақомоти назорати давлатии молиявӣ бештар аз омилҳои зерин вобаста мебошад: а) устувории қонунгузории соҳа; мукаммалии (пуррагӣ)-и маълумот; в) мувофиқати иттилооти андухташуда бо ҳолати воқеӣ; г) тартиби муносиби фаъолият; ғ) кордонии намояндагони мақомоти назорати давлатии молиявӣ. Ҷараёни такмилдиҳии методологияи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае аз ноустувории омилҳои зикршуда ва мавҷудияти мушкилоти зерин вобаста мебошад:

1.Такрор будани салоҳияти мақомоти назорати давлатии молиявӣ. Ҳолати мазкур боиси он мегардад, ки уҳдадориҳои баъзе аз мақомот иҷронашуда боқӣ мемонад ва дар натиҷа баъзе аз амалиёти молиявӣ аз доираи назорат дар канор мемонанд.

2.Набудани роҳи ягона барои муайян намудани ҷавобгарии вайронкунандагони меъёрҳои амалкунанда.

3.Мавҷуд набудани роҳи ягона оиди татбиқи чорабиниҳои назорати давлатии молиявӣ.

4.Набудани низоми ягонаи ҷамъоварӣ ва пешниҳоди иттилоот, ки боиси пайдо гардидани мушкилиҳо дар ҳисобу китоб ва натиҷаи ниҳоӣ оварда мерасонад.

Яке аз шартҳои муҳими мукаммал гардидани фаъолияти мақомоти назорати давлатии молиявӣ – ин мувофиқати фаъолияти мақомоти мазкур ба стандартҳои фаъолияти назоратие, ки аз ҷониби ташкилоти байналмилалии мақомоти олии назорат нашр мешавад, ба ҳисоб меравад. Дигар шарти муҳим ин коркарди таснифоти қоидавайронкуниҳо дар нисбати истифодаи воситаҳои буҷетӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа ва ғ. мебошад. Яъне, мавҷуд будани ҷавобгарии конкретӣ барои қоидавайронкунии конкретӣ [5, с.105].

Дар соли 2009 роҷеъ ба масъалаи назорати молиявӣ интернет-конференсия баргузор гардид, ки дар ин чорабинии илмӣ Раиси Палатаи ҳисоби Федератсияи Россия С.В. Степашин дар мавзуи “Мушкилоти актуалии таъмини низоми ягонаи назорати молиявӣ дар Федератсияи Россия” баромад намуд [4, с.20]. С.В.Степашин баъзе аз мушкилиҳои соҳаи назорати давлатии молиявиро, ки айни замон вуҷуд доранд, шарҳу тавзеҳ дод ва қайд намуд, ки дар Россия мақомоти зиёде мавҷуданд, ки ба масъалаҳои вобаста ба назорати

молиявӣ машғуланд, аммо онҳо низоми ташкил ва салоҳиятҳои конкретии худро надоранд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мушкилоти қайдшуда ҷой дорад.

Ҳамин тавр, назорати давлатии молиявӣ ба тамоми муносибатҳои ҷамъиятии соҳаи буҷетӣ, аз ҷумла ба механизми идоракунии давлатӣ тавассути марказонии захираҳои молиявии ҷамъкардашуда таъсири худро мерасонад. Бинобар ин, зарур аст, ки низоми комил ва босамари назорати давлатии молиявӣ бунёд карда шавад, то фаъолияти молиявии қонунии давлатӣ ва низоми баҳодиҳи мақсаднокии он таъмин карда шавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мушкилии заминавии такмили методологии назорати давлатии молиявӣ - набудани назарияи илмии назорат маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, масъалаҳои вобаста ба ташкил, тартиботи ҳуқуқӣ ва методологияи назорати молиявӣ ба талабот ҷавобгӯй набуда, ҷараёни ташаккулёбии намудҳои алоҳидаи назорат ба итмом нарасидааст, инчунин, моҳияти назорати буҷетӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор нагирифта, консепсияи ягонаи назорати давлатии молиявӣ дар сатҳи мамлакат коркард карда нашудааст. Бунёди назорати давлатии молиявӣ, ки ба талаботи ҷомеаи демократӣ ҷавобгӯй буда, барои рушди босамари низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд, ба рафъи монеаҳои болозикр ва ҳалли дигар мушкилоти ҳалталаб вобаста мебошад.

Натиҷаи омӯзишу таҳлилҳо нишон дод, ки бо мақсади мутобиқ сохтани фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар субъектҳои назорати давлатии молиявӣ ба Палатаи ҳисоб атрофи масъалаҳои назорати молиявӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар муносибат ба масъалаҳои молиявӣ, оид ба қонунгузории назорати молиявӣ ва дигар масъалаҳо, ки ҳаллу фасли онҳо дар санадҳои меъёрии амалкунанда нишон дода нашудааст, салоҳиятҳои иловагӣ дода шавад.

Аз таҷрибаи Федератсияи Россия маълум мегардад, ки ду роҳи рушди назорати давлатии молиявӣ аз мавқеи баландбардории самаранокии он ҷой дорад:

**Роҳи якум,** ин итоати қатъӣ дар чаҳорчӯбаи низоми ягонаи мақомоти олии назорати мустақил мебошад. Таҳқиқи масъалаи баландбардории самаранокии назорати давлатии молиявӣ бо ин роҳ дар корҳои илмии иқтисодчиёни Россия ба монанди В.В. Буртсев, Е.Ю. Грачева, В.А. Жуков, С.П. Опенишев, Н.Д. Погосян, В.М. Радионова, С.В. Степашин, С.О. Шохин дида мешавад. Аз сабаби он ки кори мақомоти назорати давлатии молиявӣ ба якдигар ҳамоҳанг нест (байни онҳо алоқаи устувори мутақобилаи мувофиқ вуҷуд надорад), бинобар ин, ҳолати мазкур барои ташаккули низоми комили назорат аз болои захираҳои молиявӣ ва истифодабарии моликияти давлатӣ монеа эҷод мекунад. Бо назардошти вазъияти ҷойдошта, ислоҳоти мақомоти амалкунандаи назорати молиявӣ ва муттаҳид намудани онҳо ба як низоми ягонаи мақомоти назоратӣ амри зарурӣ мебошад.

**Роҳи дуюм,** ҳамчун роҳи конститутсионӣ дониста мешавад. Низоми назорати давлатии молиявиро зери таъсири як қатор сабабҳо бунёд намудан ғайриимкон мебошад. Аммо рушди ин низом дар асоси базаи мавҷудаи қонунгузорӣ ва меъёрӣ имконпазир аст. Баландбардории самаранокии назорати давлатии молиявӣ бо роҳи конститутсионӣ аз ҷониби роҳбарияти олии мамлакат, аз ҷумла Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян ва ошкор карда шуд, ки самтҳои афзалиятноки рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои зерин маҳсуб меёбанд:

– банизомдарории фаъолияти назорати давлатии молиявӣ ва муайянкунии заминаҳои ҳуқуқии он;

– таъмини заминаҳои муносиби қонунгузорӣ ва методологӣ;

– коркард ва истифодаи консепсияи умумиқабулкардашудаи назорати давлатии молиявӣ ва низоми ягонаи иттилоотӣ оиди ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда;

– банизомдарории назорат, ки баъзан маврид санҷиши такрории як ташкилот дар дигар солҳо аз соҳаи назорат дур мешавад;

– устувории амали мутақобилаи байни мақомоти назоратӣ (ин ҷиҳат бояд самти аввалиндараҷаи такмилдиҳии назорати давлатии молиявӣ қарор гирад);

– ҳамкории зич байни мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва хадамоти аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии натиҷаҳои санҷиш;

– таъмини мустақилияти амалии хадамоти аудити дохилӣ бо мақсади таъмини ягонагии натиҷаҳои санҷиши мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва хадамоти аудити дохилӣ;

– бо мақсади санҷиши саривақтӣ ва баланд бардоштани самаранокии чорабиниҳои санҷишӣ-ташхисӣ ва таҳлилӣ-баҳодиҳии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди IT-аудит дар бахши аудити мустақили давлатӣ.

**Адабиёт**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июни соли 2011, № 749. -http://mmk.tj

2.Альбеков З.А., Карепина О.И., Романова, Т.Ф. Организация системы государственного финансового контроля в Российской Федерации: Теория и практика.–М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К», 2002.-320 с.

3.Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2013с., №3.1.

4.Клещенко Ю.Г., Савченко М.М. Финансовый контроль как один из факторов обеспечения финансовой безопасности // Финансовое право.- 2009. - № 5. - С. 20-25.

5.Кондрат Е.Н. Государственный финансовый контроль: основополагающие начала (принципы) // Юридическая наука: история и современность. – 2015. – №1. – С.103–109.

## ИҚТИДОРИ АНДОЗИИ МИНТАҚА ВА ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ОН (ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН)

**Баротов Амирхон Холмирзоевич -** ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. **Суроға:** 734067, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, Телефон: 918-35-55-73. E-mail: amirkhon.barotov@mail.ru

Дар низоми ташаккул ёфтани муносибатҳои андозӣ хусусан дигаргуншавии манбаи андозӣ, дигаргуншавии инфрасохтори молиявии субъектҳои хоҷагидор, натиҷаҳои бадастомада алалхусус зиёд шудани ҳаҷми пардохтҳои андозӣ аз таъсири омилҳои гуногун вобастагӣ дорад. Дар ин самт, омӯзиши алоқамандии натиҷавӣ ва омилҳои таъсиррасон хело муҳим буда, истифодаи усулҳои таҳлили иқтисодиро тақозо менамояд.

Ҳангоми ҳисоб кардани иқтидори андози минтақа, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ва хусусияти таъсири онҳо аҳамияти калон дорад. Бинобар ин, дар мақолаи мазкур омилҳои таъсиррасон ба иқтидори андози минтақа муайян карда шуда, тағйирёбии онҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** иқтидори андоз, даромадҳои андоз, омилҳои таъсиррасон, субъектҳои хоҷагидор, ҳолати молиявӣ, буҷети минтақа, нишондиҳандаҳои молиявӣ, воридоти воқеии андоз, иқтидори истеҳсолӣ, гаронии андоз, манбаи андозбандӣ.

## РЕГИОНАЛЬНАЯ НАЛОГОВАЯ ПОТЕНЦИАЛА И ФАКТОРЫ ЕЕ ФОРМИРОВАНИЯ (НА ПРИМЕРЕ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ)

**Баротов Амирхан Холмирзоевич** - ассистент кафедры аудит и ревизия Государственного финансово-экономического университета Таджикистана. Адрес: 734067, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14, тел.: 918-35-55-73. E-mail: amirkhon.barotov@mail.ru

В системе формирования налоговых отношений, особенно при изменении налоговой базы, изменении финансовой инфраструктуры хозяйствующих субъектов, получаемые результаты, особенно увеличение суммы налоговых платежей, зависят от влияния различных факторов. В этом направлении изучение взаимосвязи результатов и влияющих факторов очень важно и требует использования методов экономического анализа.

При расчете налогового потенциала региона важно определить влияющие факторы и характер их влияния. Поэтому в данной статье выявлены факторы, влияющие на налоговый потенциал региона, и проанализированы их изменения на уровне республики и Хатлонской области.

Ключевые слова: налоговый потенциал, налоговые поступления, факторы влияния, хозяйствующие субъекты, финансовое положение, региональный бюджет, финансовые показатели, фактические налоговые поступления, производственная мощность, налоговая нагрузка, налоговая база.

## THE REGIONAL TAX CAPACITY AND ITS FORMATIVE FACTORS (IN THE EXAMPLE OF KHATLON REGION)

**Barotov Amirkhon Kholmirzoevich** - Assistant Professor of the Audit and Revision Department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14, Phone: 918-35-55-73. E-mail: amirkhon.barotov@mail.ru

In the system of formation of tax relations, in particular, changes in the tax base, changes in the financial infrastructure of economic entities, the results achieved, in particular, an increase in the volume of tax payments, depend on the influence of various factors. In this regard, the study of the relationship between the results and influencing factors is very important and requires the use of economic analysis methods.

When calculating the tax capacity of a region, it is important to identify the influencing factors and the nature of their impact. Therefore, this article identifies the factors influencing the tax capacity of a region and analyzes their changes at the level of the republic and Khatlon region.

**Keywords:** tax capacity, tax revenues, influencing factors, economic entities, financial condition, regional budget, financial indicators, actual tax revenue, production capacity, tax burden, taxation base.

Низоми муносибатҳои андозӣ аз дигаргуншавии манбаи андозӣ ва инфрасохтори молиявии субъектҳои хоҷагидор вобаста мебошад. Дар ин самт, омӯзиши алоқамандии

натиҷавӣ ва омилҳои таъсиррасон хело муҳим буда, ҳамзамон дар доираи ҳамкориҳо, алалхусус шарикии давлат бо бахши хусусӣ зарурати муҳим дорад.

Дар раванди арзёбии иқтидори андози минтақа, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ва хусусияти таъсири онҳо аҳамияти калон дорад. Таҳлили омилӣ гуногунҷабҳа буда, чунин қисмҳоеро дар бар мегирад, ки андозаи омилҳоро муқаррар карда, дар асоси он иқтидори андоз ҳисоб карда мешавад. Ҳамзамон, дар асоси коэффитсиентҳои омилҳои таъсиррасони объективӣ ва субъективӣ имконияти муайян намудани миқдори зарурии иқтидори андози минтақаро ҳисоб карда мешавад (ниг. ба расми 1).




**Расми 1. Омилҳои таъсиррасон ба иқтидори андози минтақа**

Тавре аз расми 1 бар меояд, ташаккули иқтидори андоз бисёрҷабҳа буда, аз ҳисоби таъсири шароит ва омилҳои гуногун вобастагии зич дорад. Ҳамин тавр, ҷанбаҳои минтақавии омӯзиши ташаккули иқтидори андоз на танҳо бо омилҳое муайян карда мешаванд, ки бевосита ба заминаи захиравии минтақа таъсир мерасонанд. Дар ин самт, ҷиҳате муҳим ҳисобита мешавад, ки чунин таъсиррасонӣ даромади буҷетро аз ҳисоби андоз фароҳам оварда, ҳамзамон бо ҷой доштани хусусиятҳои фарққунандаи байниминтақавӣ низ шарҳ меёбанд.

Ҳамин тариқ, тамоми он омилҳое, ки ба ташаккули иқтидори андозии минтақа таъсир мерасоананд, шартан ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Омилҳои таъсиррасон ба иқтисодиёти минтақа: истеҳсолӣ, инвеститсионӣ, таббиию иқлимӣ, иҷтимоию демографӣ, таърихӣ ва идоравӣ.

2. Омилҳои таъсиррасон ба ташаккулёбии иқтидори андози минтақа: ҳолати ниҳодҳои андозӣ, ҳолати инноватсионӣ ва ҳолатҳои иқтисодӣ.

Дар ташаккул ёфтани иқтидори андозии минтақа аз ҳисоби таъсири омилҳои гурӯҳи якум ҳолате баамал меояд, ки дар оянда нобаробар ва номунтазам даромадҳои андоз дар минтақа инъикос меёбад.

Тибқи ақидаи мутахассисон дар ташккул додани иқтидори андоз дуруст ҷобаҷокунии сохтори иқтисодӣ вобаста ба шароитҳои ҷуғрофию таббиӣ хело муҳим мебошад. Масалан тибқи ақидаи В.И. Видяпина ва М.В. Степанова хусусиятҳои ҷуғрофиро бо тариқи зайл аз рӯйи таъинот ҷудо менамояд, ки онҳо “нобаробарии васеъи тақсимшавии захираҳо, номувофиқии байни масоҳати ҷойгиркунии асосии қувваҳои истеҳсолкунанда ва маҳалли аҳолинишин ва дараҷаи баланди мутамарказшавии намудҳои асосии захираҳои саноатиро дар бар мегирад” [1 , с.666].

Аз инҷо, зарурате дар пеш меистад, ки дар робита ба масъалаи мазкур захираҳои таббии вилояти Хатлонро тавре дар раванди идоракунӣ баэътибор гирем, ки бунёди корхонаҳои санотаӣ ва аграриро вобаста ба хусусиятҳои ҷойгиршавии захираҳои таббиӣ ба роҳ монда, заминаи андозбандиро аз ҳамин ҳисоб васеъ ва устувор гардонем. Масалан, дар

ноҳияҳои Ҳамадонӣ ва Ёвон (коркарди намаки ошӣ), Норак ва Данғара (коркарди санги мармар), Қумсангир (коркарди маҳсулоти нафтӣ), ва ноҳияҳои дигари вилоят барои ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ аст. Чунин раванди кор ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд то давраи соли 2030 мувофиқ буда, имкон медиҳад, ки иқтидори истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва дар ҳамин замина иқтидори андозбандии вилоят афзоиш ёбад.

Дар низоми таъсири омилҳо мавқеи махсусро омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ мегиранд. Алалхусус, аз нигоҳи сармояи инсонӣ омили мазкур тақвиятдиҳандаи рушди фаъолияти иқтисодӣ, хизматрасонӣ бо ҷалб намудани захираҳои меҳнатӣ мақоми махсус дорад. Омили асосии тақсимоти захираҳои меҳнатӣ маҳалликунонии чунин омил ба истеҳсолот вусъат бахшида, иқтидори андозии минтақаро таъмин мегардонад. Вилояти Хатлон зиёда 29,1%-и маҳсулоти саноатӣ, 45,1%-и маҳсулоти кишоварзӣ ва бештар аз 36%-и иқтидори аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳад [9 , с. 11, 397, 437].

Қайд кардан бамаврид аст, ки сохтори ташаккул ёфтани омилҳои захиравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи минтақаҳо хело фаркунанда мебошанд, ки инро дар мисоли саҳмгузории минтақаҳо дар ташаккули ММД арзёбӣ кардан мумкин аст. Масалан, 26,8% ба вилояти Хатлон, 26,2% вилояти Суғд, 1,3% ВМКБ, 16,4% НТҶ ва 18,9% ба шаҳри Душанбе рост меояд [8 , с. 335]. Тибқи маълумотҳои расмӣ ҳамзамон, саҳми захираҳои меҳнатии вилояти Хатлон бошад, дар маҷмуи умумии шуғлдоштагони ҷумҳурӣ 19%-ро ташкил медиҳад, ки ин иқтидори зиёди меҳнатиро ташкил дода дар робита ба ҷойи кори доимӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо ҳамчун шароити афзоиш ёфтани иқтидори андозии минтақа баромад мекунад.

Дар баробари ҷой доштани устувории нишондиҳандаҳои мазкур, дар вилояти Хатлон зарурате дар пеш меистад, ки барои аз ҳолати мусоидати молиявӣ (субвенсия) баровардани баъзе аз ноҳияҳои вилоят имкониятҳое ҷой дорад, ки сафарбар кардани онҳо лозим мебошад. Тибқи модаи 10-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022”, мусоидати молиявӣ аз аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети вилояти Хатлон фақат барои пардохти фонди музди меҳнат ба маблағи 603315 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардидааст [2 , с. 6]. Дар баробари чунин дастгирии молиявӣ аз назари мо, сафарбар кардани имкониятҳои худи минтақа барои аз ҳолати субвенсиони баровардани минтақа ҷой дорад, ки чунин ақида аз суръати афзоиши нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда бар меояд. Ҳамин тариқ, аз мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо бар меояд, ки характери тақсимотӣ дар минтақа аз рӯйи дараҷаи даромадҳои умумиҷумҳуриявӣ ва сарикасӣ барои коршиносон дар мавриди арзёбӣ намудани имкониятҳои рушди минтақа аз ҳисоби тақвияти заминаи андозии он ба шумор меравад.

Таҳлили тафовутҳои байниминтақавӣ нишон медиҳад, ки тағйирёбии нишондиҳандаҳои ҳисобӣ, аз қабили маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, шумораи аҳолии минтақаҳо ва даромади сарикасии минтаҳо, ки натиҷаҳои фаъолияти иқтисодиро тавсиф мекунанд, омухта шуда, лозим аст, ки барои ташаккули иқтидори андозии минтақа шароитҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ва даромади сарикасии аҳолиро баланд бардорем. Нишондиҳандаҳои мазкур байни якдигар алоқамандии зич дошта, онҳо ҳамчун индикаторҳои макроиқтисодию минтақавӣ ҳолат ва динамикаи ташаккул ёфтани иқтидори андози минтақаро ифода мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки иқтидори андоз дар ҳудуди давлат ва ҳар як минтақаи алоҳидаи он дар натиҷаи таъсири сатҳи иқтисодиёти кушода таъсис меёбад. Дар навбати худ,

иктисодиёти кушод фароҳам овардани шароитеро дар бар мегирад, ки дар ниҳояти кор ба ҳаракати озоди тамоми захираҳо мусоидат мекунад. Яъне, ин боиси ҳаракати озоди омилҳои истеҳсолот ва захираҳои иқтисодӣ дар муҳит мегардад. Аз назарияи иқтисодиёт бар меояд, ки чӣ қадаре, ки омили истеҳсолот ё захираҳои иқтисодӣ бештар ҳаракат намоянд, ҳолати мазкур ҳамон қадар барои фоиданокгардонии субъектҳои хоҷагидорӣ боис мегардад.

Дар мавриди ба эътибор гирифтани маҷмуи пардохтҳо аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мазмуни иқтисодӣ пайдо карда, нишон медиҳанд, ки ҳамчун омили баёнгари афзоиши иқтидори андозӣ дар вилояти Хатлон ба шумор меравcovered. Таҳлилҳо маълум карданд, ки аз рӯйи ин нишондиҳанда маҷмуи иқтидори воқеии андоз майли болоравиро гирифтааст, ки ин маънои устувории буҷети минтақавӣ ва иҷрои саривақтии уҳдадориҳои андозиро ифода мекунад (нигар ба диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. Иқтидори ҳақиқии андоз дар вилояти Хатлон**




**Сарчашма:** Таҳия ва ҳисоби муаллиф аз рӯйи Ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи вилояти Хатлон барои солҳои 1991-2022. Маҷмӯаи оморӣ. –Бохтар, 2023. - С. 210.

Чӣ тавре аз диаграммаи 2.2 бармеояд, дар давраи таҳлилӣ иқтидори ҳақиқии андоз аз ҳисоби сатҳи нақшавӣ ва иҷроиши воқеии воридоти андоз афзоиш ёфтааст. Ин аз он дарак медиҳад, ки банақшагирии андоз дар сатҳи минтақа то ҳол муфид ба роҳ монда нашудааст. Зимни ба ҳисоб гирифтани заминаи пайдоиши нишондиҳандаҳои мазкур маълум мегардад, ки тафовути нисбии байни воридоти андози нақшавӣ ва дараҷаи воқеии он ҳолати афзоишро аз 101,0%-и соли соли 2017 ба 102,4% дар соли 2022 ташкил медиҳад. Чунин тафовут аз он дарак медиҳад, ки дар минтақа иқтидори ҳақиқии андоз заминаи устувор дошта, имкониятҳои зиёди ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ вуҷуд доранд.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳлили омилҳои ташаккулёбии иқтидори андозӣ дар вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки дар ин самт мавқеъгирӣ аз самтҳои ташаккул ёфтани онҳо зарурияти методологӣ дорад. Яъне, мавқеъгирӣ намудан аз ҳисоби тамоми он омилҳое, ки ба ташаккул ёфтани иқтидори андозии минтақа таъсир мерасоананд, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шуд. Аз ҷумла, омилҳои истеҳсолӣ, инвеститсионӣ, таббиию иқлимӣ, иҷтимоию демографӣ, таърихӣ ва идоравӣ, инчунин баэътибор гирифтани ҳолати ниҳодҳои андозӣ, ҳолати инноватсионӣ ва иқтисодӣ хело таъсирбахш баромад мекунанд. Маълум карда шуд, ки дар ташаккул додани иқтидори андозии минтақа аз ҳисоби таъсири

омилҳои истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, таббиию иқлимӣ, иҷтимоию демографӣ, таърихӣ ва идоравӣ заминавӣ баромад карда дар ин асос зарурати омӯзиши нобаробар ва номунтазам ташаккул ёфтани андозҳо дар минтақа ошкор карда шуд, ки ҳолати мазкур барои дар оянда ба роҳ мондани ҷиҳатҳои таҳлилӣ дар ин самт ва қабули қорорҳои муфид, гузаронидани таҳлилҳои иқтисодию матеатикӣ муҳим мебошад.

**Адабиёт**


1. Видяпина В.И., Степанова М.В. Региональная экономика: Учебник / В.И. Видяпина и М.В. Степанова. - М.: Р1НФРА-М, 2008. - 666с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022”.-Душанбе, 2021.-№1804.
3. Саидмуродов Л.Х., Сабуров В.Д. Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления: монография / Л.Х. Саидмуродов, В.Д. Сабуров. – Душанбе, «Матбуоти Уротеппа», 2020. – 176с.
4. Тоҷикистон: 30 – соли истиқолилияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ.-Душанбе, 2021.-702с.
5. Омори солонаи вилояти Хатлон барои солҳои 1991-2022. Маҷмӯаи оморӣ. –Бохтар, 2023. - С. 210.
6. Тӯхтаев, Т. М. Ҷанбаҳои назариявию методии иқтидори андози минтақа: муаммо ва дурнамои татбиқ / Т. М. Тӯхтаев, Х. Х. Исматов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No 4(28). – С. 126-136.


## АУДИТИ ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ


**Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич –** муаллими калони кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,к. Нахимов,64/4. (+992)93-535-30-05 **E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru**



Дар мақолаи мазкур оид ба аудити идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ моҳият ва аҳамияти он, вазифаҳои он, муаммоҳо ва ҳалли онҳо самтҳои имконпазир таъкид карда мешаванд. Инчунин дар мақола хусусиятҳои аудити идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳои аудити идоракунии корпоративӣ дида баромада мешаванд.



**Калидвожаҳо:** аудит , идоракунии корпоративӣ, шаффофият, бонк, самаранокӣ, назорати дохилӣ, хизматрасонӣ.


## АУДИТ КОРПОРАТИВНОГО УПРАВЛЕНИЯ В КОММЕРЧЕСКИХ БАНКАХ


**Абдулхайров Фахриддин Махмадшоевич** старший преподаватель кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/4. (+992) 93-535-30-05 **E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru**

В статье, посвященной аудиту корпоративного управления в коммерческих банках, освещаются его сущность и значение, его задачи, проблемы и возможные направления их решения. В статье также рассматриваются особенности аудита корпоративного управления в коммерческих банках, а также цели и задачи аудита корпоративного управления.
**Ключевые слова:** аудит, корпоративное управление, прозрачность, банк, эффективность, внутренний контроль, услуга.

**AUDIT OF CORPORATE GOVERNANCE IN COMMERCIAL BANKS**

**Abdulkhairov Fakhriddin Mahmadshoevich -** senior teacher of the Department of Audit and Audit of the Tajik State University of Finance and Economic.Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/4. (+992) 93-535-30-05 **E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru**

The article devoted to corporate governance audit in commercial banks highlights its essence and meaning, its tasks, problems and possible directions for their solution. The article also considers the features of corporate governance audit in commercial banks, as well as the goals and objectives of corporate governance audit.
**Keywords:** audit, corporate governance, transparency, bank, efficiency, internal control, service.

Аудити идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ-ин раванди таҳлили риояи стандартҳо, принсипҳо ва қоидаҳои идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти бонкҳо мебошад.

Мақсади асосии идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ баланд бардоштани шаффофият, самароанокӣ ва устувории низоми идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ мебошад. Аудити идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ барои таъмини субот ва рушди устувории низоми бонкии кишвар нақши муҳим мебозад. Дар шароити имрӯза бонкҳоро зарур аст, ки риряи стандартҳо ва механизмҳои самарабахши назорат, шаффофият ва эътимоднокии мизоҷонро ба бонкҳо афзоиш диҳад.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ имрӯза низоми муосири идоракунии корпоративӣ имконият медиҳад, ки муносибатҳои байни шӯрои нозирон, роҳбарият ва саҳмдорон (муносиб) ташкил кардашуда, онҳо нисбат баҳамдигар боварии пурра дошта, аз беҳтаршавии фаъолияти ширкат ва ё ҷамъияти саҳомӣ манфиатдор бошанд [1].

Аудити идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ як ҷузъи муҳими таҳқиқ ва арзёбии самаранокии сиёсати идоракунӣ, қарорҳои стратегӣ ва равандҳои дохилӣ мебошад. Бонкҳо ҳамчун муассисаҳои молиявӣ масъулияти бузург доранд, ки ба онҳо захираҳои молиявӣ, ҳифзи амонатҳо, хизматрасонии қарзӣ ва таъмини амният ва имконпазирии мизоҷон вобаста аст. Аз ин рӯ, аудити корпоративии бонкҳо барои таъмин кардани самаранокии идоракунии дохилӣ, ҳифзи манфиатҳои муштариён ва нигоҳ доштани эътибори молиявӣ зарур мебошад.

Аудити идоракунии корпоративӣ як раванди муҳими таҳқиқ ва арзёбии фаъолияти идоракунии як ширкати ё ташкилот мебошад. Мақсади асосии аудити корпоративӣ ин аст, ки чӣ гуна роҳбарӣ ва идоракунии ширкат ба дастовардҳои стратегӣ, молиявӣ ва амалиётӣ таъсир мерасонад [4]. Аудитори корпоративӣ барои ошкор кардани камбудиҳо, беҳбудиҳо,

ё таҳлил кардани равандҳои идоракунӣ ва гирифтани назароти мутахассисон барои беҳтар намудани қарорҳои стратегӣ ва идоракунӣ масъул аст.

Мақсади аудити идоракунии корпоративӣ дар бонкҳо:

**Таҳлил кардани самаранокии идоракунӣ**:

Аудити корпоративӣ дар бонкҳо нақши муҳимро дар арзёбии самаранокии идоракунӣ ва омодагӣ ба қабул кардани қарорҳои стратегӣ мебозад. Барои бонк, қарорҳои мувофиқ дар бораи қарзҳо, амонатҳо, сармоягузориҳо ва сиёсати молиявӣ кӯмак мекунанд, ки ташкилот ба ҳадафҳои худ расад.

**Назорати дохилӣ ва ризоияти ҳуҷҷатҳо**:

Аудити корпоративӣ тасдиқ мекунад, ки ҳамагон ва ҳама равандҳо мувофиқи сиёсати дохилӣ ва стандартҳои интизорӣ амал мекунанд. Барои бонк, истифодаи дуруст ва шаффофияти системаи назоратии дохилӣ ва ҳисоботдиҳӣ зарур аст, то ки ҳифзи молиявӣ ва таҳдидҳои эҳтимолӣ пешгирӣ шаванд.

**Таҳлил кардани хатарҳо**:

Аудити корпоративӣ дар бонкҳо барои шинасоии хатари молиявӣ, риски мизоҷон ва хатарҳо, ки ба фаъолияти бонк таъсир мерасонанд, масъул аст. Ба назар гирифтани тағирот дар бозор, риски ҳуқуқӣ ва хатари нокомии қарзӣ метавонанд роҳи стратегии бонкро пешгӯӣ кунанд.

**Раванди амалиётӣ ва муҳити молиявӣ**:

Аудити корпоративӣ дар бонкҳо инчунин ба таҳлили равандҳои дохилии амалиётӣ, ташкилоти идоракунии хавфи қарзӣ, тавсеаи хизматрасонии муштариён ва усулҳои ҳисоббарории бонкӣ диққат медиҳад.

**Муқоисаи амалҳои бонк бо стандартҳо**:

Аудити корпоративӣ кӯмак мекунад, ки бонк бо стандартҳои байналмилалӣ ва маҳаллӣ ҳамоҳанг бошад, ки он дар натиҷаи амалҳои идоракунии дуруст, ба бонк имконияти беҳтар кардани сиёсати молиявӣ ва сармоягузориҳои стратегии онро фароҳам меорад [2].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ бонкҳо имрӯз дар асри рақамӣ қарор доранд, ки технологияи иттилоотӣ дар пешрафти амалии онҳо нақши калидӣ дорад. Аудити корпоративӣ дар бонкҳо метавонад кӯмак кунад, ки:

- **Таҳлили иттилоот ва таҳқиқи фишорҳои рақобатӣ**: Бонкҳо барои рушди хизматрасониҳои нави молиявӣ ва нигоҳ доштани рақобатпазирӣ бояд сифат ва самаранокии низоми иттилоотиро пайваста назорат кунанд.
- **Назорат дар ҳамоҳангии хизматрасониҳо бо технология**: Аудити корпоративӣ дар санҷиш кардани системҳои IT (айти аудит) ва фаъолияти платформаҳои онлайн кӯмак мекунад, ки на танҳо хатари амниятӣ балки самаранокии амалиро низ таъмин созад.

Дар шароити имрӯза, риояи қонунҳо ва стандартҳои байналмилалӣ, ки барои бонкҳо ва муассисаҳои молиявӣ амал мекунанд, хеле муҳим аст. Риояи қонунҳои байналмилалӣ, ки бонкҳо метавонанд аз қонунҳо ва стандартҳои байналмилалӣ, ба монанди Қонуни зидди пулшӯӣ ва муқовимат бо қонунгузории даромадҳо ва маблағгузории терроризм риоя кунанд. Аудити корпоративӣ мусоидат мекунад, ки бонкҳо фаъолияти худро бо ин талаботҳо мувофиқ нигоҳ доранд [3].

Ҳадафи асосии суръат бахшидан дар раванди аудити идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратӣ бунёди шароити мусоид амри зарурӣ мебошад. Ниг. ба расми 1.

**Расми 1. -**Шароити мусоиди рушди аудити идоракунии корпоративӣ.

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда.

Бояд гуфт, ки дар шароити рақамикунонӣ иқтисодиёти мамлакат бонкҳои тиҷоратиро зарур аст, ки бо рушди рақобат дар соҳаи молиявӣ, бонкҳо ва хизматрасонии худро ба муштариён беҳтар кунанд.

- Аудитори корпоративӣ дар арзёбии стратегияҳои хизматрасонӣ ва омодагии бонк барои қонеъ кардани ниёзҳои муштариён кӯмак мерасонад.
- Таҳлили ҳисоби муштариён ва ҳамзамон идора кардани муносибатҳо бо онҳо, ба бонк имконияти беҳтар кардани хизматрасонии муҳими молиявиро медиҳад.
- Арзёбии сатҳи шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ байни саҳомон ва муштариёни бонк.

Аз натиҷаи омӯзиши маводи илмӣ баровардани хулосаҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад.

Аудити идоракунии корпоративӣ дар бонкҳо на танҳо ба таҳлили молиявӣ ё ҳуқуқӣ маҳдуд намешавад, балки ба таҳқиқи стратегӣ, равандҳои технологӣ ва нақши бонкҳо дар ҷомеа ва муҳити зист низ таъсир мерасонад. Бо истифода аз аудит, бонкҳо метавонанд камбудиҳоро ва ҳар гуна хатарҳои мавҷударо пешгирӣ кунанд, дар ҳоле ки пешрафт ва рушди устуворро таъмин мекунанд.

- Мустаҳкам намудани нақши шӯурои директорон дар идоракунӣ;

- Рушди стандартҳои дохилӣ ва берунӣ барои баланд бардоштани шаффофият;

- Бонкҳо бо истифода аз сармоягузориҳои сабз ва технологияи иттилоотӣ, бартариятҳои молиявӣ ва иҷтимоиро ба даст оранд;

- Бонкҳо бояд равандҳои дурусти экологӣ ва иҷтимоиро амалӣ кунанд, ки аудитори корпоративӣ метавонад ба онҳо кӯмак кунад;

- Фишор ва таъсири манфиатдорони дохилӣ ба равандҳои идоракунӣ;

- Набудани механизмҳои самаоанокии ҳавасмандгардонии шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ;

-Баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ аудиторон ва кормандони масъул;

**Адабиёт**

1. Абдулхайров Ф.М. Нақш ва мақоми аудит дар низоми мониторинги сифати идоракунии корпоративии бонкҳо [Матн] / Ф.М. Абдулхайров // Паёми “Молия ва иқтисод”

(маҷалаи илмӣ-амалӣ), Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.–Душанбе, 2021.– № 4/1 (29) саҳ 178-187. ISSN 2663-0389.
2. Антонов В. Г., Крылов В. К., Кузьмичев А. Ю. Корпоративное управление (Учебное пособие) 2025. с 288.
3. Орлов С.Н. Внутренний аудит в современной системе корпоративного управления компанией (практическое пасобие) / С.Н. Орлов // 2024 с 284.
4.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022 12:30, шаҳри Душанбе, 2022 (http://www.prezident.tj)

## МЕТОДОЛОГИЯИ БАҲИСОБГИРИИ ХАРОҶОТ ВА КАЛКУЛЯТСИЯИ АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТИ САНОАТИ НАССОҶӢ БО УСУЛИ ABC (ACTIVITY-BASED COSTING)

**Шаҳнозаи Садридин** – ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,к.Иномов В.А,64/4. (+992)93-580-33-95

Ин мақола ба татбиқи усули ҳисобкунии хароҷот дар асоси фаъолият (ABC) барои ҳисоб кардани арзиши маҳсулот дар саноати нассоҷӣ бахшида шудааст. Арзиш дар корхонаҳои ин бахш ҷузъи муҳими раванди қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад ва истифодаи усулҳои анъанавии ҳисоббарорӣ, ба монанди мутаносибан ба хароҷоти мустақим тақсим кардани хароҷоти ғайримустақим на ҳама вақт тасвири дақиқи хароҷоти воқеиро фароҳам меорад. Усули ABC имкон медиҳад, ки хароҷоти ғайримустақим дар асоси фаъолияти воқеии иҷрошуда дақиқтар тақсим карда шавад, ки ба идоракунии самараноки захираҳо ва афзоиши даромаднокӣ мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** калкулятсия, арзиши аслии маҳсулот, хароҷот, методологи**я**

## МЕТОДОЛОГИЯ УЧЕТА ЗАТРАТ И КАЛЬКУЛИРОВАНИЯ СЕБЕСТОИМОСТИ ПРОДУКЦИИ В ТЕКСТИЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ МЕТОДОМ ABC (ACTIVITY-BASED COSTING)

**Шахнозаи Садридин** – ассистент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, Иномова В.А., 64/ (+992)93-580-33-95

Данная статья посвящена применению метода учета затрат на основе видов деятельности (Activity-Based Costing, ABC) для калькулирования себестоимости продукции в текстильной промышленности. Оценка себестоимости является важной составляющей процесса принятия управленческих решений на предприятиях данного сектора, и использование традиционных методов калькулирования, таких как распределение косвенных затрат пропорционально прямым, не всегда дает точное представление о реальных затратах. Метод ABC позволяет более точно распределить косвенные затраты на основе реально выполняемых видов деятельности, что способствует более эффективному управлению ресурсами и повышению рентабельности.

**Ключевые слова:** калькулирование, фактическая себестоимость продукции, затраты, методика

## METHODOLOGY OF COST ACCOUNTING AND CALCULATION OF PRODUCTION COSTS IN THE TEXTILE INDUSTRY USING THE ABC METHOD (ACTIVITY-BASED COSTING)

**Shakhnozai Sadridin** – Assistant of the Department of Audit and Revision of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Inomova V.A., 64/ (+992) 93-580-33-95

This article is devoted to the application of the activity-based costing method (ABC) for calculating the production costs in the textile industry. Cost assessment is an important component of the management decision-making process at enterprises in this sector, and the use of traditional costing methods, such as distributing indirect costs proportionally to direct costs, does not always provide an accurate idea of the actual costs. The ABC method allows for a more accurate distribution of indirect costs based on the actual activities performed, which contributes to more efficient resource management and increased profitability.

**Keywords:** costing, actual cost of production, expenses, methodology

Саноати нассоҷӣ яке аз соҳаҳои қадимтарин ва меҳнатталаб аст, ки баҳисобгирии хароҷотро барои таъмини рақобат аҳамияти махсус медиҳад. Усулҳои анъанавии баҳисобгирии хароҷот дар саноати бофандагӣ аксар вақт хусусияти равандҳои истеҳсолиро ба назар намегиранд, ки метавонанд амалиётҳои гуногунеро дар бар гиранд, ки захираҳои гуногунро талаб мекунанд, ки боиси вайрон шудани арзиши ниҳоии маҳсулот мегардад. Методологияи ABC роҳи ҳалли ин мушкилотро пешниҳод мекунад, ки барои дурусттар тақсим кардани хароҷот дар байни навъҳои алоҳидаи маҳсулот дар асоси таҳлили намудҳои фаъолият имкон медиҳад.

Дар саноати нассоҷӣ истеҳсолот марҳилаҳои зиёдеро дар бар мегирад, аз харид ва омода кардани мавод то коркарди онҳо, инчунин коркард ва таҳвили маҳсулоти тайёр. Усулҳои анъанавии ҳисоббарорӣ, аз қабили усули мутаносиби нархгузорӣ, аксар вақт боиси хатогиҳои сметаи хароҷот мешаванд, зеро онҳо тамоми омилҳоеро, ки ба хароҷот таъсир мерасонанд, ба мисли ҳаҷмҳои гуногун ва мураккабии амалиётҳое, ки истифодаи захираҳоро талаб мекунанд, ба назар намегиранд.

Ба хамин тарик, бе истифода бурдани усулхои дурусттари бахисобгирй харочоти навъхои алохидаи махсулот кам ё зиёд карда шуда метавонад, ки ин дар навбати худ кабули карорхои асоснокро дар хамаи звенохои идоракунии корхона душвор мегардонад.

Усули ABC ба тақсимоти муфассали хароҷоти ғайримустақим дар асоси фаъолиятҳое, ки захираҳоро истеъмол мекунанд, асос ёфтааст. Баръакси усули анъанавӣ, ки хароҷоти умумиро мутаносибан ба ҳаҷми маҳсулот тақсим мекунад, усули ABC ба шумо имкон медиҳад, ки дақиқтар муайян кунед, ки кадом фаъолият боиси кадом хароҷот мегардад.

Татбиқи усули ABC дар саноати нассоҷӣ якчанд марҳилаҳои асосиро дар бар мегирад: • Муайянкунии фаъолиятҳо: Муайян кардани ҳамаи марҳилаҳои раванди истеҳсолот, аз ҷумла омодагӣ, коркард, назорати сифат, бастабандӣ ва логистика.

• Тақсимоти хароҷот ба фаъолиятҳо: Муайян кардани хароҷоте, ки ба ҳар як фаъолият, аз ҷумла хароҷоти мустақим ва бавосита тақсим карда мешаванд.

• Интихоби омилҳои хароҷот: Муқаррар намудани омилҳое, ки барои тақсимоти хароҷоти маҳсулот асос хоҳанд буд. Инхо, масалан, микдори матоъхои истехсолшуда,

мухлати кори мошинхо, микдори энергияи сарфшуда ва гайра буда метавонанд. • Таксимоти харочоти махсулот: Дар асоси ронандахои интихобшуда ва чорабинихои муайяншуда таксимоти аники харочот ба навъхои гуногуни махсулот гузаронида мешавад.

• Ҳисобкунии хароҷоти истеҳсолӣ: Дар натиҷаи ҳисоб кардани ҳар як воҳиди маҳсулот арзиши дақиқтаре ба даст овардан мумкин аст, ки ба оптимизатсияи сиёсати нархгузорӣ ва беҳтар кардани натиҷаҳои молиявии корхона мусоидат мекунад.

Фарз мекунем, ки як ширкати нассоҷӣ ду намуди матоъ истеҳсол мекунад - барои либос ва бофандагии хонагӣ. Раванди истеҳсолӣ аз якчанд марҳила иборат аст: тайёр кардани масолеҳи бофандагӣ, рангкунӣ, пардозиш ва бастабандӣ. Ҳар яке аз ин марҳилаҳо бо хароҷоти мувофиқ алоқаманд хоҳанд буд.

Масалан:

• Бофандагӣ барои нигохубини дастгоххои бофандагӣ харочоти калон ва истифодаи мехнати операторро талаб мекунад, ки харочоти муайяни коркарди масолехро инъикос мекунад.

• Раванди рангкунӣ рангҳои гаронбаҳо ва энергияи зиёдро истифода мебарад, ки ин ҳам хароҷоти ин марҳиларо зиёд мекунад.

• Пардохт ва бастабандӣ мавод ва меҳнати мушаххасро талаб мекунад, ки арзиши онҳо барои ҳар як намуди матоъ метавонад фарқ кунад.

Бо истифода аз усули ABC, ширкат метавонад хароҷотро барои ҳар як намуди матоъ дар асоси истифодаи захираҳо дуруст тақсим кунад, ки ин барои дақиқтар ҳисоб кардани хароҷоти истеҳсолот имкон медиҳад.

Усули ABC дорои якчанд бартариҳои калидӣ мебошад, ки онро махсусан барои саноати нассоҷӣ муфид мегардонад: • Дурустии ҳисобкунии хароҷот: Усули ABC имкон медиҳад, ки ҳама намуди хароҷот, аз ҷумла хароҷотҳои ғайримустақим баҳисобгирии дақиқтарро ба даст оранд, ки дар бораи хароҷот тасаввуроти воқеӣ фароҳам меорад.

• Оптимизатсияи равандҳо: Истифодаи ABC ба муайян кардани фаъолиятҳои бесамар, ки метавонанд пулро бехуда сарф кунанд, кӯмак мекунад, ки ба беҳтар шудани раванди истеҳсолот ва кам кардани хароҷот мусоидат мекунад.

• Қарорҳои дурусти идоракунӣ: Тақсимоти дақиқи хароҷот ба менеҷмент имкон медиҳад, ки дар бораи нархгузорӣ, идоракунии захираҳо ва қарорҳои стратегӣ қарорҳои дурусттар қабул кунанд.

Баҳисобгирии хароҷоти ABC ва методологияи арзиши маҳсулот як воситаи муассир барои саноати нассоҷӣ мебошад, ки барои баланд бардоштани дақиқии ҳисобкунии хароҷот ва такмил додани идоракунии захираҳо имкон медиҳад. Ин усул барои дурусттар баҳисобгирии хароҷот дар ҳар як марҳилаи истеҳсолот кӯмак мекунад ва аз ин рӯ, ба истифодаи оқилонаи захираҳо, афзоиши даромаднокӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо мусоидат мекунад.

**Адабиёт**

1. Коузер, К. Б., & Фимштейн, М. Г. (2008). Теория и практика метода ABC. – М.: Экономика.

2. Боброва, И. С. (2012). Управление затратами на предприятии. – СПб: Питер.

3. Кодиров, Ф. А. Формирование системы стратегического управленческого учета на предприятиях текстильной промышленности Республики Таджикистан / Ф. А. Кодиров, Ш. Садриддин // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2020. – № 4(52). – С. 66-71.

4. Фридман, Т. Л. (2010). «Мир, который нас окружает»: Современные экономические методы. – М.: Альпина Паблишер.

## ХУСУСИЯТҲОИ АУДИТИ АНДОЗБАНДӢ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

**Сайёраева Рухшона Шайховна** – ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи ДДМИТ Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,к. Нахимов,64/4. (+992) 931 14 30 10

Дар мақола мубрамияти аудити андозбандӣ дар рафти ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои санҷишӣ оварда шуда, қайд карда мешавад, ки сатҳу сифати хизматрасониҳои аудити андозбандӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ аз манфиат холи нест. Муаллиф истифодаи усулҳои нави аудити андозбандиро дар бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити рушди инноватсия, ва технологияҳои инноватсионӣ барои ташкил ва гузаронидани санҷиши саривақтӣ ва эътимоднок зарур мешуморанд.

**Калидвожаҳо:** мафҳум, аудит, андоз, бонк, қарз, ҳисоботҳои андозӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзӣ, инноватсия.

## ОСОБЕННОСТИ НАЛОГОВОГО АУДИТА В КОММЕРЧЕСКИХ БАНКАХ

**Сайёраева Рухшона Шайховна** – ассистент кафедры аудита и ревизии Государственного института государственной статистики и информационных технологий Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/4. (+992) 931 14 30 10

В статье рассматривается актуальность налоговых проверок в процессе организации и проведения аудиторских мероприятий, отмечается, что уровень и качество услуг по налоговому аудиту в коммерческих банках не лишены преимуществ. Автор считает необходимым применение новых методов налогового аудита в коммерческих банках в условиях развития инноваций и инновационных технологий для организации и проведения своевременных и достоверных проверок.

**Ключевые слова:** концепция, аудит, налог, банк, кредит, налоговая отчетность, коммерческие банки, кредитные организации, инновации.

## FEATURES OF TAX AUDIT IN COMMERCIAL BANKS

**Sayoraeva Rukhshona Shaykhovna** – assistant of the audit and revision department of the State Institute of State Statistics and Information Technology Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/4. (+992) 931 14 30 10

The article discusses the relevance of tax audits in the process of organizing and conducting audit activities, and notes that the level and quality of tax audit services in commercial banks are not without advantages. The author believes that it is necessary to apply new methods of tax audit in commercial banks in the context of the development of innovations and innovative technologies for organizing and conducting timely and reliable audits.

**Keywords:** concept, audit, tax, bank, credit, tax reporting, commercial banks, credit institutions, innovations.

Воқеан аудит, ин як раванди муҳими назорат ва арзёбии молиявӣ мебошад, ки барои боварӣ ҳосил кардани дурустии ҳисоботҳо ва риояи қонунҳо дар муассисаҳо, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ, истифода мешавад. Аудити андозбанди махсусан дар бонкҳо аҳамияти баланди худро дорад, зеро он ба дурустии пардохтҳои андоз ва иҷрои қонунҳои молиявӣ таъмини мустақилро дар бар мегирад. Ин раванди махсус тавассути тафтиш ва арзёбии ҳисоботҳои молиявӣ, ҳуҷҷатҳои андоз ва амалҳои бонкҳо барои ошкор кардани камбудиҳо ва қатъиян таҳлили хатарҳо амалӣ мегардад.

Дар бонкҳои тиҷоратӣ, ки мол ва хизматрасониҳои онҳо ба тиҷорат ва муштариён пешниҳод мешаванд, аниқ ва дуруст иҷро шудани пардохтҳои андоз як ҷузъи муҳими идоракунии молиявӣ ва фаъолияти бонк мебошад. Аудит метавонад ба таъмини мутобиқат бо қонунҳо, беҳтар кардани робитаҳои молиявӣ ва пешгирӣ аз хатари ҷаримаҳо ва ҳукмҳои молиявии ғайриқонунӣ кӯмак кунад [3].

Бахши бонкӣ дар рушди иқтисоди ҳар як кишвар нақши муҳим дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши бонкӣ босуръат рушд карда, ба ҳолати 31 декабри соли 2024 дар маҷмӯъ 65 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 15 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 1 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 22 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 адад ташкилоти қарзии хурд ва 23 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд [1].

Низоми бонкӣ, ҳамчун соҳаи муҳимтарин, ки манфиатҳои иқтисодии ҳамаи субъектҳои хоҷагии халқро фаро мегирад, дар рушди муносибатҳои сармоягузорӣ, амонатгузорӣ, пардохт ва муомилоти байни агентҳои иқтисодӣ нақши бузург дорад. Нигаред ба ҷадвалӣ 1.

**Ҷадвалӣ 1. - Сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2024 (адад)**

**Сарчашма:** Муаллиф дар асоси расонаи https://www.nbt.tj тартиб додаанд.

| Сохтор | 31.12.2023 | 31.12.2024 | Тағийрот |
|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 63 | 65 | 2 |
| Бонкҳо | 15 | 16 | 1 |
| Бонкҳои анъанавӣ | 14 | 15 | 1 |
| Бонкҳои исломӣ | 1 | 1 | - |
| Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ | 1 | 1 | - |
| Ташкилотҳои маблағгузории хурд | 47 | 48 | 1 |
| Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | 19 | 22 | 3 |
| Тшкилотҳои қарзии хурд | 3 | 3 | - |
| Фондҳои қарзии хурд | 25 | 23 | -2 |
| Воҳидҳои сохтории ТҚМ | 1 897 | 1 928 | 31 |
| Филиалҳо | 330 | 344 | 14 |
| Равзанаи бонкии исломӣ | 2 | 3 | 1 |
| Марказҳои хизматрасонии бонкӣ | 1 229 | 1 235 | 6 |
| Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд | 335 | 340 | 5 |
| Нуқтаи хизматрасонии хазинавӣ | - | 6 | 6 |

Аз ҷадвали 1. мушоҳида, ки дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бонкии кишвар давра ба тавра рушд ва фаъолият кардаистодааст.

**Ҷадвалӣ 2. - Сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2024** (млн. сомонӣ)

| Гурӯҳбандии қарзҳо | 31.12.2023 | 31.12.2024 | Тағийрот |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ (маҷмӯӣ), аз ҷумла | 17 844,8 | 21 377,7 | 3 532,1 |
| Фаъол | 15 606,2 | 19 856,3 | 4 250,1 |
| Ғайрифаъол | 2 238,6 | 1 521,4 | -717,3 |
| Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол | 12,5% | 7,1% | -5,4 б.ф. |
| Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол (холис) | 0,0% | 0,9% | 0,9 б.ф. |

**Сарчашма:** Муаллиф дар асоси расонаи https://www.nbt.tj тартиб додаанд.

Аз ҷадвали 2. бар меояд, ки сифати сандуқи қарзӣ ташкилотҳои молиявӣ сол то сол афзоиш ёфта, яъне нисбати соли 2023 ба маблағи 3 532,1 млн сомонӣ 1,19% банди фоиз зиёд шудааст. Қарзҳо фаъол бошад нисбати соли 2023 ба маблағи 4 250,1 млн сомонӣ, яъне 1,27 банди фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳаминро бояд гуфт, ки саҳми ташкилотҳои молиявии кишвар дар рушди иқтисодиёти миллӣ нақши бузур дорад [1].

Аудити андозбанди, бо истилоҳи содда, равиши санҷиш ва арзёбии дурустии ҳисоботҳои молиявӣ ва пардохтҳои андоз мебошад. Ҳадафи он таҳлил кардани дурустии ҳисоботи молиявии бонкҳо ва муайян кардани он аст, ки оё ҳамаи пардохтҳои андоз ва хароҷоти марбут ба андоз ба дурустӣ, дар миқдори дуруст ва дар вақти муқарраршуда иҷро шудаанд ё ин, ки ҳисоботҳо сари вақт пешниҳод нашуданд. Аудитори андоз бояд ҷиҳатҳои гуногуни ҳисоботҳои молиявӣ, на танҳо дар сатҳи расмии ҳисоботҳо, балки дар сатҳи истифодаи сомонаҳо, ҳисоботҳои ҷорӣ, ва дигар маълумотҳоро бо сарфаҳмии амиқ таҳлил кунад. Ин ба аудитор кӯмак мекунад, ки ба дурустии андозҳои пардохтӣ ва сабабҳои эҳтимолии хато дар ҳисоботҳо ҳангоми таҳлили пурра таваҷҷӯҳ кунанд [2].

Аудитор дар рафти санҷиш аз принсипҳо ва меъёрҳои аудити андозбандӣ пурра истифода барад:

Барои иҷрои дурусти аудит ва кафолат додани натиҷаҳои молиявӣ, аудиторҳо бояд ба якчанд меъёр ва стандартҳои байналмилалӣ риоя кунанд. Ин меъёрҳо иловатан ба стандартҳои маҳаллӣ низ мутобиқ карда мешаванд.

-Таъсири ҳисоботи молиявӣ: Аудитори андоз бояд таъсири ҳисоботи молиявӣ дар бахши пардохтҳои андоз ва дурустии ҷамъоварии андозҳоро баррасӣ кунад. Барои ин, аудитори андоз бояд ҳамаи маълуматҳои молиявии бонкро ба таври мукаммал таҳлил кунад.

-Шаффофият ва мӯҳлат: Аудит дар мавриди андоз бояд шаффоф ва мустақил бошад, ва аудитори андоз бояд раванди шенасоии хатарҳоро ба таври васеъ баррасӣ кунад.

-Таъсиси тавозун дар ҳисоботҳои молиявӣ: Ҳар як гузариш дар ҳисоботҳои молиявии бонк дар раванди аудити андоз муайян карда мешавад. Онҳое, ки барои таҳсил ва беҳбуди раванди ҳисоботсозӣ мувофиқ нестанд, метавонанд дар оянда таъсир гузоранд.

Методолгияи аудити андозбанди дар бонкҳо усули мукаммали таҳлил ва санҷиш барои муайян кардани дурустии пардохтҳои андоз ва мутобиқат бо қонунҳо мебошад. Равишҳои асосии аудити андоз дар бонкҳо иборатанд аз:

-Шинасоии ҳисоботҳои молиявӣ аудитори андоз бояд ҳамаи ҳисоботҳои молиявии бонкро шинасоии амиқ кунад, ки оё онҳоро дуруст ба ҳисоб гирифтаанд ва ё не. Таҳлили аниқ барои муайян кардани ҳама гуна хатоҳо ё омилҳое, ки метавонанд таъсир гузоранд, зарур аст.

-Раҳнамои ҳисоботи андоз аудитори андоз бояд ба хати роҳнамоии дурустии ҷамъоварӣ ва пардохтҳои андоз пайгирӣ кунад. Ин шахс бояд кӯмак кунад, ки ҳама пардохтҳо ва арзёбиҳо дуруст анҷом дода шаванд.

-Шенасоии хатарҳо ва таҳлил кардани камбудиҳо ва хатари пардохтҳои ғайриқонунӣ ё хато дар ҳисоботҳо як қисми муҳимтарини аудити андоз мебошад. Аудиторҳо метавонанд ба сабабҳои хато дар ҳисоботҳо пай баранд ва кӯшиш кунанд, ки ин хатарҳоро пешгирӣ кунанд.

Аз маводҳои ҷамъовардашудаи мақолаи илмӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки аудити андозбандӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ як ҷузъи муҳими таъмини мутобиқат бо қонунҳо ва таъмин намудани дурустии ҳисоботҳои молиявӣ мебошад. Аудиторон ба ташкилотҳо кӯмак мекунад, ки дар натиҷа камбудиҳои молиявӣ ё мушкилотро пешгирӣ кунанд ва дар оянда фаъолияти молиявии ташкилотҳо дуруст ба роҳ монанд. Бо истифода аз меъёрҳои дуруст ва технологияҳои муосир, аудиторони андоз метавонад дар самти пешрафти соҳа ва баланд бардоштани шаффофияти молиявӣ ва тарзи дурусти ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳо мусоидаткунанда бошад.

**Адабиёт**


1. https://www.nbt.tj
2. Кучукова Н. М., Мухамадиева Э. Ф. Аудит налогообложения. Учебное пособие 2021.
3. Тилабов Ё.Э., Саидов Р.Н., Абдулхайров Ф.М. Аудити андозбандӣ (Васоити таълимӣ), Душанбе 2023 саҳ 180.
4. Тилабов Ё.Э., Саидов Р.Н., Абдулхайров Ф.М., Оев А.Д. Асосҳои аудит (Васоити таълимӣ), Душанбе 2022 саҳ 141.


## ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**Ҳасанов Қувватали Абдухалилович** – ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи ДДМИТ Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,к. Нахимов,64/4. (+992) 000 50-19-19

Дар мақола мубрамияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-рақамӣ дар рафти ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои санҷишӣ оварда шуда, қайд карда мешавад, ки сатҳу сифати хизматрасониҳои хадамоти аудити дохилӣ аз бисёр ҷиҳатҳо аз ташкили низоми иттилоотии омӯхташаванда вобаста мебошад. Муаллиф истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар шароити рушди инноватсия, бахусус иқтисодиёти рақамӣ барои ташкил ва баргузории санҷиши саривақтӣ ва эътимоднок муҳим мешуморанд.

**Калидвожаҳо:** аудити дохилӣ, технологияҳои иттилоотӣ, иқтисоди рақамӣ, супориши аудитӣ, касбият, идоракунии таваккал, самаранокӣ, стандартҳои байналмилалии аудит.

## ОРГАНИЗАЦИЯ И ПРОВЕДЕНИЕ ВНУТРЕННЕГО АУДИТА В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

**Хасанов Кувватали Абдухалилович** – ассистент кафедры аудита и ревизии Государственного института государственной статистики и информационных технологий

Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/4. (+992) 000 50-19-19

В статье рассматривается актуальность использования цифровых информационных технологий при организации и проведении аудиторской деятельности, отмечается, что уровень и качество услуг внутреннего аудита во многом зависят от организации исследуемой информационной системы. Авторы считают важным использование информационных технологий в условиях развития инноваций, особенно цифровой экономики, для организации и проведения своевременного и достоверного тестирования.

**Ключевые слова**: внутренний аудит, информационные технологии, цифровая экономика, аудиторское задание, профессионализм, управление рисками, эффективность, международные стандарты аудита.

## ORGANIZING AND CONDUCTING INTERNAL AUDIT IN THE DIGITAL ECONOMY

**Khasanov Kuvvatali Abdukhalilovich** – assistant of the audit and revision department of the State Institute of State Statistics and Information Technology Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/4. (+992) 000 50-19-19

The article discusses the relevance of using digital information technologies in organizing and conducting audit activities, noting that the level and quality of internal audit services largely depend on the organization of the information system under study. The authors consider it important to use information technologies in the context of innovation development, especially the digital economy, to organize and conduct timely and reliable testing.

**Key words:** internal audit, information technology, digital economy, audit assignment, professionalism, risk management, efficiency, international auditing standards.

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ фаъолияти аудиторӣ набояд аз ин пешравӣ дар канор бошад. Гузариши ширкатҳои аудиторӣ ба шароити иқтисоди рақамӣ аз зиддиятҳо ва монеаҳои зиёде холӣ нест. Ҷорӣ намудани истифодаи технологияҳои компютерӣ дар аудит барои таъмини фаъолияти аудиторӣ дар низоми иқтисоди рақамӣ шароити мусоидро фароҳам меоварад.

Аудити дохилӣ ҳамчун фаъолияти мустақил ва объективӣ оид ба гузаронидани санҷиш, баҳодиҳӣ ва машваратдиҳии низомҳои идоракунӣ ва дигар низомҳо, ки бо мақсади мусоидат намудан ба фаъолияти қонунӣ, самаранок ва натиҷабахши ташкилотҳои бахши давлатӣ анҷом дода мешавад, нигаронида мешавад [3].

Яке аз ҳолатҳои муҳими ба асосҳои ташкил ва гузронидани аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ вобастабуда принсипҳо ва меъёрҳои дар моддаи 4-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки мустақилиятӣ, беғаразӣ, салоҳиятнокӣ, зарурии касбият, бовиҷдонӣ, масъулиятокӣ ва махфият мебошад [1].

Ташкили аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақсади таъмини иҷроиши саривақтии уҳдадориҳои масъулин нигаронида шудааст. Асосҳои институтсионалии аудити дохилӣ ҳолатҳои зеринро дар назар дорад:

1) Ошкор намудан ва баҳодиҳии таваккал дар ташкилотҳои бахши давлатӣ дар заминаи ҷамъоварии фаврӣ, таҳлил ва омӯзиши иттиоот;

2) Баҳодиҳии мувофиқат ва самаранокии низоми идоракунии молия ва назорат аз нуқтаи назари:

- ҳаммонандкунӣ, баҳодиҳӣ ва идоракунии таваккал аз ҷониби роҳбарияти ташкилотҳои бахши давлатӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ;

- риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ;

- боэътимод ва ҳаматарафа будани иттилооти ҷамъовардашуда, ки аҳамияти иҷтимоӣ доранд;

- судмандӣ, самаранокӣ ва сарфакорӣ;

- таъмини амнияти дороиҳо ва ҳуҷҷатҳо бо роҳи идоракунии саривақтии низоми иттилоотии онҳо;

- иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба мақсадҳо.

Тибқи муқаррароти Моддаи 12-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ таъсиси воҳиди сохтории аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ дар ҳолатҳои зерин ҳатмӣ мебошад [2].

- ҳаҷми маблағгузорӣ аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз якуним миллион нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад;

- шумораи миёнаи кормандонашон дар соли тақвимӣ зиёда аз 800 (ҳаштсад) нафар бошад.

Ҳолатҳои зикршуда васеъ гардидани иттилооти муҳосибиро ба вуҷуд меоранд, ки имконияти ба таври датсӣ ба роҳ мондани баҳисобгирию аудити онҳо мушкил мегардад. Дар натиҷа зарурати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ пеш меояд.

Дар ташкилотҳои бахши давлатие, ки воҳиди сохтории аудити дохилӣ надоранд, аудити дохилӣ тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ гузаронида мешавад. Фаъолияти аудитори дохилӣ дар мақомоти маҳаллии молия бошад, тибқи дастурҳои методии мақомоти ваколатдори давлатӣ анҷом дода мешавад [4].

Доираи амали аудити дохилӣ барои ҳар як ташкилоти бахши давлатӣ дар муқоиса бо дигар ташкилот ва сохторҳое, ки захираҳои онҳо аз ҷониби худашон назорат карда мешавад фарққунанда мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳолати ба вуҷуд омадани бархӯрди манфиатҳо корманди воҳиди сохтории аудити дохилӣ бояд роҳбари ташкилоти бахши давлатиро огоҳ намояд ё дар ҳолати ба бархӯрди манфиатҳо ҳамроҳ будани роҳбари ин ташкилот аз ин хусус роҳбари тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетиро хабардор намояд.

Тибқи талаботи қонунгузории соҳа аудиторҳои дохилӣ бояд талаботи паҳн накардани иттилоотеро, ки ба онҳо ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳо дастрас шудааст, ғайр аз ҳолатҳои истисноӣ, риоя намоянд.

Тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷи-

кистон маводи санҷиши хазинадорӣ махфӣ мебошад. Ба дигар шахс додани ҳуҷҷатҳои дахлдор маълумоти электронӣ, ки дар технологияҳои иттилоотӣ нигоҳ дошта мешаванд, танҳо бо иҷозати хаттии роҳбари ташкилоти бахши давлатӣ, гирифтани он бошад, тибқи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Аудиторони дохилӣ низ аз натиҷаи иҷрои супоришҳои санҷишӣ гузориши хаттӣ омода менамоянд. Гузориши аудитӣ - ҳуҷҷати расмии аудити дохилӣ мебошад, ки аз

иттилоот оид ба доираи фарогирӣ ва мақсадҳои супориши аудитӣ иборат буда, аз ҷумла хулосаҳои воқеӣ ва пешниҳодҳои аудиторро дар бар мегирад.

Баъди анҷом додани санҷиш аудитори дохилӣ ё роҳбари гурӯҳи аудиторони дохилӣ ӯҳдадор аст дар давоми даҳ рӯз ду нусхаи гузориши хаттиро тайёр намояд, ки як нусхаи он ба роҳбари ташкилоти бахши давлатии санҷидашуда супорида мешавад ва нусхаи дигараш, дар воҳиди сохтории аудити дохилӣ нигоҳ дошта мешавад.

Ҳамин тариқ, дар шароитҳои муосир талаботи ба низоми назорат ва аудити дохилӣ пешниҳодшаванда ба сатҳи нави сифатӣ мебароянд. Хусусан истифодаи технологияҳои иттилоотӣ имконият медиҳанд, ки аудиторон сари вақт бо иттилоот дастрасӣ дошта бошанд. Дар ин маврид сифати низоми аудити дохилӣ, самаранок амалкунии вай бо он алоқаманд аст, ки фаъолияти назоратӣ-аудиторӣ бо кадом дараҷа стандартӣ аст ва ба қоидаҳои фаъолияти назоратӣ-аудиторӣ дар корхонаҳои бахши давлатӣ мувофиқат менамояд.

Ҳамчун хулоса метавон гуфт, ки дар таъсисдиҳӣ ва ташкили кори самараноки хадамоти аудити дохилӣ дар корхонаҳои бахши давлатӣ таҷрибаи дар ин соҳа ғуншудаи байналмилалӣ нақши муҳим дорад. Ин ба низоми стандартҳои аудити дохилӣ низ дахл дорад. Хусусан стандартҳои аз ҷониби Кумита оид ба стандартҳои Ташкилоти байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ (INTOSAI) таҳиягардида барои гирд овардани иттилооти пурра ва саривақтӣ мусоидат хоҳад кард. Истифодаи ҳатмии технологияҳои иттилоотӣ дар рафти ташкил ва гузаронидани аудит аз ҷониби стандартҳои байналмилалӣ таъкид шудаанд [5].

Технологияҳои муосири иттилоотӣ барои рафти корҳои ҳисобдорӣ ва аудит имкониятҳои васеъ намудани вазифаҳои онҳоро ба миён меорад, ки ин то андозае самаранокии ҷамъоварию коркард ва таҳлилу пешниҳоди маълумотро метезонад. Аз нигоҳи мо истифодаи технологияҳои муосир дар аудит барои иҷрои вазифаҳои зерин мусоидат менамояд:

- мавқеъҳои таҳлилиро тавассути рамзгузорӣ ва тасҳеҳи минбаъда таъмин менамоянд;
- ҳуҷҷатҳои корхона якбора кам карда мешаванд;
- вуруди ҳуҷҷатҳо ва интиқоли электронии онҳо дар асоси имзоҳои электронии рақамӣ ба роҳ монда мешавад;
- имконияти таҳлили муфассали амалиёти инфиродии равандҳои бизнес;
- арзёбии самаранокии истифодаи дороиҳои ташкилот.

**Адабиёт**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ” аз 21 июли соли 2010, № 631. – http://mmk.tj

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи идораи молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ” аз 21 июли соли 2010, № 626. – http://mmk.tj

3.Овсийчук В.Я. Внутренний аудит: учеб. пособие / В.Я. Овсийчук, К.М. Кондратьев, И.П. Драчена. – М.: Дашков и К, 2004 (ПИК ВИНИТИ). – 300 с.

4.Саунин А.Н. Аудит эффективности использования государственных средств. Учебное пособие.-М.: Издательство Московского университета, 2015.– 336 с.

5.Сотникова Л.В. Оценка состояния внутреннего аудита, Практическое пособие/ под ред. проф. В.И, Подольского. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2005. – 143 с.

## МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ


| № | Ном, насаб ва номи падар | Номи мавзуъ | Саҳифа |
|---|---|---|---|
| 1. | Тилабов Ё.Э. | Хусусиятҳои аудити андозбандӣ дар корхонаҳои саноатӣ | 3-6 |
| 2. | Бобомуродов Б.Э. | Масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6-10 |
| 3. | Сабзаева М.С. | Методологии баҳисобгиирии идоракунӣ дар бонкҳо дар шароити рақамикунонӣ | 10-14 |
| 4. | Олимов Д.А. | Хусусиятҳои ташкилию технологии истеҳсолоти қаннодӣ ва таъсири он ба баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунии маҳсулот | 14-18 |
| 5. | Хукматов Д.Ҷ. | Роҳҳои ташкили назорати дохилӣ дар раванди идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ | 18-23 |
| 6. | Мирзозода А.Д. | Ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар шароити ташаккули шуғли пурмаҳсул | 23-30 |
| 7. | Шарифова Р.Н. | Ҷорӣ намудани усулҳои баҳисобгирӣ ва ба расмият даровардани ҷараёнҳои иктисодии корхонахо дар шароити иктисодӣ | 30-34 |
| 8. | Иброҳимов Т.Р. | Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити саноатикунонии мамлакат | 34-38 |
| 9. | Каримов Н.Я. | Асосҳои назариявӣ ва методологии ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) | 38-42 |
| 10. | Бобомуродов П.Х. | Такмилдиҳии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) | 42-46 |
| 11. | Абдураҳмонов С. | Масъалаҳои назариявии сиёсати ҳисобдорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ | 46-49 |
| 12. | Тилакмуродова С.Д., Наврузҷони С. | Натиҷаҳо ва нишондиҳандаҳои молиявии ҳисоботҳои муассисаҳои буҷетӣ | 50-53 |
| 13. | Давлатмамадова А.Б. | Баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо | 53-56 |
| 14. | Тилакмуродова С.Д. | Мавқеи баҳисобгирии муҳосибӣ дар рушди саноатикунонии кишвар дар шароити иқтисоди рақамӣ | 56-60 |
| 15. | Раҷабов С.Р. | Ташаккул, таснифот ва баҳодиҳии масрафи нерӯи барқ тибқи СБҲМ | 60-64 |
| 16. | Султонова С.М. | Основные аспекты совершенствования бухгалтерского учета в государственном секторе РТ | 64-67 |
| 17. | Ҷализода У.А. | Нақши иқтисоди сабз дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 67-70 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 18. | Тилакмуродова С.Д., Саидов З. | Моҳият, мазмун ва таъиноти ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ | 71-73 |
| 19. | Шодиев К.Қ. | Мавқеи соҳибкории хурд ва миёна дар иқтисод ва ғайрисамаранокии он | 74-78 |
| 20. | Холов Р.Ш., Бурҳонов Б.Ҷ. | Таҳлили омории сохтори соҳавии қарзҳо дар иқтисодиёти миллӣ | 78-82 |
| 21. | Ҳалимзода М.Ҳ. | Ҳамбастагӣ ва ҳамвобастагии низоми бонкӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ | 82-87 |
| 22. | Эмомов М.Д. | Ташкил ва таҳлили музди меҳнат дар шароити муосир | 87-91 |
| 23. | Баротов А.А., Эмомов М.Д. | Таъминоти пулии иқтисодиёт дар танзими муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ | 91-95 |
| 24. | Хамидова Н.М. | Нақши иқтисодиётӣ сабз дар рушди иқтисодиёти миллӣ | 96-98 |
| 25. | Давлатёрова Б.Ҷ. | Ҷанбаҳои назариявии пайдоиши пул ва моҳияти иқтисодии он | 98-102 |
| 26. | Абдуллоева Ш.Ф. | Хусусияти ҳавасмандкунии коргар дар бозори меҳнат дар шароити муосир | 102-105 |
| 27. | Давлатова Н.И. | Афзалияти иқтисоди рақамӣ дар рушди устувори иқтисодёти миллии тоҷикистон | 105-108 |
| 28. | Одинаев А.С. | Таъмини рушди устувори шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнат | 108-113 |
| 29. | Саидов Р.Н. | Рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 113-116 |
| 30. | Баротов А.Х. | Иқтидори андозии минтақа ва омилҳои ташаккулёбии он (дар мисоли вилояти Хатлон) | 116-121 |
| 31. | Абдулхайров Ф.М. | Аудити идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ | 121-125 |
| 32. | Шаҳнозаи С. | Методологияи баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти саноати нассоҷӣ бо усули ABC (Activity-Based Costing) | 125-128 |
| 33. | Сайёраева Р.Ш. | Хусусиятҳои аудити андозбандӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ | 128-131 |
| 34. | Ҳасанов Қ.А. | Ташкил ва гузаронидани аудити дохилӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ | 131-134 |